ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД

# КУЛЛИЁТИ АШЪОР

ДУШАНБЕ
2020

**ББК 84 тоҷик 7-5**
**Ф – 17**

Баргардони матн: **Исмоили ЗАРИФӢ**
Муҳаррир: **Равшани ҲАМРОҲ**
Мусаҳҳеҳ: **Миҷгонаи АЮБЗОДА**

**Фуруғи Фаррухзод.** Куллиёти ашъор**.** – Душанбе, 2020. – 248 саҳ.

*«Куллиёти ашъор»*- *и шоираи ширинзабон Фуруғи Фаррухзод (1935—1967) фарогири куллияи мероси назмии шоира буда, барои доираи васеи хонандагон пешниҳод мегардад.*

**© Исмоили ЗАРИФӢ, 2020**

## БА ҶОИ ПЕШГУФТОР

Шеъре аз Шоираи халқии Тоҷикистон Зулфия Атоӣ

### ДАРДВОРА
***Барои Фурӯғи Фаррухзод***

Эй Фурӯғи дил, эй Фурӯғи ҷон,
Гаштаӣ афсона дар лабҳо.
Эй парӣ, аз олами руъё,
Мерасӣ бар ёди ман шабҳо.

Шишта будам ба сари гӯрат,
Бо дили гирёну лаб хомӯш.
Шеъри ту бар лаб Лизо[1] омад,
Санги беҷонро гирифт оғӯш.

Бо алам мехонд ашъорат,
Ғуссаашро шеър менолид.
Аз хуруҷи ишқ ғамбемор,
Санги сарди гӯр мемолид.

Рафтаӣ бар гӯшаи хилват,
Қабри беҳосил паногоҳат.
Ҳастӣ он ҷо шояд осуда,
Рӯҳ ба гардун мекунад роҳат.

Нимасӯзе бинам ин ҷо шамъ,
Лолабарге хушк афтода.
Аз парешон зулфи духтарҳо,
Бар мазорат мушк афтода.

---

[1] **Лизо** – шоираи афғон

Аз нигоҳи сарди зоҳирбин,
Рафта будӣ бас дилозурда.
Хоҳарам, охир шудӣ фориғ
Андаруни хоки афсурда.

Ман яке мусичаи захмӣ,
Дар ниҳоди дил ҳавас аз гӯр.
Лашкаре бо Аҳриманзоде
Ҳаст дар қасди яке терур.

Аз дурӯғу туҳмати ағёр,
Орзуям меравад барбод.
Дар шаби сарди зимистонӣ,
Ях кунад гирди лабам фарёд.

*Фурӯғ шоираи эронист, ки соли 1935 дида ба олам кушодаасту соли 1967 дар зодгоҳаш шаҳри Теҳрон зиндагиро ба тариқи фоҷеавӣ дар садамаи автомобилӣ тарк намудааст. Ӯ аввал дар дабиристони «Хусрави Ховар» таҳсил кардааст*

*Сипас дар ҳунаристонн бонувон хайётӣ ва наққоширо омӯхтааст ва дар ин ҳунарҳо низ дастовардҳое ба каф овардааст.*

*Аз сездаҳсолагӣ ба шеърнависӣ сар карда буд ва дар андак муддат шуҳрат ёфт. Ҳанӯз дар ҳабдаҳсолагӣ нахустин маҷмӯаи ашъораш бо номи «Асир» соли 1952 аз чоп баромад.*

*Шеърҳои баъдинааш дар маҷмӯаҳои «Девор» (1957), «Исён» (1958), «Таваллуде дигар» (1964) ва «Баргузидаи ашъор (1965) гирд омадаанд.*

*Мавзӯи асосии шеърҳои Фурӯғи Фаррухзод тавсифи хушиҳои зиндагӣ, дилрабоии зан, сӯзу гудози ишқ аст. «Зиндагӣ», «Эътироф», «Гурезу дард», «Даъват» ва дигар шеърҳояш бо шӯру шавқ ва ҳиссиёти баланд эҷод шудаанд ва аз рӯзи эҷодашон писанди хотири хонандагон гаштаанд. Қаҳрамони лирикии шоира пеш аз ҳама зан – модар, зани ошиқ, ҷӯянда, поксиришт ва муборизест, ки аз дарду алам ва беҳуқуқии зан сухан гуфта, мақоми ӯро дар ҷамъият баланд мебардорад. «Шеъре барои ту», «Зевари зан», «Исён», «Ба хоҳарам», «Рози ман» ва ғайра аз ин гуна шеърҳоянд. Намоишномаи «Иоаннаи муқаддас»-н Бернард Шоуро ба форсӣ тарҷума карда буд. Дар кино низ ҳунарнамоӣ кардааст. Аз ӯ 2 киносенария, 2 романи нотамом ва тарҳҳои зебои наққошӣ боқӣ мондаанд. Дар ватанаш ба унвони «малика ва ситораи шеър», «оқилаи аср» ва «шоираи бузург» машҳур аст.*

*Ашъораш дар Тоҷикистон шуҳрати зиёд дорад. Шеърҳояш ба забони русӣ низ тарҷума шудаанд.*

# ДАФТАРИ АВВАЛ: «АСИР»

## ШАБ ВА ҲАВАС

Дар интизори хобаму сад афсӯс,
Хобам ба чашми боз намеояд.
Андуҳгину ғамзада мегӯям:
Шояд зи рӯйи ноз намеояд.

Чун соя гашта хобу намеафтад,
Дар домҳои равшани чашмонам.
Мехонад он нуҳуфтаи номаълум,
Дар зарбаҳои набзи парешонам.

Мағруқи ин ҷавонии маъсум,
Мағруқи лаҳзаҳои фаромӯшӣ.
Мағруқи ин саломи навозишбор
Дар бӯсаву нигоҳу ҳамоғӯшӣ.

Мехоҳамаш дар ин шаби танҳоӣ
Бо дидагони гумшуда дар дидор.
Бо дард, дарди сокити зебоӣ,
Саршор аз тамомии худ, саршор.

Мехоҳамаш, ки бифшурадам бар хеш
Бар хеш бифшурад мани шайдоро.
Бар ҳастиям бипечад, печад сахт,
Он бозувони гарму тавоноро.

Дар лобалои гардану мӯҳоям
Гардиш кунад насими нафасҳояш.
Нӯшад, бинӯшадам, ки бипайвандам,
Бо рӯди талхи хеш ба дарёяш.

Ваҳшию доғу пураташу ларзон,
Чун шуълаҳои саркаши бозигар.

Даргирам, ба ҳамҳама даргирад,
Хокистарам бимонад дар бистар.

Дар осмони равшани чашмонаш
Бинам ситораҳои таманноро.
Дар бӯсаҳои пуршарараш ҷӯям
Лаззоти оташини ҳавасҳоро.

Мехоҳамаш, дареғо, мехоҳам,
Мехоҳамаш ба тира, ба танҳоӣ.
Мехонамаш ба гиря, ба бетобӣ,
Мехонамаш ба сабр, шикебоӣ.

Лабташна медавад нигаҳам ҳар дам,
Дар ҳафраҳои шаб, шаби бепоён.
Ӯ, он паранда шояд мегиряд,
Бар боми як ситораи саргардон.

## ШУЪЛАИ РАМИДА

Мебандам ин ду чашми пуроташро,
То нангарад даруни ду чашмонаш.
То доғу пуртапиш нашавад қалбам
Аз шуълаи нигоҳи парешонаш.

Мебандам ин ду чашми пуроташро,
То бигзарам зи водии расвоӣ.
То қалби хомӯшам накашад фарёд
Рӯ мекунам ба хилвату танҳоӣ.

Эй раҳравони хаста, чӣ меҷӯед
Дар ин ғуруби сард зи аҳволаш.
Ӯ шуълаи рамидаи хуршед аст,
Беҳуда медавед зи дунболаш.

Ӯ ғунчаи шукуфтаи маҳтоб аст,
Бояд ки мавҷи нур бияфшонад,
Бар сабзазори шабзада чашме,
К-ӯро ба хобгоҳи гунаҳ хонад.

Бояд ки атри бӯсаи хомӯшаш
Бо нолаҳои шавқ биёмезад,
Дар гесувони он зани афсунгар
Девонавор ишқу ҳавас резад.

Бояд шароби бӯса биёшомад
Аз соғари лабони фиребое,
Мастона сар гузораду оромад
Бо такягоҳи синаи зебое.

Эй орзуи ташна ба гирди ӯ
Беҳуда тори умр чӣ мебандӣ?
Рӯзе расад, ки хаставу вомонда
Бар ин талоши беҳуда механдӣ?

Оташ занам ба хирмани уммедат
Бо шуълаҳои ҳасрату нокомӣ.
Эй қалби фитнаҷӯи гунаҳкарда,
Шояд даме зи фитна биёромӣ.

Мебандамат ба банди гарони ғам
То сӯи ӯ дигар накунӣ парвоз.
Эй мурғи дил,хаставу бетобӣ,
Дамсоз бош бо ғами ӯ, дамсоз.

## РАМИДА

Намедонам, чӣ мехоҳам, Худоё,
Ба дунболи чӣ мегардам шабу рӯз?

Чӣ мечӯяд нигоҳи хастаи ман,
Чаро афсурда аст ин қалби пурсӯз?

Зи ҷамъи ошноён мегурезам,
Ба кунҷе мехазам орому хомӯш.
Нигоҳам ғуттавар дар тирагиҳо,
Ба бемори дили худ медиҳам гӯш.

Гурезонам аз ин мардум, ки бо ман
Ба зоҳир ҳамдаму якранг ҳастанд.
Вале дар ботин аз фарти ҳақорат,
Ба домонам дусад пироя бастанд.

Аз ин мардум, ки то шеърам шуниданд,
Ба рӯям чун гули хушбӯ шукуфтанд.
Вале он дам, ки дар хилват нишастанд,
Маро девонае бадном гуфтанд.

Дили ман, ай дили девонаи ман,
Ки месӯзӣ аз ин бегонагиҳо.
Макун дигар зи дасти ғайр фарёд,
Худоро, бас кун ин девонагиҳо...

## ХОТИРОТ

Боз дар чеҳраи хомӯши хаёл
Ханда зад чашми гунаҳомӯзат.
Боз ман мондаму дар ғурбати дил
Ҳасрати бӯсаи ҳастисӯзат.

Боз ман мондаму як мушти ҳавас
Боз ман мондаму як мушти умед.
Ёди он партави сӯзандаи ишқ,
Ки зи чашмат ба дили ман тобид.

Боз дар хилвати ман дасти хаёл,
Сурати шоди туро нақш намуд.
Бар лабонат ҳаваси мастӣ рехт,
Дар нигоҳат аташи тӯфон буд.

Ёди он шаб, ки туро дидаму гуфт
Дили ман бо дилат афсонаи ишқ.
Чашми ман дид дар он чашми сиёҳ,
Нигаҳи ташнаву девонаи ишқ.

Ёди он бӯса, ки ҳангоми видоъ
Бар лабам шуълаи ҳасрат афрӯхт.
Ёди он хандаи берангу хамӯш,
Ки саропои вуҷудамро сӯхт.

Рафтию дар дили ман монд ба ҷой,
Ишқи олуда ба навмедиву дард.
Нигаҳе гумшуда дар пардаи ашк,
Ҳасрате ях зада дар хандаи сард.

Оҳ, агар боз ба сӯям оӣ,
Дигар аз каф надиҳам осонат.
Тарсам ин шуълаи сарзиндаи ишқ
Охир оташ фиканад бар ҷонат.

## **РУЪЁ**

Боз ман мондаму хилвате сард
Хотироте зи бигзаштаи дур,
Ёди ишқе, ки бо ҳасрату дард
Рафту хомӯш шуд дар дили гӯр.

Рӯи вайронаҳои уммедам
Дасти афсунгаре шамъе афрӯхт.

Мурдаи чашми пуроташашро
Аз дили гӯр бар чашми ман дӯхт.

Нола кардам, ки эй вой, ин ӯст,
Дар дилам аз нигоҳаш ҳаросе.
Хандае бар лабонаш гузар кард,
К-эй ҳавасрон, маро мешиносӣ?

Қалбам аз фарти андуҳ ларзид,
Вой бар ман, ки девона будам.
Вой бар ман, ки куштам ӯро,
Ваҳ, ки бо ӯ чӣ бегона будам.

Ӯ ба ман дил супурду ба ҷуз ранҷ
Кай шуд аз ишқи ман ҳосили ӯ.
Бо ғуруре, ки чашми маро баст,
По ниҳодам ба рӯи дили ӯ.

Ман ба ӯ ранҷу андуҳ додам,
Ман ба хоки сиёҳаш нишондам.
Вой бар ман, Худоё, Худоё,
Ман ба оғӯши гӯраш кашондам.

Дар сукути лабам нола печид,
Шуълаи шамъ мардона ларзид.
Чашми ман аз дили тирагиҳо
Қатраашке дар он чашмҳо дид.

Ҳамчу тифле пушаймон давидам,
То ки дар пояш афтам ба хорӣ.
То бигӯям, ки девона будам,
Метавонӣ ба ман раҳмат орӣ.

Доманам шамъро сарнагун кард,
Чашмҳо дар сиёҳӣ фурӯ рафт.

Нола кардам марав, сабр кун, сабр,
Лекин ӯ рафт, бегуфтугӯ рафт.

Вой бар ман, ки девона будам,
Ман ба хоки сиёҳаш нишондам.
Вой бар ман, ки куштам ӯро,
Ман ба оғӯши гӯраш кашондам.

## ҲАРҶОӢ

Аз пеши ман бирав, ки дилозорам,
Нопойдору сусту гунаҳкорам.
Дар кунҷи сина як дили девона,
Дар кунҷи дил ҳазор ҳавас дорам.

Қалби ту поку домани ман нопок,
Ман шоҳидам ба хилвати бегона.
Ту аз шароби бӯсаи ман мастӣ,
Ман сархуш аз шаробаму паймона.

Чашмони ман ҳазор забон дорад,
Ман соқиям ба маҳфили сармастон,
То кай зи дарди ишқ сухан гӯӣ,
Гар бӯса хоҳӣ аз лаби ман, бистон.

Ишқи ту ҳамчу партави маҳтоб аст
Тобида бехабар ба лаҷанзоре,
Борони раҳматест, ки меборад
Бар санглохи қалби гунаҳгоре.

Ман зулмату табоҳии ҷовидам,
Ту офтоби равшани уммедӣ!
Бар ҷонам, эй фурӯғи саодатбахш
Дерест ин замон, ки ту тобидӣ.

Дер омадию доманам аз каф рафт,
Дер омадию ғарқи гунаҳ гаштам.
Аз тунбоди зиллату бадномӣ
Афсурдаму чу шамъ табаҳ гаштам.

## АСИР

Туро мехоҳаму донам, ки ҳаргиз
Ба коми дил дар оғӯшат нагирам.
Туӣ он осмони софу равшан,
Ман ин кунҷи қафас мурғи асирам.

Зи пушти милаҳои сарду тира
Нигоҳи ҳасратам ҳайрон ба рӯят.
Дар ин фикрам, ки дасте пеш ояд
Ва ман ногаҳ кушоям пар ба сӯят.

Дар ин фикрам, ки дар як лаҳза ғафлат,
Аз ин зиндони хомӯш пар бигирам.
Ба чашми марди зиндонбон бихандам,
Канорат зиндагӣ аз сар бигирам.

Дар ин фикрам ману донам, ки ҳаргиз
Маро ёрои рафтан з-ин қафас нест.
Агар ҳам марди зиндонбон бихоҳад,
Дигар аз баҳри парвозам нафас нест.

Зи пушти милаҳо ҳар субҳи равшан
Нигоҳи кӯдаке хандад ба рӯям.
Чу ман сар мекунам овози шодӣ,
Лабаш бо бӯса меояд ба сӯям.

Агар, ай осмон, хоҳам, ки як рӯз
Аз ин зиндони хомӯш пар бигирам,

Ба чашми кӯдаки гирён чӣ гӯям.
Зи ман бигзар, ки ман мурғи асирам.

Ман он шамъам, ки бо сӯзи дили хеш
Фурӯзон мекунам вайронаеро,
Агар хоҳам, ки хомӯшӣ гузинам
Парешон мекунам кошонаеро.

## БӮСА

Дар ду чашмаш гуноҳ механдид,
Бар рухаш нури моҳ механдид.
Дар гузаргоҳи он лабони хамӯш
Шуълае бепаноҳ механдид.

Шармноку пур аз ниёзе гунг
Бо нигоҳе, ки ранги мастӣ дошт.
Дар ду чашмаш нигоҳ кардаму гуфт:
Бояд аз ишқ ҳосиле бардошт.

Сояе рӯи сояе хам шуд
Дар ниҳонгоҳи розпарвари шаб.
Нафасе рӯйи гунае лағзид,
Бӯсае шуъла зад миёни ду лаб.

## НООШНО

Боз ҳам қалбе ба поям уфтод,
Боз ҳам чашме ба рӯям хира шуд.
Боз ҳам дар гирудори як набард,
Ишқи ман бар қалби сарде чира шуд.

Боз ҳам аз чашмаи лабҳои ман
Ташнае сероб шуд,сероб шуд.

Боз ҳам дар бистари оғӯши ман,
Раҳраве дар хоб шуд, дар хоб шуд.

Бар ду чашмаш дида медӯзам ба ноз,
Худ намедонам чӣ меҷӯям дар ӯ?
Ошиқи девона мехоҳам, ки зуд
Бигзарад аз молу ҷоҳу обрӯ.

Ӯ шароби бӯса мехоҳад зи ман,
Ман чӣ гӯям қалби пуруммедро?
Ӯ ба фикри лаззату ғофил, ки ман
Толибам он лаззати ҷовидро.

Ман сафои ишқ мехоҳам зи ӯ,
То фидо созам вуҷуди хешро.
Ӯ тане мехоҳад аз ман оташин,
То бисӯзонад дар ӯ ташвишро.

Ӯ ба ман мегӯяд, эй оғӯши гарм,
Масти нозам кун, ки ман девонаам.
Ман ба ӯ мегӯям, эй ноошно,
Бигзар аз ман, ман туро бегонаам.

Оҳ аз ин дил, оҳ аз ин ҷоми умед,
Оқибат бишкасту кас розаш нахонд.
Чанг шуд дар дасти ҳар бегонае,
Эй дареғо, кас ба овозаш нахонд.

## ЁДЕ АЗ ГУЗАШТА

Шаҳрест дар канораи он шатти пурхурӯш,
Бо нахлҳои дарҳаму шабҳои пур зи нур.
Шаҳрест дар канораи он шатту қалби ман
Он ҷо асири панҷаи як марди пурғурур.

Шаҳрест дар канораи он шат, ки солҳост
Оғӯши худ ба рӯи ману ӯ кушудааст.
Бар мосаҳои соҳилу дар сояҳои нахл
Ӯ бӯсаҳо зи чашму лаби ман рабудааст.

Он моҳ дидааст, ки ман нарм кардаам
Бо ҷодуи муҳаббати худ қалби санги ӯ,
Он моҳ дидааст, ки ларзид ашки шавқ
Дар он ду чашми ваҳшию бегонаранги ӯ.

Мо рафтаем то дили шабҳои моҳтоб,
Бо қоиқе ба синаи амвоҷи бекарон.
Бишкуфта дар сукути парешони нимашаб,
Бар базми мо нигоҳи сапеди ситорагон.

Бар доманам ғунуда чу тифлею ман зи меҳр
Бӯсидаам ду дидаи дар хоб рафтаро.
Дар коми мавҷ доманам афтодаасту ӯ
Берун кашида домани дар об рафтаро.

Акнун манам, ки дар дили ин хилвату сукут,
Эй шаҳри пурхурӯш, туро ёд мекунам.
Дилбастаам ба ӯву ту ӯро азиз дор,
Ман бо хаёли ӯ дили худ шод мекунам.

## ПОИЗ

Аз чеҳраи табиати афсунгар
Барбастаам ду чашми пур аз ғамро,
То нангарад нигоҳи таболудам
Ин ҷилваҳои ҳасрату мотамро.

Поиз, эй мусофири хоколуд,
Дар доманат чӣ чиз ниҳон дорӣ?

Ҷуз баргҳои мурдаву хушкида
Дигар чӣ сарвате ба ҷаҳон дорӣ?

Ҷуз ғам чӣ медиҳад ба дили шоир
Сангин ғуруби тираву хомӯшат.
Ҷуз сардиву малол чӣ мебахшад
Бар ҷони дардманди ман оғӯшат?

Дар домани сукути ғамафзоят,
Андуҳи хуфта медиҳад озорам,
Он орзуи гумшуда мерақсад
Дар пардаҳои мубҳами пиндорам.

Поиз, эй суруди хаёлангез,
Поиз, эй таронаи муҳаббатбор.
Поиз, эй табассуми афсурда,
Бар чеҳраи табиати афсункор.

**ВИДОЪ**

Меравам хаставу афсурдаву зор
Сӯйи манзилгаҳи вайронаи хеш.
Ба Худо, мебарам аз шаҳри шумо
Дили шӯридаву девонаи хеш.

Мебарам, то ки дар он нуқтаи дур
Шустушӯяш диҳам аз ранги гуноҳ.
Шустушӯяш диҳам аз лаккаи ишқ,
З-ин ҳама хоҳиши беҷову табоҳ.

Мебарам, то зи ту дураш созам,
Зи ту, эй ҷилваи уммеди маҳол.
Мебарам, зинда ба гӯраш созам,
То аз ин пас накунад ёди висол.

Нола меларзад, мерақсад ашк,
Оҳ, бигзор, ки бигрезам ман.
Аз ту, эй чашмаи ҷӯшони гуноҳ,
Шояд он беҳ, ки бипарҳезам ман.

Ба Худо, ғунчаи шодӣ будам,
Дасти ишқ омаду аз шохам чид.
Шуълаи оҳ шудам, сад афсӯс,
Ки лабам боз ба он лаб нарасид.

Оқибат банди сафар поям баст,
Меравам хандабалаб, хуниндил.
Меравам, аз дили ман даст бидор,
Ай умеди абаси беҳосил...

## АФСОНАИ ТАЛХ

Бар умеде, ки бар он хуш кунам дил
На пайғоме, на пайки ошное.
На дар чашме нигоҳи фитнасозе,
На оҳанги пур аз мавҷи садое.

Зи шаҳри нуру ишқу дарду зулмат
Саҳаргоҳе зане доманкашон рафт.
Парешон мурғи раҳгумкардае буд,
Ки зору хаста сӯи ошён рафт.

Куҷо кас дар қафояш ашки ғам рехт,
Куҷо кас бо забонаш ошно буд?
Надонистанд ин бегонамардум,
Ки бонги ӯ танини нолаҳо буд.

Ба чашме хира шуд, шояд биёбад
Ниҳонгоҳи умеду орзуро.

Дареғо, он ду чашми оташафрӯз
Ба домони гуноҳ афканд ӯро.

Ба ӯ ҷуз аз ҳавас чизе нагуфтанд
Дар ӯ ҷуз ҷилваи зоҳир надиданд.
Ба ҳар ҷо рафт дар гӯшаш суруданд,
Ки занро баҳри ишрат офариданд.

Шабе дар домане афтоду нолид:
Марав, бигзор дар ин вопасин дам.
Зи дидорат дилам сероб гардад
Шабаҳ пинҳон шуду дархӯрд барҳам.

Чаро уммед бар ишқи абас баст?
Чаро дар бистари оғӯши ӯ хуфт?
Чаро рози дили девонаашро
Ба гӯши ошиқи бегонахӯ гуфт?

Чаро?... Ӯ шабнами покизае буд,
Ки дар доми гули хуршед афтод.
Саҳаргоҳе чу хуршедаш баромад,
Ба коми ташнае лағзиду ҷон дод.

Ба ҷоме бодаи шӯрафкане буд,
Ки дар ишқи лабоне ташна месӯхт.
Чу меомад зи раҳ паймонанӯше,
Ба қалби ҷом аз шодӣ май афрӯхт.

Шабе ногаҳ саромад интизораш
Лабаш дар коми сӯзони ҳавас рехт.
Чаро он мард бар ҷонаш ғазаб кард?
Чаро бар зарраҳои ҷонаш овехт?

Кунун ин ӯву ин хомӯшии сард
На пайғоме, на пайки ошное.

На дар чашме нигоҳи фитнасозе,
На оҳанги пур аз мавҷи садое.

## ГУРЕЗ ВА ДАРД

Рафтам маро бибахшу магӯ ӯ вафо надошт,
Роҳе ба ҷуз гурез бароям намонда буд.
Ин ишқи оташини пур аз дарди бе умед,
Дар водии гуноҳу ҷунунам кашонда буд.

Рафтам, ки доғи бӯсаи пурҳасрати туро
Бо ашкҳои дида зи лаб шустушӯ диҳам.
Рафтам, ки нотамом бимонам дар ин суруд
Рафтам, ки бо нагуфта ба худ обрӯ диҳам.

Рафтам магӯ, магӯ, ки чаро рафт, нанг буд
Ишқи ману ниёзи туву сӯзу сози мо.
Аз пардаи хамӯшиву зулмат чу нури субҳ
Берун фитода буд ба якбора рози мо.

Рафтам, ки гум шавам чу яке қатраашки гарм
Дар лобалои домани шабранги зиндагӣ.
Рафтам, ки дар сиёҳии як гӯри бенишон
Фориғ шавам зи кашмакашу чанги зиндагӣ.

Ман аз ду чашми равшану гирён гурехтам,
Аз хандаҳои ваҳшии тӯфон гурехтам.
Аз бистари висол ба оғӯши сарди ҳаҷр
Озурда аз маломати виҷдон гурехтам.

Эй сина, дар ҳарорати сӯзони худ бисӯз,
Дигар суроғи шуълаи оташ зи ман магир.
Мехостам, ки шуъла шавам, саркашӣ кунам,
Мурғе шудам ба кунҷи қафас баставу асир.

Рӯҳи мушаввашам, ки шабе бехабар зи хеш
Дар домани сукут ба талхӣ гиристам.
Нолон зи кардаҳову пушаймон зи гуфтаҳо
Дидам, ки лоиқи туву ишқи ту нестам!

## ИНТИҚОМ

Боз кун аз сари гесуям банд,
Панд бас кун, ки намегирам панд.
Дар умеди абасе дил бастан
Ту бигӯ то ба кай, охир то чанд?

Аз танам ҷома бурун ору бинӯш
Шаҳди сӯзандаи лабҳоямро.
То ба кай дар аташи дардолуд
Ба сар орам ҳама шабҳоямро?

Хуб донам, ки маро бурда зи ёд
Ман хам аз дил биканам бунёдаш.
Бодае, эй ки зи ман бехабарӣ,
Бодае, то бибарам аз ёдаш.

Шояд аз равзанаи чашме шӯх
Барқи ишқе ба дилаш тофтааст.
Ман агар тозаву зебо будам,
Ӯ зи ман тозатаре ёфтааст.

Шояд аз коми зане нӯшидаст
Гармию атри нафасҳои маро.
Дил ба ӯ додаву бурдаст зи ёд
Ишқи исёниву зебои маро.

Гар ту дониву ҷуз ин аст, бигӯ
Пас чӣ шуд нома, чӣ шуд пайғомаш?

Хуб донам, ки маро бурда зи ёд
З-он ки ширин шуда аз ман комаш.

Манишин ғофилу сангину хамӯш,
Зане имшаб зи ту меҷӯям ком.
Дар таманнои тану оғӯшест
То ниҳад пои ҳавас бар сари ном.

Ишқи тӯфонии бигзаштаи ӯ
Дар дилаш нолакунон мемирад,
Чун ғариқест, ки бо дасти ниёз
Домани ишқи туро мегирад.

Даст пеш ору дар оғӯшаш гир
Ин лабаш, ин лаби гармаш, эй мард!
Ин сару синаи сӯзандаи ӯ
Ин танаш, ин тани нармаш, эй мард!

## ДЕВИ ШАБ

Лой, лой, эй писари кӯчаки ман,
Дида барбанд, ки шаб омадааст.
Дида барбанд, ки ин деви сиёҳ,
Хун ба каф, ханда ба лаб омадааст.

Сар ба домони мани хаста гузор,
Гӯш кун бонги қадамҳояшро.
Камари норвани пир шикаст,
То ки бигзошт дар он пояшро.

Оҳ, бигзор, ки бар панҷараҳо,
Пардаҳоро бикашам сар то сар.
Бо дусад чашми пур аз оташу хун
Мекашад дам ба дам аз панҷара сар.

Аз шарори нафасаш буд, ки сӯхт,
Марди чӯпон ба дили дашти хамӯш.
Вой, ором, ки ин зангии маст,
Пушти дар дода ба овои ту гӯш.

Ёдам ояд, ки чу тифле шайтон
Модари хастаи худро озурд.
Деви шаб аз дили торикиҳо
Бехабар омаду тифлакро бурд.

Шишаи панҷараҳо меларзад,
То ки ӯ наъразанон меояд.
Бонг сар дода, ки ку он кӯдак?
Гӯш кун, панҷа ба дар месояд.

На, бирав, дур шав, эй бадсират,
Дур шав, аз рухи ту безорам.
Кай тавонӣ бирабоеш зи ман,
То ки ман дар бари ӯ бедорам.

Ногаҳон хомӯшии хона шикаст,
Деви шаб бонг баровард, ки оҳ.
Бас кун, эй зан, ки натарсам аз ту,
Доманат ранги гуноҳ аст, гуноҳ.

Девам, аммо ту зи ман девтарӣ,
Модару домани нанголуда.
Оҳ бардор сараш аз доман,
Тифлаки пок куҷо осуда?

Бонг мемираду дар оташи дард
Мегузорад дили чун оҳани ман.
Мекунам нола, ки: Комӣ, Комӣ,
Вой, бардор сар аз домани ман.

## ИСЁН

Ба лабҳоям мазан қуфли хамӯшӣ,
Ки дар дил қиссае ногуфта дорам.
Зи поям боз кун банди гаронро,
К-аз ин савдо диле ошуфта дорам.

Биё эй мард, эй мавҷуди худхоҳ,
Биё, бикшой дарҳои қафасро.
Агар умре ба зиндонам кашидӣ,
Раҳо кун дигарам ин як нафасро.

Манам он мурғ, он мурғе, ки дерест
Ба сар андешаи парвоз дорам.
Сурудам нола шуд дар синаи танг,
Ба ҳасратҳо сар омад рӯзгорам.

Ба лабҳоям мазан қуфли хамушӣ,
Ки ман бояд бигӯям рози худро.
Ба гӯши мардуми олам расонам
Танини оташин овози худро.

Биё, бикшой дар, то пар кушоям
Ба сӯи осмони равшани шеър.
Агар бигзориям парвоз кардан,
Гуле хоҳам шудан дар гулшани шеър.

Лабам бо бӯсаи ширинаш аз ту,
Танам бо бӯи атрогинаш аз ту.
Нигоҳам бо шарарҳои ниҳонаш,
Дилам бо нолаи хунинаш аз ту.

Вале, эй мард, эй мавҷуди худхоҳ,
Магӯ, нанг аст, ин шеъри ту нанг аст.

Бар он шӯридаҳолон ҳеч донӣ?
Фазои ин қафас танг аст, танг аст.

Магӯ, шеъри ту сар то по гунаҳ буд,
Аз ин нангу гунаҳ паймонае деҳ.
Биҳишту ҳуру оби кавсар аз ту,
Маро дар қаъри дӯзах хонае деҳ.

Китобе, хилвате, шеъре, сукуте,
Маро мастиву шукри зиндагонист.
Чӣ ғам, гар дар биҳиште раҳ надорам,
Ки дар қалбам биҳиште ҷовидонист.

Шабонгоҳон, ки маҳ мерақсад ором,
Миёни осмони гунгу хомӯш.
Ту дар хобиву ман масти ҳавасҳо,
Тани маҳтобро гирам дар оғӯш.

Насим аз ман ҳазорон бӯса бигрифт,
Ҳазорон бӯса бахшидам ба хуршед.
Дар он зиндон, ки зиндонбон ту будӣ,
Шабе бунёдам аз як бӯса ларзид.

Ба дур афкан ҳадиси ном, эй мард,
Ки нангам лаззате мастона дода.
Маро мебахшад он Парвардгоре,
Ки шоирро диле девона дода.

Биё, бикшой дар то пар кушоям,
Ба сӯи осмони равшани шеър.
Агар бигзориям парвоз кардан,
Гуле хоҳам шудан дар гулшани шеър.

**ШАРОБ ВА ХУН**

Нест ёре, то бигӯям рози хеш,
Нола пинҳон кардаам дар сози хеш.
Чанги андуҳам, Худоро, захмае,
Захмае, то баркашам овози хеш.

Бар лабонам қуфли хомӯшӣ задам
Бо калиде ошно бозаш кунед.
Кӯдаки дил ранҷаи дасти ҷафост,
Бо сарангушти вафо нозаш кунед.

Пур кун ин паймонаро, эй ҳамнафас,
Пур кун ин паймонаро аз хуни ӯ.
Масти мастам кун чунон, к-аз шӯри май
Бозгирам қиссаи афсуни ӯ.

Ранги чашмашро чӣ мепурсӣ зи ман,
Ранги чашмаш кай маро побанд кард?
Оташе, к-аз дидагонаш сар кашид,
Ин  дили девонаро дар банд кард.

Аз лабонаш кай нишон дорам ба ҷон,
Ҷуз шарори бӯсаҳои дилнишин?
Бар танам кай монда аз ӯ ёдгор,
Ҷуз фишори бозувони оҳанин?

Ман чӣ медонам сарангушташ чӣ кард
Дар миёни хирмани гесуи ман?
Он қадар донам, ки ин ошуфтагӣ
З-он сабаб афтода андар мӯи ман.

Оташе шуд бар дилу ҷонам гирифт,
Роҳзан шуд, роҳи имонам гирифт.
Рафта буд аз дасти ман домони сабр,
Чун зи по афтодам, осонам гирифт.

Гум шудам дар паҳнаи саҳрои ишқ,
Дар шабе чун чеҳраи бахтам сиёҳ.
Ногаҳон бе ин ки битвонам гурехт,
Бар сарам борид бороии гуноҳ.

Маст будам, масти ишқу масти ноз,
Марде омад, қалби сангамро рабуд.
Баски ранҷам доду лаззат додамаш,
Тарки ӯ кардам, чӣ медонам кӣ буд?

Мастиям аз сар парид, эй ҳамнафас,
Бори дигар пур кун ин паймонаро.
Хун бидеҳ, хуни дили он худпараст,
То ба поён орам ин афсонаро.

## ДИДОРИ ТАЛХ

Ба замин мезаниву мешиканӣ,
Оқибат шишаи уммедеро.
Сахт мағрурию месозӣ сард
Дар диле оташи ҷовидеро.

Дидамат, вой чӣ дидоре, вой,
Ин чӣ дидори дилозоре буд?!
Бегумон бурдаӣ аз ёд маро,
Ки маро бо ту сару коре буд.

Дидамат, вой чӣ дидоре буд,
На нигоҳе, на лаби пурнӯше.
На шарори нафаси пурҳавасе,
На фишори бадану оғӯше.

Ин чӣ ишқест, ки дар дил дорам,
Ман аз ин ишқ чӣ ҳосил дорам?

Мегурезӣ зи ману дар талабат,
Боз ҳам кӯшиши ботил дорам.

Боз лабҳои аташкардаи ман,
Ишқи сӯзони туро меҷӯяд.
Метапад қалбаму бо ҳар тапише
Қиссаи ишқи туро мегӯяд.

Бахт агар аз ту ҷудоям карда,
Мекушоям гираҳ аз бахт, чӣ бок?
Тарсам, ин ишқ саранҷоми маро
Бикашад то ба саропардаи хок.

Хилвати холиву хомӯши маро,
Ту пур аз хотира кардӣ, эй мард.
Шеъри ман шуълаи эҳсоси ман аст,
Ту маро шоира кардӣ, эй мард.

Оташи ишқ ба чашмат як дам,
Ҷилвае карду саробе гардид.
То маро волаву бесомон дид,
Нақши афтода бар обе гардид.

Дар дилам орзуе буд, ки мурд,
Лаби ҷонбахши туро бӯсидан.
Бӯса ҷон дод ба рӯи лаби ман,
Дидамат, лек дареғ аз дидан.

Синае, то ки бар он сар бениҳам,
Домане, то ки бар он резам ашк.
Оҳ, эй он ки ғами ишқат нест,
Мебарам бар туву бар қалбат рашк.

Ба замин мезаниву мешиканӣ,
Оқибат шишаи уммедеро.

Сахт мағрурию месозӣ сард
Дар диле оташи ҷовидеро.

## ГУМГАШТА

Ман ба марде вафо намудаму ӯ
Пушти по зад ба ишқу уммедам.
Ҳар чи додам ба ӯ ҳалолаш бод,
Ғайр аз он дил, ки муфт бахшидам.

Дили ман кӯдаки сабуксар буд,
Худ надонам чӣ гуна ромаш кард?
Ӯ, ки мегуфт дӯстат дорам,
Пас чаро заҳри ғам ба ҷомаш кард?

Агар аз шаҳди оташинлаби ман
Ҷуръае нӯш карду шуд сармаст,
Ҳасратам нест, з-он ки ин лабро
Бӯсаҳои надода бисёр аст.

Боз ҳам дар нигоҳи хомӯшам
Қиссаҳои нагуфтае дорам.
Боз ҳам чун ба тан кунам ҷома,
Фитнаҳои нуҳуфтае дорам.

Боз ҳам метавон ба гесуям
Чанге аз рӯи ишқу мастӣ зад.
Боз ҳам метавон дар оғӯшам,
Пушти по бар ҷаҳони ҳастӣ зад.

Боз ҳам медавад ба дунболам
Дидагоне пур аз умеду ниёз.
Боз ҳам бо ҳазор хоҳиши гунг,
Медиҳандам ба сӯи хеш овоз.

Боз ҳам дорам он чиро, ки шабе
Рехтам чун шароб дар комаш.
Дорам он синаро, ки ӯ мегуфт,
Такягоҳест баҳри оломаш.

З-он чӣ додам, ба ӯ маро ғам нест,
Ҳасрату изтиробу мотам нест.
Ғайр аз он дил, ки пур нашуд ҷояш,
Ба Худо, чизи дигарам кам нест.

Ку дилам? Ку диле, ки бурду надод,
Ғоратам кард, дод мехоҳам.
Дили хунин маро чӣ кор ояд?
Диле озоду шод мехоҳам.

Дигарам орзуи ишқе нест,
Бедилонро чӣ орзу бошад?
Дил агар буд, боз менолид,
Ки ҳанӯзам назар ба ӯ бошад.

Ӯ, ки аз ман буриду таркам кард,
Пас чаро пас надод он дилро?
Вой, бар ман, ки муфт бахшидам
Дили ошуфтаҳоли ғофилро.

## АЗ ЁД РАФТА

Ёди бигзашта ба дил монду дареғ,
Нест ёре, ки маро ёд кунад.
Дидаам хира ба раҳ монду надод
Номае, то дили ман шод кунад.

Худ надонам чӣ хатое кардам,
Ки зи ман риштаи улфат бигсаст.

Дар дилаш ҷойе агар буд маро,
Пас чаро дида зи дидорам баст?

Ҳар куҷо менигарам боз ҳам ӯст,
Ки ба чашмони тарам хира шуда.
Дарди ишқ аст, ки бо ҳасрату сӯз,
Бар дили пуршарарам чира шуда.

Гуфтам аз дида чу дураш созам,
Бегумон зудтар аз дил биравад.
Марг бояд, ки маро дарёбад,
Варна дардест, ки мушкил биравад.

То лабе бар лаби ман мелағзад,
Мекашам оҳ, ки кош ин ӯ буд.
Кош ин лаб, ки маро мебӯсад,
Лаби сӯзандаи он бадхӯ буд.

Мекашандам чу дар оғӯш ба меҳр,
Пурсам аз худ, ки чӣ шуд оғӯшаш?
Чӣ шуд он оташи сӯзанда, ки буд,
Шуълавар дар нафаси хомӯшаш.

Шеър гуфтам, ки зи дил бардорам,
Бори сангини ғами ишқашро.
Шеър худ ҷилвае аз рӯяш шуд,
Ба кӣ гуям ситами ишқашро?

Модар, ин шона зи мӯям бардор,
Сурмаро пок кун аз чашмонам.
Бикан ин пираҳанамро аз тан,
Зиндагӣ нест ба ҷуз зиндонам.

То ду чашмаш ба рухам ҳайрон нест,
Ба чӣ кор оядам ин зебоӣ?

Бишкан ин оинаро, эй модар,
Ҳосилам чист зи худорой?

Дар бубандеду бигӯед, ки ман,
Ҷуз аз ӯ аз ҳама кас бигсастам.
Кас агар гуфт: Чаро? Бокам нест,
Фош гӯед, ки ошиқ ҳастам.

Қосиде омад агар аз раҳи дур,
Зуд пурсед, ки пайғом аз кист.
Гар аз ӯ нест, бигӯед он зан,
Дергоҳест дар ин манзил нест.

## НОШИНОС

Дар пардаҳои саркаши амёли саркашам,
Нақши аҷиб, чеҳрае як ношинос буд.
Нақше зи чеҳрае, ки чу меҷустамаш ба шавқ,
Пайваста мерамиду ба ман рух наменамуд.

Як шаб нигоҳи хастаи марде ба рӯи ман,
Лағзиду суст гашту ҳамон ҷо хамӯш монд.
То хостам, ки бигсалам ин риштаи нигоҳ,
Қалбам тапиду боз маро сӯи ӯ кашонд.

Навмеду хаста будам аз он ҷустуҷӯи хеш,
Бо ноз ханда кардаму гуфтам: Биё, биё!
Роҳе дароз буду шаби ишрате ба пеш,
Нолиду ақл гуфт: Куҷо меравӣ, куҷо?

Роҳе дароз буду дареғо, миёни роҳ
Он мард нола кард, ки поёни раҳ куҷост?
Чун дидагони хастаи ман хира шуд бар ӯ,
Дидам, ки мешитобаду занҷиреаш ба пост.

Занҷиреаш ба пост, чаро, эй Худои ман,
Дасте ба киштзори дилам тухми дард рехт.
Ашке давиду замзама кардам миёни ашк:
«Занҷиреаш ба пост, ки натвонамаш гусехт».

Шаб буду он нигоҳи пур аз дард мезудуд,
Аз дидагони хастаи ман нақши хобро.
Лаб бар лабаш ниҳодаму нолидам аз ғурур,
К-эй марди ношинос, бинӯш ин шаробро.

Оре, бинӯш, ҳеч магӯ, к-андар ин миён
Дар дил зи шӯри ишқи ту сӯзанда озарест.
Раҳ баста дар қафои ман, аммо дареғу дард,
Пои ту низ бастаи занҷири дигарест.

Лағзид гирди пайкари ӯ бозувони ман,
Ошуфта шуд ба шонаи ӯ гесувони ман.
Шаб тира буду дар талаби бӯса менишаст,
Ҳар лаҳза коми ташнаи ӯ бар забони ман.

Ногаҳ нигоҳ кардаму дидам ба пардаҳо
Он шахси ношинос дигар ношинос нест.
Афшурдамаш ба синаву гуфтам ба худ, ки вой
Донистам, эй Худои ман, он ношинос кист?
Як ошно, ки бастаи занҷири дигарест...

## ЧАШМ БАР РОҲ

Орзуест маро дар дил,
Ки равон сӯзаду ҷон коҳад.
Ҳар дам он марди ҳавасронро
Бо ғаму ашку фиғон хоҳад.

Ба Худо, дар дилу ҷонам нест,
Ҳеч ҷуз ҳасрати дидораш.

Сӯхтам аз ғаму кай бошад
Ғами ман мояи озораш?

Шаб дар аъмоқи сиёҳиҳо
Маҳ чу дар ҳолаи роз ояд.
Нигарон дида ба раҳ дорам,
Шояд он гумшуда боз ояд.

Сояе, то ки ба дар афтад,
Ман ҳаросон бидавам бар дар.
Чун шитобон гузарад соя,
Хира гардам ба дари дигар.

Ҳама шаб дар дили ин бистар,
Ҷонам он гумшударо ҷӯяд.
З-ин ҳама кӯшиши беҳосил
Ақли саргашта ба ман гӯяд:

Зани бадбахти дилафсурда,
Бибар аз ёд даме ӯро,
Ин хато буд, ки раҳ додӣ
Ба дил он ошиқи бадхӯро.

Он касеро, ки ту меҷӯӣ,
Кай хаёли ту ба сар дорад?
Бас кун ин нолаву зориро,
Бас кун, ӯ ёри дигар дорад.

Лекин ин қисса, ки мегӯяд
Кай ба нармӣ равадам дар гӯш?
Нашавад ҳеч з-афсунаш
Оташи ҳасрати ман хомӯш.

Меравам, то ки аён созам
Роҳи ин хоҳиши сӯзонро.

Натавонам, ки барам аз ёд,
Ҳаргиз он марди ҳавасронро.

Шамъ, эй шамъ, чӣ механдӣ?
Ба шаби тираи хомӯшам.
Ба Худо, мурдам аз ин ҳасрат,
Ки чаро нест дар оғӯшам?

## ОИНАИ ШИКАСТА

Дирӯз ба ёди туву он ишқи дилангез,
Бар пайкари худ пираҳани сабз  намудам.
Дар оина бар сурати худ хира шудам боз,
Банд аз сари гесуям оҳиста кушудам.

Атр овардам, бар сару бар сина фишондам,
Чашмонамро нозкунон сурма кашондам.
Афшон кардам зулфамро бар сари шона,
Дар кунҷи лабам холе оҳиста нишондам.

Гуфтам ба худ он гоҳ сад афсӯс,ки ӯ нест
То мот шавад з-ин ҳама афсунгариву ноз.
Чун пираҳани сабз  бубинад ба тани ман,
Бо ханда бигӯяд, ки чӣ зебо шудаӣ боз!

Ӯ нест, ки дар мардумаки чашми сиёҳам,
То хира шавад, акси рухи хеш бубинад.
Ин гесуи афшон ба чӣ кор оядам имшаб,
Ку панҷаи ӯ, то ки дар он хона гузинад?

Ӯ нест, ки  бӯяд, чу дар оғӯши ман афтад,
Девонасифат атри диловези танамро.
Эй ойина, мурдам ман аз ин ҳасрату афсӯс
Ӯ нест, ки бар сина фишорад баданамро.

Ман хира ба ойинаву ӯ гӯш ба ман дошт,
Гуфтам, ки чӣ сон ҳал кунӣ ин мушкили моро?
Бишкасту фиғон кард, ки аз шарҳи ғами хеш,
Эй зан, чӣ бигӯям, ки шикастӣ дили моро.

## ДАЪВАТ

Туро афсуни чашмонам зи раҳ бурдасту медонам,
Чаро беҳуда мегӯйӣ: «Дили чун оҳане дорам?»
Намедонӣ? Намедонӣ, ки ман ҷуз чашми афсунгар,
Дар ин ҷоми лабонам бодаи мардафкане дорам.

Чаро беҳуда мекӯшӣ, ки бигрезӣ зи оғӯшам?
Аз ин сӯзандатар ҳаргиз нахоҳӣ ёфт оғӯше!
Наметарсӣ? Наметарсӣ, ки бинвисанд номатро,
Ба санги тираи гӯре, шаби ғамноки хомӯше.

Биё, дунё намеарзад ба ин парҳезу ин дурӣ,
Фидои лаҳзаи шодӣ кун ин руъёи ҳастиро.
Лабатро бар лабам бигзор, к-аз ин соғари пурмай,
Чунон мастат кунам, то худ бидонӣ қадри мастиро.

Туро афсуни чашмонам зи раҳ бурдасту медонам,
Ки сар то по ба сӯзи хоҳиши бемор месӯзӣ.
Дурӯғ аст ин агар, пас он ду чашми розгӯятро,
Чаро ҳар лаҳза бар чашми мани девона медӯзӣ?!

## ХАСТА

Аз биму умеди ишқ ранҷурам,
Оромиши ҷовидона мехоҳам.
Бар ҳасрати дил дигар наафзоям,
Осоиши бекарона мехоҳам.

По бар сари дил ниҳода мегӯям:
Бигзаштан аз он ситезаҷӯ хуштар.
Як бӯса зи ҷоми заҳр бигрифтан
Аз бӯсаи оташини ӯ хуштар.

Пиндошт агар шабе ба сармастӣ,
Дар бистари ишқи ӯ саҳар кардам.
Шабҳои дигар, ки рафта аз умрам
Дар домани дигарон ба сар кардам.

Дигар накунам зи рӯи нодонӣ
Қурбонии ишқи ӯ ғурурамро.
Шояд ки чу бигзарам аз ӯ, ёбам
Он гумшуда шодию сурурамро.

Он кас, ки маро нишоту мастӣ дод,
Он кас, ки маро умеду шодӣ буд.
Ҳар ҷо, ки нишаст бетаамул гуфт:
«Ӯ як зани содалавҳи одӣ буд».

Месӯзам аз ин дурӯиву найранг,
Якрангии кӯдакона мехоҳам.
Эй марг, аз он лабони хомӯшат,
Як бӯсаи ҷовидона мехоҳам.

Рав, пеши зане бибар ғururатро,
К-ӯ ишқи туро ба ҳеч нашморад.
Он пайкари доғу дардмандатро,
Бо меҳр ба рӯи сина н-афшорад.

Ишқе, ки туро нисори раҳ кардам,
Дар синаи дигаре нахоҳӣ ёфт.
З-он бӯса, ки бар лабонат афшондам,
Сӯзандатар озаре нахоҳӣ ёфт.

Дар ҷустуҷӯи туву нигоҳи ту,
Дигар наравад нигоҳи бетобам.
Андешаи он ду чашми руъёӣ,
Ҳаргиз набарад зи дидагон хобам.

Дигар ба ҳавои лаҳзаи дидор,
Дунболи ту дар ба дар намегардам.
Дунболи ту, эй умеди беҳосил,
Девонаву бехабар намегардам.

Дар зулмати он утоқаки хомӯш
Бечораву мунтазир намемонам.
Ҳар лаҳза назар ба дар намедӯзам
В-он оҳи ниҳон ба лаб намеронам.

Эй зан, ки диле пур аз сафо дорӣ,
Аз мард вафо маҷӯ, маҷӯ ҳаргиз!
Ӯ маънии ишқро намедонад,
Рози дили худ ба ӯ магӯ ҳаргиз!

**БОЗГАШТ**

З-он номае, ки додиву з-он шикваҳои талх
То нимашаб ба ёди ту чашмам нахуфтааст.
Эй мояи умеди ман, эй такягоҳи дур,
Ҳаргиз маранҷ аз он чӣ ба шеърам нуҳуфтааст.

Шояд набуда қудрати онам, ки дар сукут
Эҳсоси қалби кӯчаки худро ниҳон кунам.
Бигзор то таронаи ман розгӯ шавад,
Бигзор он чиро, ки нуҳуфтам, аён кунам.

То бар гузашта менигарам, ишқи хешро
Чун офтоби гумшуда меоварам ба ёд.

Менолам аз диле, ки ба хун ғарқа гаштааст,
Ин шеър ғайри ранҷиши ёрам ба ман чӣ дод?

Ин дардро чӣ гуна тавонам ниҳон кунам,
Он дам, ки қалбам аз ту ба сахтӣ рамидааст.
Ин шеърҳо, ки рӯҳи туро ранҷ додааст,
Фарёдҳои як дили меҳнаткашидааст.

Гуфтам қафас, вале чӣ бигӯям, ки пеш аз ин
Огоҳӣ аз дурӯии мардум маро набуд.
Дардо, ки ин ҷаҳони фиребои нақшбоз
Бо ҷилваю ҷилои худ охир маро рабуд.

Акнун манам, ки хаста зи доми фиребу макр,
Бори дигар ба кунҷи қафас рӯ намудаам.
Бикшой дар, ки дар ҳама даврони умри хеш
Ҷуз пушти мелаҳои қафас хуш набудаам.

Пои маро дубора ба занҷирҳо бибанд,
То фитнаю фиреб зи ҷоям наяфканад.
То дасти оҳанини ҳавасҳои ранг-ранг
Банде дигар дубора ба поям наяфканад.

## НАҚШИ ПИНҲОН

Оҳ, эй марде, ки лабҳои маро
Аз шарори бӯсаҳо сӯзондаӣ,
Ҳеч дар умқи ду чашми хомӯшам,
Рози ин девонагиро хондаӣ?

Ҳеч медонӣ, ки ман дар қалби хеш
Нақше аз ишқи ту пинҳон доштам?
Ҳеч медонӣ, ки аз ишқи ниҳон
Оташи сӯзанда бар ҷон доштам?

Гуфтаанд: Он зан зани девона аст,
К-аз лабонаш бӯса осон медиҳад.
Оре, аммо бӯса аз лабҳои ту,
Бар лабони мурдаам ҷон медиҳад.

Ҳаргизам дар лаб набошад фикри ном
Ин манам, к-ин сон туро ҷӯям ба ком.
Хилвате мехоҳаму оғӯши ту
Хилвате мехоҳаму лабҳои ҷом.

Фурсате то бар ту дур аз чашми ғайр
Соғаре аз бодаи ҳастӣ диҳам,
Бистаре мехоҳам аз гулҳои сурх
То дар он як шаб туро мастӣ диҳам.

Оҳ, эй марде, ки лабҳои маро
Аз шарори бӯсаҳо сӯзондаӣ,
Ин китоби бесаранҷом асту ту
Сафҳаи кӯтоҳе аз он хондаӣ.

## БЕМОР

Тифле ғунуда дар бари ман бемор,
Бо гунаҳои сурхи таболуда,
Бо гесувони дарҳами ошуфта
То нимашаб зи дард наёсуда.

Ҳар дам миёни панҷаи ман ларзад,
Ангуштҳои лоғару табдораш.
Ман нола мекунам, ки Худовандо,
Ҷонам бигиру кам бидеҳ озораш.

Гоҳе миёни ваҳшати танҳоӣ
Пурсам зи худ, ки чист саранҷомаш?

Ашкам ба рӯи гуна фурӯ ғалтад,
Чун бишнавам зи нолаи худ номаш.

Эй ахтарон, ки ғарқи тамошоед,
Ин кӯдаки ман аст, ки бемор аст.
Шаб то саҳар нахуфтаму мебинед,
Ин дидаи ман аст, ки бедор аст.

Ёд оядам, ки бӯса талаб мекард,
Бо хандаҳои дилкаши мастона.
Ё менишаст бо нигаҳе бетоб,
Дар интизори хӯрдани субҳона.

Гоҳе ба гӯши ман расад овояш:
Момо, дилам зи фарти таъаб сӯзад.
Бинам даруни бистари мағшуше,
Тифле миёни оташи таб сӯзад.

Шаб хомӯш асту дар бари ман нолад,
Ӯ хастаҷон зи шиддати беморӣ.
Бар изтиробу ваҳшати ман хандад,
Тагзарбаҳои соати деворӣ.

## МЕҲМОН

Имшаб он ҳасрати деринаи ман
Дар бари дӯст ба сар меояд.
Дар фурӯ банду бигӯ хона тиҳист,
З-ин сипас ҳар кӣ ба дар меояд.

Шона ку, то ки сару зулфамро
Дарҳаму ваҳшию зебо созам.
Бояд аз нозукию нармию лутф,
Гунаро чун гули руъё созам.

Сурма ку, то ки чу бар дида кашам,
Розу нозе ба нигоҳам бахшад.
Бояд ин шавқ, ки бар дил дорам,
Ҷилва бар чашми сиёҳам бахшад.

Чӣ бипӯшам, ки чу аз роҳ ояд
Аташаш муфрату афзун гардад?
Чӣ бигӯям, ки зи сеҳри суханам,
Дил ба ман бозаду афсун гардад?

Оҳ, эй духтараки хидматгор,
Гул бизан бар сару бар синаи ман.
То ки ҳайрон шавад аз ҷилваи гул,
Имшаб он ошиқи деринаи ман.

Чун зи дар омаду биншаст хамӯш,
Захма бар ҷону дили чанг занам.
Бо лаби ташна дусад бӯсаи шавқ
Бар лаби бодаи гулранг занам.

Моҳ агар хост, ки аз панҷараҳо
Бинадам дар бари ӯ масту пареш,
Ончунон ҷилва кунам, к-ӯ зи ҳасад
Пардаи абр кашад бар рухи хеш.

То чу руъё шавад ин саҳнаи ишқ
Кундару уд дар оташ резам,
З-он сипас ҳамчу яке кӯлии маст
Нарму печида зи ҷо бархезам.

Ҳама шаб шуъласифат рақс кунам,
То зи по афтаму мадҳуш шавам.
Чу маро танг дар оғӯш кашад,
Масти он гармии оғӯш шавам.

Оҳ, гӯӣ зи паси панҷараҳо
Бонги оҳистаи по меояд.
Эй Худо, ӯст, ки орому хамӯш
Ба сӯи хонаи мо меояд.

## РОЗИ МАН

Ҳеч чуз ҳасрат набошад кори ман,
Бахти бад, бегонае шуд ёри ман.
Бегунаҳ занҷир бар поям заданд,
Вой аз ин зиндони меҳнатбори ман.

Вой аз ин чашме, ки мековад ниҳон
Рӯзу шаб дар чашми ман рози маро.
Гӯш бар дар мениҳад, то бишнавад
Шояд он гумгашта овози маро.

Гоҳ мепурсад, ки андуҳат зи чист,
Фикрат охир аз чӣ рӯ ошуфтааст?
Бесабаб пинҳон макун ин розро,
Дарди гунге дар нигоҳат хуфтааст.

Гоҳ менолад ба назди дигарон,
К-ӯ дигар он духтари дирӯз нест.
Оҳ, он хандонлаби шодоби ман
Ин зани афсурдаи填 мармуз нест.

Гоҳ мекӯшад, ки бо ҷодуи ишқ,
Раҳ ба қалбам бурда афсунам кунад.
Гоҳ мехоҳад, ки бо фарёди хашм,
З-ин ҳисори роз берунам кунад.

Гоҳ мегӯяд, ки ку, охир чӣ шуд,
Он нигоҳи масту афсункори ту?

Дигар он лабханди шодибахшу гарм
Нест пайдо бар лаби табдори ту.

Ман парешон дида медӯзам бар ӯ
Бесадо нолам, ки ин аст, он чӣ ҳаст.
Худ намедонам, ки андуҳам зи чист,
Зери лаб гӯям чӣ хуш рафтам зи даст.

Ҳамзабоне нест, то баргӯямаш
Рози ин андуҳи ваҳшатбори хеш.
Бегумон ҳаргиз касе чун ман накард
Хештанро мояи озори хеш.

Аз ман аст, ин ғам, ки бар ҷони ман аст,
Дигар ин худкардаро тадбир нест.
Пой дар занҷир менолам, ки ҳеч
Улфатам бо ҳалқаи занҷир нест.

Оҳ, ин аст, он чӣ меҷустӣ ба шавқ
Рози ман, рози зане девонахӯ.
Рози мавҷуде, ки дар фикраш набуд
Заррае савдои ному обрӯ.

Рози мавҷуде, ки дигар ҳеч нест
Ҷуз вуҷуди нафратовар баҳри ту.
Оҳ ин аст, он чӣ ранҷам медиҳад,
Варна кай тарсам зи хашму қаҳри ту.

## ДУХТАР ВА БАҲОР

Духтар канори панҷара танҳо нишасту гуфт:
Эй духтари баҳор, ҳасад мебарам ба ту.
Атру гулу таронаву сармастии туро
Бо ҳар чӣ толибӣ, ба Худо, мехарам зи ту.

Бар шохи навҷавон дарахте шукуфае
Бо ноз мекушуд ду чашмони бастаро.
Мешуст кокуле ба лаби оби нуқрафом,
Он болҳои нозуки зебои хастаро.

Хуршед ханда карду зи амвоҷи хандааш
Бар чеҳри рӯз равшании дилкаше давид.
Мавҷе сабук хазиду насиме ба гӯши ӯ
Розе суруду мавҷ ба нармӣ аз ӯ рамид.

Хандид боғбон, ки саранҷом шуд баҳор
Дигар шукуфа карда дарахте, ки коштам.
Духтар шуниду гуфт,чӣ ҳосил аз ин баҳор?
Эй бас  баҳорҳо, ки  баҳоре надоштам!

Хуршеди ташнаком дар он сӯи осмон,
Гӯӣ миёни маҷмаре аз хун нишаста буд.
Мерафт рӯзу хира дар андешаи ғариб
Духтар  канори панҷара маҳзун нишаста буд.

## ХОНАИ МАТРУК

Донам акнун аз он хонаи дур
Шодии зиндагӣ пар гирифта,
Донам акнун, ки тифле ба зорӣ
Мотам аз ҳаҷри модар гирифта.

Ҳар замон медавад дар хаёлам
Нақше аз бистари холиву сард.
Нақши дасте, ки ковида навмед
Пайкареро дар он бо ғаму дард.

Бинам он ҷо канори бухорӣ,
Сояи қомате сусту ларзон,

Сояи бозувоне, ки гӯӣ
Зиндагиро раҳо карда осон.

Дуртар кӯдаке хуфта ғамгин
Дар бари дояи хаставу пир.
Бар сари нақши гулҳои қолӣ
Сарнагун гашта финҷоне аз шир.

Панҷара бозу дар сояи он
Ранги гулҳо ба сардӣ кашида,
Парда афтода бар шонаи дар
Оби гулдон ба охир расида.

Гурба бо дидаи сарду бенур
Нарму сангин қадам мегузорад.
Шамъ дар охирин шуълаи хеш
Раҳ ба сӯи адам месупорад.

Донам акнун, к-аз он хонаи дур
Шодии зиндагӣ пар гирифта,
Донам акнун, ки тифле ба зорӣ
Мотам аз ҳаҷри модар гирифта.

Лек ман хастаҷону парешон
Месипорам раҳи орзуро,
Ёри ман шеъру дилдори ман шеър,
Меравам то ба даст орам ӯро.

## ЯК ШАБ

Як шаб зи моварои сиёҳиҳо
Чун ахтаре ба сӯи ту меоям.
Бар боли бодҳои ҷаҳонпаймо
Шодон ба ҷустуҷӯи ту меоям.

Сар то ба по ҳарорату сармастӣ
Чун рӯзҳои дилкаши тобистон.
Пур мекунам барои ту домонро
Аз лолаҳои ваҳшии кӯҳистон.

Як шаб зи ҳалқае, ки ба дар кӯбанд,
Дар кунҷи сина қалби ту меларзад.
Чун дар кушуда шуд, тани ман бетоб
Дар бозувони гарми ту мелағзад.

Дигар дар он дақоиқи мастибахш,
Дар чашми ман гурез нахоҳӣ дид.
Чун кӯдакон нигоҳи хушамро
Бо шарм дар ситез нахоҳӣ дид.

Як шаб чу номи ман ба забон орӣ,
Мехонамат ба олами руъёӣ.
Бар мавҷҳои ёди ту мерақсам
Чун духтарони ваҳшии дарёӣ.

Як шаб лабони ташнаи ман бо шавқ,
Дар оташи лабони ту месӯзад.
Чашмони ман умеди нигоҳашро
Бар гардиши нигоҳи ту медӯзад.

Аз Зуҳра – он илоҳаи афсунгар
Расму тариқи ишқ меомӯзам.
Як шаб чу нуре аз дили торикӣ
Дар кулбаат шарора меафрӯзам.

Оҳ, эй ду чашми хира ба раҳ монда,
Оре, манам, ки сӯи ту меоям.
Бар боли ёдҳои ҷаҳонпаймо
Шодон ба ҷустуҷӯи ту меоям.

## ДАР БАРОБАРИ ХУДО

Аз тангнои маҳбаси торикӣ,
Аз манҷалоби тираи ин дунё,
Бонги пур аз ниёзи маро бишнав
Оҳ, эй Худои қодири беҳамто.

Як дам зи гирди пайкари ман бишкоф,
Бишкоф ин ҳиҷоби сиёҳиро,
Шояд даруни синаи ман бинӣ
Ин мояи гуноҳу табоҳиро.

Дил нест ин диле, ки ба ман додӣ,
Дар хун тапида, оҳ, раҳояш кун.
Ё холӣ аз ҳавою ҳавас дораш,
Ё пойбанди меҳру вафояш кун.

Танҳо ту огаҳиву ту медонӣ
Асрори он хатои нахустинро.
Танҳо ту қодирӣ, ки бибахшоӣ
Бар рӯҳи ман сафои нахустинро.

Оҳ, эй Худо, чӣ гуна туро гӯям,
К-аз ҷисми хеш хаставу безорам.
Ҳар шаб ба остони ҷалоли ту
Гӯӣ умеди ҷисми дигар дорам.

Аз дидагони равшани ман бистон
Шавқи ба сӯи ғайр давиданро.
Лутфе кун, эй Худову биёмӯзаш
Аз барқи чашми ғайр рамиданро.

Ишқе ба ман бидеҳ, ки маро созад
Ҳамчун фариштагони биҳишти ту.

Ёре ба ман бидеҳ, ки дар ӯ бинам
Як гӯша аз сафои сиришти ту.

Як шаб зи лавҳи хотири ман биздой
Тасвири ишқу нақши фиребашро.
Хоҳам ба интиқоми ҷафокорӣ
Дар ишқи тоза фатҳи рақибашро.

Оҳ, эй Худо, ки дасти тавоноят
Бунёд ниҳода оламӣ ҳастиро.
Бинмой рӯю аз дили ман бистон
Шавқи гуноҳу нафспарастиро.

Розӣ машав, ки бандаи ночизе
Осӣ шавад, ба ғайри ту рӯй орад.
Розӣ машав, ки сели миришкашро
Дар пои ҷому бода фурӯ борад.

Аз тангнои маҳбаси торикӣ,
Аз манҷалоби тираи ин дунё,
Бонги пур аз ниёзи маро бишнав
Оҳ, эй Худои қодири беҳамто.

## ЭЙ СИТОРАҲО

Эй ситораҳо, ки бар фарози осмон
Бо нигоҳи худ ишорагар нишастаед.
Эй ситораҳо, ки аз варои абрҳо,
Бар ҷаҳони мо назорагар нишастаед.

Оре, ин манам, ки дар дили сукути шаб
Номаҳои ошиқона пора мекунам.
Эй ситораҳо, агар ба ман мадад кунед,
Доман аз ғамаш пур аз ситора мекунам.

Бо диле, ки бӯе аз вафо набурдааст,
Ҷаври бекаронаву баҳона хуштар аст.
Дар канори ин муҳосибони худписанд
Нозу ишваҳои зергона хуштар аст.

Эй ситораҳо, чӣ шуд, ки дар нигоҳи ман
Дигар он нишоту нағмаву тарона мурд?
Эй ситораҳо, чӣ шуд, ки бар лабони ӯ
Охир он навои гарми ошиқона мурд?

Ҷоми бода сарнагуну бистарам тиҳӣ,
Сар ниҳодаам ба рӯи номаҳои ӯ.
Сар ниҳодаам дар миёни ин сутур
Ҷустуҷӯ кунам нишоне аз вафои ӯ.

Эй ситораҳо, магар шумо ҳам огаҳед
Аз дурӯию ҷафои сокинони хок?
Ки инчунин ба қалби осмон ниҳон шудед,
Эй ситораҳо, ситораҳои хубу пок.

Ман, ки пушти по задам ба ҳар чӣ буду нест,
То ки коми ӯ зи ишқи худ раво кунам.
Лаънати Худо ба ман, агар ба ҷуз ҷафо
З-ин сипас ба ошиқони бовафо кунам.

Эй ситораҳо, ки ҳамчу қатраҳои ашк,
Сар ба домани сиёҳи шаб ниҳодаед.
Эй ситораҳо, к-аз он ҷаҳони ҷовидон
Равзане ба сӯи ин ҷаҳон кушодаед.

Рафтаасту меҳраш аз дилам намеравад,
Эй ситораҳо, чӣ шуд, ки ӯ маро нахост?
Эй ситораҳо, ситораҳо, ситораҳо,
Пас диёри ошиқони ҷовидон куҷост?

## ҲАЛҚА

Духтарак хандакунон гуфт, ки чист
Рози ин ҳалқаи зар?
Рози ин ҳалқа, ки ангушти маро
Инчунин танг гирифтаст ба бар.

Рози ин ҳалқа, ки дар чеҳраи ӯ
Ин ҳама тобишу рахшандагӣ аст.
Мард ҳайрон шуду гуфт:
Ҳалқаи хушбахтист, ҳалқаи зиндагӣ аст.

Ҳама гуфтанд: Муборак бошад!
Духтарак гуфт: Дареғо, ки маро
Боз дар маънии он шак бошад.
Солҳо рафту шабе.

Зане афсурда назар кард ба он ҳалқаи зар.
Дид дар нақши фурӯзандаи ӯ
Рӯзҳое, ки ба умеди вафои шавҳар
Ба ҳадар рафта, ҳадар.

Зан парешон шуду нолид, ки вой,
Вой, ин ҳалқа, ки дар чеҳраи ӯ.
Боз ҳам тобишу рахшандагӣ аст,
Ҳалқаи бардагию бандагӣ аст.

## АНДУҲ

Корун чу гесувони парешони духтаре
Бар шонаҳои лухти замин тоб мехӯрад.
Хуршед рафтаасту нафасҳои доғи шаб
Бар синаҳои пуртапиш об мехӯрад.

Дур аз нигоҳи хираи ман соҳили ҷануб
Афтода масти ишқ дар оғӯши нури моҳ.
Шаб бо ҳазор чашми дурахшону пур зи хун
Сар мекашад ба бистари ушшоқи бегуноҳ.

Найзор хуфта хомӯшу як мурғи ношинос
Ҳар дам зи умқи тираи он зиҷҷа мекашад.
Маҳтоб медавад, ки бибинад дар ин миён
Мурғак миёни панҷаи ваҳшат чӣ мекашад?

Бар обҳои соҳили шат сояҳои нахл
Меларзад аз насими ҳавасбози нимашаб.
Овои гунги ҳамҳамаи қурбоқаҳо
Печида дар сукути пур аз рози нимашаб.

Дар ҷазбае, ки ҳосили зебоии шаб аст,
Руъёи дури дасти ту наздик мешавад.
Бӯи ту мавҷ мезанад он ҷо ба рӯи об
Чашми ту медурахшаду торик мешавад.

Бечора дил, ки бо ҳама умеду иштиёқ
Бишкасту шуд ба дасти ту зиндони ишқи ман.
Дар шаттууйи хеш рафтию рафтӣ аз ин диёр,
Эй шохаи шикаста зи тӯфони ишқи ман.

## САБРИ САНГ

Рӯзи аввал пеши худ гуфтам
Дигараш ҳаргиз нахоҳам дид.
Рӯзи дуввум боз мегуфтам,
Лек бо андуҳу бо тардид.

Рӯзи саввум ҳам гузашт, аммо
Бар сари паймони худ будам.

Зулмати зиндон маро мекушт
Боз зиндонбони худ будам.

Он мани девонаи осӣ
Дар дарунам ҳоюҳу мекард.
Мушт бар деворҳо мекуфт,
Равзанеро ҷустуҷӯ мекард.

Дар дарунам роҳ мепаймуд
Ҳамчу рӯҳе дар шабистоне.
Бар дарунам соя меафканд,
Ҳамчу абре бар биёбоне.

Мешунидам нимашаб дар хоб
Ҳой-ҳои гиряҳояшро.
Дар садоям гӯш мекардам
Дарди сайёли садояшро.

Шармгин мехондамаш бар хеш
Аз чӣ рӯ беҳуда гирёнӣ?
Дар миёни гиря менолид:
Дӯсташ дорам, намедонӣ?

Бонги ӯ он бонги ларзон буд,
К-аз ҷаҳоне дур бармехост.
Лек дар ман то ки мепечид
Мурдае аз гӯр бармехост.

Мурдае, к-аз пайкараш мерехт
Атри шӯрангези шаббӯҳо.
Қалби ман дар сина меларзид
Мисли қалби бачаоҳуҳо.

Дар сиёҳӣ пеш меомад,
Ҷисмаш аз зарроти зулмат буд.

Чун ба ман наздиктар мешуд
Вартаи торики лаззат буд.

Менишастам хаста дар бистар
Хира дар чашмони руъёҳо
Завраҷи андешаам ором
Мегузашт аз марзи дунёҳо.

Боз тасвире ғуборолуд
З-он шаби кӯчак, шаби меод.
З-он утоқи сокити саршор
Аз саодатҳои бебунёд.

Дар сиёҳӣ дастҳои ман
Мешукуфт аз ҳами достонаш.
Шакли саргардонии ман буд
Бӯи ғам медод чашмонаш.

Решаҳомон дар сиёҳиҳо
Қалбҳомон меваҳои нур.
Якдигарро сер мекардем
Бо баҳори боғҳои дур.

Менишастам хаста дар бистар
Хира дар чашмони руъёҳо
Завраҷи андешаам ором,
Мегузашт аз марзи дунёҳо.

Рӯзҳо рафтанду ман дигар
Худ намедонам кадоминам.
Он мани сарсахти мағрурам
Ё мани мағлуби деринам.

Бигзарам гар аз сари паймон,
Мекашад ин ғам дигар борам.

Менишинам, шояд ӯ ояд
Оқибат рӯзе ба дидорам.

## АЗ ДӮСТ ДОШТАН

Имшаб аз осмони дидаи ту
Рӯи шеърам ситора меборад.
Дар сукути сапеди коғазҳо
Панҷаҳоям ҷарақа мекорад.

Шеъри девонаи таболудам,
Шармгин аз шиёри хоҳишҳо.
Пайкарашро дубора месӯзад
Аташи ҷовидони оташҳо.

Оре, оғоз дӯст доштан аст,
Гарчи поёни роҳ нопайдост.
Ман ба поён дигар наяндешам,
Ки ҳамин дӯст доштан зебост.

Аз сиёҳӣ чаро ҳазар кардан?
Шаб пур аз қатраҳои алмос аст,
Он чӣ аз шаб ба ҷой мемонад,
Атри сукровари гули ёс аст.

Оҳ, бигзор гум шавам дар ту,
Кас наёбад дигар нишонаи ман.
Рӯҳи сӯзону оҳи мартубат
Бивазад бар тани таронаи ман.

Оҳ, бигзор з-ин даричаи боз
Хуфта дар боли гарми руъёҳо.
Бо пари равшанӣ сафар гирам,
Бигзарам аз ҳисори дунёҳо.

Донӣ аз зиндагӣ чӣ мехоҳам?
Ман ту бошам, ту, пой то сар, ту.
Зиндагӣ гар ҳазорбора бувад,
Бори дигар ту, бори дигар ту.

Он чӣ дар ман нуҳуфта дарёест,
Кай тавони нуҳуфтанам бошад?
Бо ту з-ин саҳмгин тӯфоне,
Кош ёрои гуфтанам бошад.

Баски лабрезам аз ту, мехоҳам
Бидавам дар миёни саҳроҳо.
Сар бисоям ба санги кӯҳистон,
Тан бикӯбам ба мавҷи дарёҳо.

Бас, ки лабрезам аз ту, мехоҳам
Чун ғуборе зи худ фурӯ резам.
Зери пойи ту сар ниҳам ором,
Ба сабуксояи ту овезам.

Оре, оғоз дӯст доштан аст,
Гарчи поёни роҳ нопайдост.
Ман ба поён дигар наяндешам,
Ки ҳамин дӯст доштан зебост.

**ХОБ**

Шаб ба рӯи шишаҳои тор,
Менишаст ором, чун хокистари табдор
Бод нақши сояҳоро дар ҳаёти хона ҳар дам зеру рӯ мекард,
Печи нилуфар чу дуди мавҷ мезад бар сари девор.
Дар миёни коҷҳо ҷодугари маҳтоб
Бо чароғи бефурӯғаш мехазид ором.
Гӯиё ӯ дар гӯри зулмат рӯҳи саргардони худро

ҷустуҷӯ мекард.
Ман хазидам дар дили бистар,
Хаста аз ташвишу хомӯшӣ.
Гуфтам: Эй хоб, эй сарангушти калиди боғҳои сабз,
Чашмҳоят биркаи торики моҳиҳои оромиш.
Кӯлборатро ба рӯи кӯдаки гирёни ман бикшо
Ва бибар бо худ маро ба сарзамини сурате ранги
париҳои фаромӯшӣ.

## САДОЕ ДАР ШАБ

Нимашаб дар дили даҳлези хамӯш
Зарбаи пое афканд танин.
Дили ман чун дили гулҳои баҳор
Пур шуд аз шабнами ларзони яқин.
Гуфтам: Ин ӯст, ки боз омадааст.

Ҷастам аз ҷову дар ойинаи гиҷ
Бар худ афкандам бо шавқ нигоҳ.
Оҳ, ларзид лабонам аз ишқ,
Тор шуд чеҳраи ойина зи роҳ.
Шояд ӯ ваҳмеро менигарист.

Гесуям дарҳаму лабҳоям хушк
Шонаам урён дар ҷомаи хоб.
Лек дар зулмати даҳлези хамӯш
Раҳгузар ҳар дам мекард шитоб.
Нафасам ногаҳ дар сина гирифт.

Гӯӣ аз панҷараҳо рӯҳи насим
Дида андуҳи мани танҳоро.
Рехт бар гесуи ошуфтаи ман
Атри сӯзони ақоқиҳоро.
Тунду бетоб давидам сӯи дар.

Зарбаи поҳо дар синаи ман
Чун танини най дар синаи дашт.
Лек дар зулмати даҳлези хамӯш
Зарбаи поҳо лағзиду гузашт.
Бод овози ҳазине сар кард.

**БО КАДОМ ДАСТ**

Хоб, хоб, хоб,
Ӯ ғунудааст.
Рӯи мосаҳои гарм
Зери нури тунди офтоб.

Аз миёни пилкҳои нимабоз
Хастадил нигоҳ мекунад,
Ҷӯйбори гесувони хиси ман
Рӯйи синааш равон шуда.
Бӯйи бумии танаш
Дар танам вазон шуда.

Хастадил нигоҳ мекунам,
Осмон ба рӯи сураташ хамидааст,
Дасти ӯ миёни мосаҳои доғ
Бо шикаста донаҳои аз садаф
Як хати сапеди бенишон кашидааст.

Дӯст дорамаш...
Мисли донае, ки нурро,
Мисли мазрае, ки бодро,
Мисли завраҷе, ки мавҷро,
Дӯст дорамаш...

Аз миёни пилкҳои нимабоз,
Хастадил нигоҳ мекунам.
Кош бо ҳамин сукуту ҳамин сафо

Дар миёни бозувони ман
Хок мешудӣ,
Бо ҳамин сукуту ҳамин сафо...
Дар миёни бозувони ман,
Зери соябони гесувони ман,
Лаҳзае, ки мемакад туро
Сарзамини ташнаи тани ҷавони ман.
Чун латиф боришӣ,
Ё маҳи навозишӣ,
Кош хок мешудӣ...
Кош хок мешудӣ...
То дигар тане
Дар ҳуҷуми рӯзҳои дур
Аз тани ту рангубӯ намегирифт,
Бо тани ту хӯ намегирифт.
То дигар зане
Сӯи хонаат намеғунуд,
Сӯи хонаат намедавид,
Нағмаи дили туро намешунид.

Аз миёни пилкҳои нимабоз
Хастадил нигоҳ мекунам,
Мисли мавҷҳо ту аз канори ман,
Дур мешавӣ...
Боз дур мешавӣ...
Рӯи хати сурбии уфуқ
Як шиёр мешавӣ.

Бо чӣ метавон
Ишқро ба банди ҷовидон кашӣ?
Бо кадом бӯса, бо кадом лаб?
Дар кадом лаҳза, дар кадом шаб?

Мисли ман, ки нест мешавам,
Мисли ошёнаҳо...

Мисли барфи рӯи хонаҳо...
Ӯ ҳам оқибат
Дар миёни сояҳо ғубор мешавад,
Мисли акси кухнае
Тор-тор мешавад.

Бо кадом бол метавон
Аз заволи рӯзҳову сӯзҳо гурехт?
Бо кадом ашк метавон
Парда бар нигаҳи хираи замон кашид?
Ишқро ба банди ҷовидон кашид?
Бо кадом даст?..

Хоб, хоб, хоб,
Ӯ ғунудааст.
Рӯи мосаҳои гарм
Зери нури тунди офтоб.

**ДАРЁӢ**

Як рӯзи баланди офтобӣ
Дар обии бекарони дарё,
Амвоҷи туро ба ман расонданд,
Амвоҷи таронабори танҳо.

Чашмони ту ранги об буданд,
Он дам ки туро дар об дидам.
Дар ғурбати он ҷаҳони бешакл
Гӯӣ ки туро ба хоб дидам.

Аз ту то ман сукуту ҳайрат,
Аз ман то ту нигоҳу тардид.
Моро механд мурғе аз дур
Механд ба боғи сабзи хуршед.

Дар мо таби тунди бӯса месӯхт,
Мо ташнаи хуни шӯр будем.
Дар завраќи обҳои ларзон
Бозичаи атру нур будем.

Мезад, мезад даруни дарё
Аз дилҳуйрае фурӯ кашидан.
Амвоҷ, амвоҷи ношикебо
Дар туғёни ба ҳам расидан.

Дастонатро дароз кардӣ
Чун ҷарёнҳои бесаранҷом.
Лабҳоят бо саломи бӯса
Вайрон гаштанд рӯи лабҳом.

Як лаҳза тамоми осмонро
Дар ҳолае аз булӯр дидам.
Худрову турову зиндагиро
Дар доираҳои нур дидам.

Гӯӣ ки насими доғи дӯзах
Печид миёни гесувонам.
Чун қатрае аз тилои сӯзон
Ишқи ту чакид бар лабонам.

Он гоҳ зи дурдасти дарё
Амвоҷ ба сӯи мо хазиданд.
Бе он ки маро ба хеш оранд,
Ором туро фурӯ кашиданд.

Пиндоштам он замон, ки атре
Боз аз гули хобҳо таровид.
Бо дасти хаёли ман танатро
Аз мармари обҳо тарошид.

Пиндоштам он замон, ки розест
Дар зорию ҳой-ҳои дарё.
Шояд ки маро ба хеш мехонд
Дар ғурбати худ Худои дарё.

# ДАФТАРИ ДУВВУМ: ДЕВОР

## ГУНОҲ

Гунаҳ кардам, гуноҳе пур зи лаззат
Дар оғӯше, ки гарму оташин буд.
Гунаҳ кардам миёни бозувоне
Ки доғу киначӯву оҳанин буд.

Дар он хилватгаҳи торику хомӯш
Нигаҳ кардам ба чашми пур зи розаш.
Дилам дар сина бетобона ларзид
Зи хоҳишҳои чашми пурниёзаш.

Дар он хилватгаҳи торику хомӯш
Парешон дар канори ӯ нишастам.
Лабаш бар рӯи лабҳоям ҳавас рехт,
Зи андуҳи дили девона растам.

Фурӯ хондам ба гӯшаш қиссаи ишқ,
Туро мехоҳам, эй ҷононаи ман.
Туро мехоҳам, эй оғӯши ҷонбахш,
Туро, эй ошиқи девонаи ман.

Ҳавас дар чашмҳояш шуъла афрӯхт,
Шароби сурх дар паймона рақсид.
Тани ман дар миёни бистари нарм,
Ба рӯи синааш мастона ларзид.

Гунаҳ кардам, гуноҳи пур зи лаззат
Канори пайкари ларзону мадҳуш.
Худовандо, чӣ медонам, чӣ кардам
Дар он хилватгаҳи торику хомӯш?!

## РУЪЁ

Бо умеди гарму шодибахш,
Бо нигоҳи масту руъёӣ,
Духтарак афсона мехонд,
Нимашаб дар кунҷи танҳоӣ.

Бегумон рӯзе зи роҳи дур,
Мерасад шаҳзодае мағрур,
Мехӯрад бар сангфарши кӯчаҳои шаҳр
Зарбаи суми  сутури бодпаймояш.
Медурахшад шуълаи хуршед
Бар фарози тоҷи зебояш.
Тору пуди ҷомааш аз зар,
Синааш пинҳон ба зери риштаҳое аз дуру гавҳар.
Мекашонад ҳар замон ҳамроҳи худ сӯе
Бод... Парҳои кулоҳашро,
Ё бар он пешонии равшан
Ҳалқаи мӯи сиёҳашро.

Мардумон дар гӯши ҳам оҳиста мегӯянд:
Оҳ... Ӯ бо ин ғуруру шавкату нерӯ,
Дар ҷаҳон яктост,
Бегумон шаҳзодае волост.

Лек гӯӣ дидаи шаҳзодаи зебо,
Дидаи муштоқи ононро намебинад.
Ӯ аз ин гулзори атрогин
Барги сабзе ҳам намечинад.
Ҳамчунон орому беташвиш
Меравад шодон ба роҳи хеш,
Мехӯрад бар сангфарши кӯчаҳои шаҳр,
Зарбаҳои суми сутури бодпаймояш.
Мақсади ӯ... Хонаи дилдори зебояш.
Кист пас ин духтари хушбахт?

Ногаҳон дар хона мепечад садои дар,
Сӯи дар гӯё зи шодӣ мекушоям пар.
Ӯст... Оре... Ӯст,
Оҳ, эй шаҳзодаи мағрури руъёӣ,
Нимашабҳо хоб медидам, ки меоӣ.
Зери лаб чун кӯдаке оҳиста механдад,
Бо нигоҳе гарму шавқолуд
Бар нигоҳам роҳ мебандад.
Эй ду чашмонат раҳи равшан ба сӯи шаҳри зебоӣ,
Эй нигоҳат бодае дар ҷоми миноӣ,
Оҳ, биштоб, эй лабат ҳамранги хуни лолае саҳроӣ.
Раҳ басе дур аст,
Лек дар поёни ин раҳ... Қасри пурнур аст.
Мениҳам по бар рикоби маркабаш хомӯш,
Мехазам дар сояи он синаву оғӯш,
Мешавам мадҳуш...
Боз ҳам орому беташвиш
Мехӯрад бар сангфарши кӯчаҳои шаҳр,
Зарбаҳои суми сутури бодпаймояш.
Медурахшад шуълаи хуршед
Бар фарози тоҷи зебояш.
Мекашам ҳамроҳи ӯ з-ин шаҳри ғамгин рахт,
Мардумон бо дидаи ҳайрон,
Зери лаб оҳиста мегӯянд:
Духтари хушбахт!

## НАҒМАИ ДАРД

Дар манию ин ҳама аз ман ҷудо
Бо манию дидаат ба сӯи ғайр,
Баҳри ман намонда роҳи гуфтугӯ
Ту ташнаи гарми гуфтугӯи ғайр.

Ғарқи ғам дилам ба сина метапад
Бо ту беқарору бе ту беқарор,

Вой аз он даме ки бехабар зи ман
Баркашӣ ту рахти хеш аз ин диёр.

Сояи туам, ба ҳар куҷо равӣ
Сар ниҳодаам ба зери пои ту.
Чун ту дар ҷаҳон наҷустаам ҳанӯз,
То ки баргузинамаш ба ҷои ту.

Шодию ғами манӣ, ба ҳайратам
Хоҳам аз ту... Ба ту оварам паноҳ.
Мавҷи ваҳшиам, ки бехабар зи хеш,
Гаштаам асири ҷазбаҳои моҳ.

Гуфтӣ: Аз ту бигсалам... Дареғу дард,
Риштаи вафо магар гусастанист?
Бигсалам зи хешу аз ту нагсалам,
Аҳди ошиқон магар шикастанист?

Дидамат шабе ба хобу сархушам
Ваҳ... Магар ба хобҳо бибинамат?
Ғунча нестӣ, ки масти иштиёқ,
Хезаму зи шохаҳо бичинамат.

Шуъла мекашад ба зулмати шабам,
Оташи кабуди дидагони ту,
Раҳ мабанд... Балки раҳ барам ба шавқ
Дар сарочаи ғами ниҳони ту.

## ГУМШУДА

Баъд аз он девонагиҳо, эй дареғ,
Боварам н-ояд, ки оқил гаштаам.
Гуиё ӯ мурда дар ман, к-инчунин
Хаставу хомӯшу ботил гаштаам.

Ҳар дам аз оина мепурсам малул
Чистам дигар, ба чашмат чистам?
Лек дар оина мебинам, ки вой
Сояе ҳам з-он чӣ будам, нестам.

Ҳамчу он раққосаи ҳинду ба ноз
Пой мекубам, вале бар гӯри хеш.
Ваҳ, ки бо сад ҳасрат ин вайронаро
Равшанӣ бахшидаам аз нури хеш.

Раҳ намеҷӯям ба сӯи шаҳри рӯз
Бегумон дар қаъри гӯре хуфтаам.
Гавҳаре дорам, вале он рози бим
Дар дили мурдобҳо бинҳуфтаам.

Меравам,... аммо намепурсам зи хеш
Раҳ куҷо?... Манзил куҷо?...Мақсуд чист?
Бӯса мебахшам, вале худ ғофилам,
К-ин дили девонаро маъбуд кист?

Ӯ чу дар ман мурд, ногаҳ ҳар чӣ буд
Дар нигоҳам ҳолате дигар гирифт.
Гӯиё шаб бо ду дасти сарди хеш
Рӯҳи бетоби маро дар бар гирифт.

Оҳ....Оре....Ин манам... Аммо чӣ суд
Ӯ, ки дар ман буд, дигар нест,нест?
Мехурӯшам зери лаб девонавор:
Ӯ ки дар ман буд, охир кист, кист?

**АНДУҲПАРАСТ**

Кош чун поиз будам,... кош чун поиз будам,
Кош чун поиз хомӯшу малолангез будам.
Баргҳои орзуҳоям якояк зард мешуд,

Офтоби дидагонам сард мешуд,
Осмони синаам пурдард мешуд.
Ногаҳон тӯфони андуҳе ба ҷонам чанг мезад.
Ашкҳоям ҳамчу борон
Доманамро ранг мезад.
Ваҳ, ... чӣ зебо буд агар поиз будам,
Ваҳшиву пуршӯру рангомез будам.
Шоире дар чашми ман мехонд шеъре осмонӣ,
Дар канорам қалби ошиқ шуъла мезад.
Дар шарори оташи дарди ниҳонӣ
Нағмаи ман...
Ҳамчу овои насими паршикаста
Атри ғам мерехт бар дилҳои хаста.
Пеши рӯям:
Чеҳраи талхи зимистони ҷавонӣ
Пушти сар:
Ошӯби тобистони ишқи ногаҳонӣ
Синаам:
Манзилгаҳи андуҳу дарду бадгумонӣ,
Кош чун поиз будам,... кош чун поиз будам.

## ҚУРБОНӢ

Имшаб бар осмони ҷалоли ту
Ошуфтаам зи васвасаи илҳом.
Ҷонам аз ин талош ба танг омад
Эй шеър!... Эй илоҳаи хуношом!

Дерест, к-он суруди худоиро
Дар гӯши ман ба меҳр намехонӣ.
Донам, ки боз ташнаи хун ҳастӣ,
Аммо... Бас аст, ин ҳама қурбонӣ.

Хуш ғофилӣ, ки аз сари худхоҳӣ,
Бо бандаат зи қаҳр чиҳо кардӣ?

Чун меҳри хеш дар дилаш афкандӣ,
Ӯро зи ҳар чӣ дошт, ҷудо кардӣ.

Дардо, ки то ба рӯи ту хандидам,
Дар ранҷи ман нишастию кӯшидӣ.
Ашкам чу ранги хуни шақоиқ шуд,
Онро ба ҷом кардию нӯшидӣ.

Чун номи худ ба пои ту афкандам,
Афкандиям ба домани доми нанг.
Оҳ!... Эй илоҳа, кист, ки мекӯбад
Ойинаи умеди маро бар санг?

Дар атри бӯсаҳои гуноҳолуд
Руъёи оташини туро дидам,
Ҳамроҳ бо навои ғаме ширин
Дар маъбади сукути ту рақсидам.

Аммо... Дареғу дард, ки ҷуз ҳасрат,
Ҳаргиз набуда бода ба ҷоми ман.
Афсӯс... Эй умеди хазондида,
Ку тоҷ бар шукуфаи номи ман?

Аз ман ҷуз ин ду дидаи ашколуд
Охир бигӯ... Чӣ монда, ки бистонӣ?
Эй шеър!... Эй илоҳаи хуношом,
Дигар бас аст... Ин ҳама қурбонӣ!

## ОРЗУ

Кош бар соҳили рӯде хомӯш
Атри мармузи гиёҳе будам.
Чу бар он ҷо гузарат меафтод,
Ба саропои ту лаб месудам.

Кош чун нои шубон мехондам
Ба навои дили девонаи ту,
Хуфта бар ҳавдаҷи маввоҷи насим
Мегузаштам зи дари хонаи ту.

Кош чун партави хуршеди баҳор
Саҳар аз панҷара метобидам,
Аз паси пардаи ларзони ҳарир
Ранги чашмони туро медидам.

Кош дар базми фурӯзандаи ту
Хандаи ҷоми шаробе будам,
Кош дар нимашабе дардолуд
Сустиву мастии хобе будам.

Кош чун ойина равшан мешуд
Дилам аз нақши туву хандаи ту,
Субҳгоҳон ба танам мелағзид
Гармии дасти навозандаи ту.

Кош чун барги хазон рақси маро
Нимашаб моҳ тамошо мекард,
Дар дили боғчаи хонаи ту
Шӯри ман... Валвала барпо мекард.

Кош чун ёди дилангези зане
Мехазидам ба дилат пурташвиш,
Ногаҳон чашми туро медидам
Хира бар ҷилваи зебоии хеш.

Кош дар бистари танҳоии ту
Пайкарам шамъи гунаҳ меафрӯхт,
Решаи зуҳди туву ҳасрати ман
З-ин гунаҳкории ширин месӯхт.

Кош аз шохаи сарсабзи ҳаёт
Гули андуҳи маро мечидӣ,
Кош дар шеъри ман, эй мояи умр,
Шуълаи рози маро медидӣ.

## ОБТАНӢ

Лухт шудам то дар он ҳавои дилангез,
Пайкари худро ба оби чашма бишӯям,
Васваса мерехт бар дилам шаби хомӯш,
То ғами дилро ба гӯши чашма бигӯям.

Об хунук буду мавҷҳои дурахшон
Нолакунон гирди ман ба шавқ хазиданд.
Гӯӣ бо дастҳои нарму булӯрин,
Ҷону танамро ба сӯи хеш кашиданд.

Боде аз он дурҳо вазиду шитобон
Домане аз гул ба рӯи гесуи ман рехт.
Атри диловезу тунди пудинаи ваҳшӣ
Аз нафаси бод дар машоми ман овехт.

Чашм фурӯ бастаму хамӯшу сабукрӯҳ
Тан ба алафҳои нарму тоза фушурдам,
Ҳамчу зане, ки хуфта дар бари маъшуқ
Яксара худро ба дасти чашма супурдам.

## САПЕДАИ ИШҚ

Осмон ҳамчун сафҳаи дили ман
Равшан аз ҷилваҳои маҳтоб аст.
Имшаб аз хоби хуш гурезонам,
Ки хаёли ту хуштар аз хоб аст.

Хира бар сояҳои ваҳшии бед
Мехазам дар сукути бистари хеш.
Боз дунболи нағмаи дилхоҳ
Мениҳам сар ба рӯйи дафтари хеш.

Тани садҳо тарона мерақсад
Дар булӯри зарифи овоям,
Лаззате ношиносу руъёранг
Медавад ҳамчу хун ба рагҳоям.

Оҳ!... Гӯӣ зи дахмаи дили ман
Рӯҳи шабгарди маҳ гузар карда,
Ё насиме дар ин раҳи матрук
Доман аз атри ёс тар карда.

Бар лабам шуълаҳои бӯсаи ту
Мешукуфад чу лола гарми ниёз,
Дар хаёлам ситорае пурнур
Медурахшад миёни ҳолаи роз.

Ношиносе даруни синаи ман
Панҷа бар чангу руд месояд,
Ҳамраҳи нағмаҳои мавзунаш
Гӯиё бӯи уд меояд.

Оҳ!... Бовар намекунам, ки маро
Бо ту пайвастане чунин бошад,
Нигаҳи он ду чашми шӯрафкан
Сӯи ман гарму дилнишин бошад.

Бегумон з-он ҷаҳони руъёӣ
Зӯҳра бар ман фиканда дидаи ишқ.
Менависам ба рӯи дафтари хеш:
Ҷовидон бошӣ, эй саперади ишқ!

## БАР ГӮРИ ЛАЙЛӢ

Охир кушуда шуд зи ҳам он пардаҳои роз
Охир маро шинохтӣ, эй чашми ошно.
Чун соя дигар аз чӣ гурезон шавам зи ту
Ман ҳастам он арӯси хаёлоти дерпо.

Чашми ман аст, ин ки дар ӯ хира мондаӣ
Лайлӣ кӣ буд? Қиссаи чашми сиёҳ чист?
Дар фикри ин мабош, ки чашмони ман чаро
Чун чашмҳои ваҳшии Лайлӣ сиёҳ нест?

Дар чашмҳои Лайлӣ агар шаб шукуфта буд,
Дар чашми ман шукуфта гули оташини ишқ.
Лағзида бар  шукуфаи лабҳои хомӯшам
Бас қиссаҳо зи печухами дилнишини ишқ.

Дар банди нақшҳои саробеву ғофилӣ
Баргард... Ин лабони ман, ин ҷоми бӯсаҳо.
Аз доми бӯса роҳи гурезе агар ки буд,
Мо худ намешудем чунин роми бӯсаҳо!

Оре... Чаро нагӯямат, эй чашми ошно,
Ман ҳастам он арӯси хаёлоти дерпо.
Ман ҳастам он зане, ки сабук по ниҳодааст
Бар гӯри сарду хомӯши Лайлии бевафо.

## ЭЪТИРОФ

То ниҳон созам аз ту бори дигар
Рози ин хотири парешонро,
Мекашам бар нигоҳи нозолуд
Нарму сангин ҳиҷоби мижгонро.

Дил гирифтори хоҳиши ҷонсӯз
Аз Худо роҳи чора меҷӯям.
Порсовор дар баробари ту
Сухан аз зуҳду тавба мегӯям.

Оҳ!... Ҳаргиз гумон мабар, ки дилам
Бо забонам рафиқу ҳамроҳ аст.
Ҳар чӣ гуфтам дурӯғ буд, дурӯғ,
Кай туро гуфтам он чӣ дилхоҳ аст?

Ту бароям тарона мехонӣ,
Суханат ҷазбае ниҳон дорад.
Гӯиё хобаму таронаи ту
Аз ҷаҳони дигар нишон дорад.

Шояд инро шунидаӣ, ки занон
Дар дил «оре»-ву «на» ба лаб доранд.
Заъфи худро аён намесозанд,
Роздору хамӯшу маккоранд.

Оҳ, ман ҳам занам, зане, ки дилаш
Дар ҳавои ту мезанад пару бол.
Дӯстат дорам, эй хаёли латиф,
Дӯстат дорам, эй умеди маҳол.

## ЁДИ ЯК РӮЗ

Хуфта будему шуъои офтоб
Бар саропомон ба нармӣ мехазид.
Рӯйи кошиҳои айвон дасти нур
Сояҳомонро шитобон мекашид.

Мавҷи рангини уфуқ поён надошт,
Осмон аз акси рӯз оганда буд.

Гирди мо гӯӣ ҳарири абрҳо
Пардаи нилуфарӣ афканда буд.

Дӯстат дорам хамӯшу хастаҷон
Боз ҳам лағзиду бар лабҳои ман,
Лек гӯӣ дар сукути нимрӯз
Гум шуд аз беҳосилӣ овои ман.

Нола кардам: Офтоб!... Эй офтоб,
Бар гули хушкидае дигар матоб.
Ташналаб будему ӯ моро фирефт
Дар кавири зиндагонӣ чун сароб.

Дар хутути чеҳрааш ногаҳ хазид
Сояҳои ҳасрати пинҳони ӯ.
Чанг зад хуршед бар гесуи ман,
Осмон лағзид дар чашмони ӯ.

Оҳ... Кош он лаҳза поёне надошт,
Дар ғами ҳам маҳву расво мешудем.
Кош бо хуршед меомехтем,
Кош ҳамранги уфуқҳо мешудем.

## МАВҶ

Ту дар чашми ман ҳамчу мавҷе
Хурӯшандаву саркашу ношикебо,
Ки ҳар лаҳзаат мекашонад ба сӯе
Насими ҳазор орзуи фиребо.

Ту мавҷӣ,
Ту мавҷиву дарёи ҳасрат маконат
Парешони рангинуфуқҳои фардо
Нигоҳи маҳолудае дидагонат.

Ту доим ба худ дар ситезӣ,
Ту ҳаргиз надорӣ сукуне.
Ту донам зи худ мегурезӣ,
Ту он абри ошуфтаи нилгунӣ.

Чӣ мешуд, Худоё...
Чӣ мешуд агар соҳиле дур будам?
Шабе бо ду бозуи бикшудаи худ
Туро мерабудам... Туро мерабудам...

## ШАВҚ

Ёд дорӣ, ки зи ман хандакунон пурсидӣ,
Чӣ раҳоварди сафар дорам аз ин роҳи дароз?
Чеҳраамро бинигар, то ба ту посух гӯяд,
Ашк шавқе, ки фурӯ хуфта ба чашмони ниёз.

Чӣ раҳоварди сафар дорам?... Эй мояи умр,
Синаи сӯхта дар ҳасрати як ишқи малол.
Нигаҳи гумшуда дар пайкари руъёии дур,
Пайкаре мултаҳаб аз хоҳиши сӯзони висол.

Чӣ раҳоварди сафар дорам?... Эй мояи умр,
Дидагоне ҳама аз шавқи дарун пурошӯб.
Лаби гарме, ки бар он хуфта ба уммеду ниёз,
Бӯсае доғтар аз бӯсаи хуршеди ҷануб.

Эй басо, дар пайи он ҳадя, ки зебандаи туст,
Дар дили кӯчаву бозор шавам саргардон.
Оқибат рафтаму гуфтам, ки туро ҳадя кунам,
Пайкареро, ки дар он шуъла кашад шавқи ниҳон.

Чу дар ойина назар кардам, дидам, афсӯс,
Ҷилваи рӯйи маро ҳаҷри ту коҳиш бахшид.

Даст бар домани хуршед задам, то бар ман
Аташу равшанию сӯзишу тобиш бахшид.

Ҳолиё... Ин манам, ин оташи ҷонсӯз манам,
Эй умеди дили девонаи андуҳнавоз.
Бозувонро бикушо, то ки аёнат созам
Чӣ раҳоварди сафар дорам аз ин роҳи дароз?

## АНДУҲИ ТАНҲОӢ

Пушти шиша барф меборад,
Пушти шиша барф меборад,
Дар сукути синаам дасте
Донаи андуҳ мекорад.

Мӯсапед охир шудӣ, эй барф,
То саранҷомам чунин дидӣ.
Дар дилам боридӣ...Эй афсӯс,
Бар сари гӯрам наборидӣ.

Чун ниҳоле суст меларзад
Рӯҳам аз сармои танҳоӣ.
Мехазад дар зулмати қалбам
Ваҳшати дунёи танҳоӣ.

Дигарам гармӣ намебахшӣ
Ишқ, эй офтоби яхбаста.
Синаам саҳрои навмедист
Хастаам, аз ишқ ҳам хаста.

Ғунчаи шавқи ту ҳам хушкид,
Шеър, эй шайтони афсункор.
Оқибат з-ин хоби дардолуд
Ҷони ман бедор шуд, бедор.

Баъд аз ӯ бар ҳар чӣ рӯ кардам,
Дидам афсуни саробе буд.
Он чӣ мегаштам ба дунболаш,
Вой бар ман, нақши хобе буд!

Эй Худо,... Бар рӯи ман бикшой
Лаҳзае дарҳои дӯзахро.
То ба кай дар дил ниҳон созам
Ҳасрати гармои дузахро?

Дидам, эй бас офтоберо,
К-ӯ паёпай дар ғуруб афсурд.
Офтоби беғуруби ман,
Эй дарего, дар ғуруб афсурд.

Баъд аз ӯ дигар чӣ меҷӯям,
Баъд аз ӯ дигар чӣ мепоям?
Ашки сарде, то бияфшонам,
Гӯри гарме, то биёсоям.

Пушти шиша барф meборад,
Пушти шиша барф мeборад.
Дар сукути синаам дасте
Донаи андуҳ мекорад.

## ҚИССАЕ ДАР ШАБ

Чун нигаҳбоне, ки дар каф машъале дорад,
Мехиромад шаб миёни шаҳри хоболуд,
Хонаҳо шаниҳои руъёӣ
Як ба як дар гирудори бӯсаи бидруд.

Новадонҳо нолаҳо сар дода дар зулмат,
Дар хурӯш аз зарбаҳои дилкаши борон.

Мехазад бар сангфарши кӯчаҳои дур,
Нури маҳве аз пайи фонуси шабгардон.

Дасти зебое дареро мекушояд нарм,
Медавад дар кӯча барқи чашми табдоре.
Кӯча хомӯш асту дар зулмат намепечад
Бонги пои раҳраве аз пушти деворе.

Бод аз раҳ мерасад урёну атролуд,
Хиси борон мекашад тан бар тани даҳлез,
Дар сукути хона мепечад нафасҳошон
Нолаҳои шавқашон ларзону ваҳмангез.

Чашмҳо дар зулмати шаб хира бар роҳ аст,
Ҷӯй менолад, ки оё кист дилдораш?
Шохаҳо нацвокунон дар гӯши якдигар:
Эй дареғо!... Дар канораш нест дилдораш.

Кӯча хомӯш асту дар зулмат намепечад
Бонги пои раҳраве аз пушти деворе.
Мехазад дар осмони хотире ғамгин
Нарм-нармак абри дардолуди пиндоре.

Бар кӣ механдад фусуни чашмаш, эй афсӯс
В-аз кадомин лаб лабонаш бӯса меҷӯяд?
Панҷааш дар ҳалқаи мӯи кӣ мелағзад,
Бо кӣ дар хилват ба мастӣ қисса мегӯяд?

Тирагиҳоро ба дунболи чӣ мековам,
Пас чаро дар интизораш боз бедорам?
Дар дили мардон кадомин меҳр ҷовид аст?
На... Дигар ҳаргиз намеояд ба дидорам.

Пайкаре гум мешавад дар зулмати даҳлез,
Бод дарро бо садои хушк мебандад.

Мурдае гӯӣ даруни ҳафраи гӯре
Бар умеди сусту бебунёд механдад.

## ШИКАСТИ НИЁЗ

Оташе буду фусурд,
Решае буду гусаст,
Дил чу аз банди ту раст,
Ҷоми ҷодуии андуҳ шикаст.

Омадам, то ба ту овезам,
Лек дидам, ки ту он шохаи бебаргӣ.
Лек дидам, ки ту бар чеҳраи уммедам
Хандаи маргӣ!

Ваҳ чӣ ширин аст!
Бар сари гӯри ту, эй ишқи ниёзолуд.
Пой кӯбидан.

Ваҳ чӣ ширин аст!
Аз ту, эй бӯсаи сӯзандаи марговар,
Чашм пӯшидан.

Ваҳ чӣ ширин аст!
Аз ту бигсастану бо ғайри ту пайвастан,
Дар ба рӯи ғами дил бастан,
Ки биҳишт ин ҷост,
Ба Худо, сояи абру лаби кишт ин ҷост.

Ту ҳамон беҳ, ки наандешӣ
Ба ману дарди равонсӯзам.
Ки ман аз дард наосоям,
Ки ман аз шуъла наафрӯзам.

## ШУКУФАИ АНДУҲ

Шодам, ки дар шарори ту месӯзам,
Шодам, ки дар хаёли ту мегирям.
Шодам, ки баъди висоли ту боз ин сон,
Дар ишқи безаволи ту мегирям.

Пиндоштӣ, ки чун зи ту бигсастам,
Дигар маро хаёли ту дар сар нест.
Аммо чӣ гӯямат, ки ҷуз ин оташ
Бар ҷони ман шарораи дигар нест.

Шабҳо чу дар канораи нахлистон
Корун зи ранҷи худ ба хурӯш ояд.
Фарёдҳои ҳасрати ман, гӯӣ
Аз мавҷҳои хаста ба гӯш ояд.

Шаб лаҳзае ба соҳили ӯ биншин,
То ранҷи ошкори маро бинӣ.
Шаб лаҳзае ба сояи худ бингар,
То рӯҳи беқарори маро бинӣ.

Ман бо лабони сарди насими субҳ
Сар мекунам тарона барои ту.
Ман он ситораам, ки дурахшонам
Ҳар шаб дар осмони сарои ту.

Ғам нест, гар кашида ҳисоре сахт
Байни ману ту пайкари саҳроҳо.
Ман он кабӯтарам, ки ба танҳоӣ
Пар мекашам ба паҳнаи дарёҳо.

Шодам, ки ҳамчун шохаи хушке боз
Дар шуълаҳои қаҳри ту месӯзам.
Гӯӣ ҳанӯз он тани табдорам,
К-аз офтоби шаҳри ту месӯзам.

Дар дил чӣ гуна ёди ту мемирад?
Ёди ту ёди ишқи нахустин аст.
Ёди ту он хазони дилангезест,
К-ӯро ҳазор ҷилваи рангин аст.

Бигзор зоҳидони сияҳдоман
Расвои кӯю анҷуманам хонанд.
Номи маро ба нанг биолоянд,
Инон, ки офаридаи шайтонанд.

Аммо ман он шукуфаи андуҳам,
К-аз шохаҳои ёди ту мерӯям.
Шабҳо туро ба гӯшаи танҳоӣ
Дар ёди ошнои ту меҷӯям.

**ПОСУХ**

Бар рӯи мо нигоҳи Худо ханда мезанад,
Ҳарчанд раҳ ба соҳили лутфаш набурдаем.
Зеро чу зоҳидони сияҳкори хирқапӯш
Пинҳон зи дидагони Худо май нахӯрдаем.

Пешонӣ ар зи доғи гуноҳе сияҳ шавад,
Беҳтар зи доғи муҳри намоз аз сари риё.
Номи Худо набурдан аз он беҳ, ки зери лаб
Баҳри фиреби халқ бигӯӣ: Худо, Худо!

Моро чӣ ғам, ки шайх шабе дар миёни ҷамъ
Бар рӯямон бубаст ба шодӣ дари биҳишт.
Ӯ мекушояд... Ӯ, ки ба лутфу сафои хеш
Гӯӣ ки хоки тинати моро зи ғам сиришт.

Тӯфони таъна хандаи моро зи лаб нашуст,
Кӯҳему дар миёнаи дарё нишастаем.

Чун сина ҷои гавҳари яктои ростист,
З- ин рӯ, ба мавҷи ҳодиса танҳо нишастаем.

Моем,... Мо, ки таънаи зоҳид шунидаем,
Моем,... Мо, ки ҷомаи тақво даридаем.
Зеро даруни ҷома ба ҷуз пайкари фиреб
З-ин ҳодиёни роҳи ҳақиқат надидаем!

Он оташе, ки дар дили мо шуъла мекашид,
Гар дар миёни домани шайх уфтода буд;
Дигар ба мо, ки сӯхтаем аз шарори ишқ,
Номи гунаҳкораи расво надода буд.

Бигзор то ба таъна бигӯянд мардумон
Дар гӯши ҳам ҳикояти ишқи мудоми мо.
«Ҳаргиз намирад, он ки дилаш зинда шуд ба ишқ,
Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо».

## ДЕВОР

Дар гузашти пуршитоби лаҳзаҳои сард
Чашмҳои ваҳшии ту дар сукути хеш,
Гирди ман девор месозад,
Мегурезам аз ту дар бероҳаҳои роҳ.

То бибинам даштҳоро дар ғубори моҳ,
То бишӯям тан ба оби чашмаҳои нур.
Дар маҳи рангини субҳи гарми тобистон
Пур кунам доман аз савсанҳои саҳроӣ,
Бишнавам бонги хурӯсонро зи боми кулбаи деҳқон.

Мегурезам аз ту, то домони саҳро,
Сахт бифшорам ба рӯи сабзаҳо поро,
Ё бинӯшам шабнами сарди алафҳоро,
Мегурезам аз ту то дар соҳиле матрук,

Аз фарози саҳраҳои гумшуда дар абри торике
Бингарам рақси даворангези тӯфонҳои дарёро.

Дар ғурубе дур
Чун кабӯтарҳои ваҳшӣ зери пар гирам
Даштҳоро, кӯҳҳоро, осмонҳоро,
Бишнавам аз лобалои буттаҳои хушк
Нағмаҳои шодии мурғони саҳроро.

Мегурезам аз ту то дур аз ту бикшоям
Роҳи шаҳри орзуҳоро,
Ва даруни шаҳр...
Қуфли сангини тилоиқасри руъёро.

Лек чашмони ту бо фарёди хомӯшаш,
Роҳҳоро дар нигоҳам тор месозад.
Ҳамчунон дар зулмати розаш
Гирди ман девор месозад.

Оқибат як рӯз...
Мегурезам аз фусуни дидаи тардид,
Метаровам ҳамчу атре аз гули рангини руъёҳо,
Мехазам дар мавҷи гесуи насими шаб,
Меравам то соҳили хуршед,
Дар ҷаҳоне хуфта дар оромише ҷовид,
Нарм мелағзам даруни бистари абри тилоиранг,
Панҷаҳои нур мерезад ба рӯйи осмони шод,
Тарҳи бас оҳанг.

Ман аз он ҷо сархушу озод
Дида медӯзам ба дунёе, ки чашми пурфусуни ту,
Роҳҳояшро ба чашми тор месозад.
Дида медӯзам ба дунёе, ки чашми пурфусуни ту,
Ҳамчунон дар зулмати розаш
Гирди он девор месозад.

## СИТЕЗА

Шаб чу моҳи осмон пурроз
Гирди худ оҳиста мепечад ҳарири роз,
Ӯ чу мурғе хаста аз парвоз
Менишинад бар дарахти хушки пиндорам.

Шохаҳо аз шавқ меларзанд,
Дар раги хомӯшашон оҳиста мечӯшад
Хуни ёде дур.
Зиндагӣ сар мекашад чун лолаи ваҳшӣ
Аз шикофи гӯр.
Аз замин дасти насиме сард,
Баргҳои хушкро бо хашм мерӯбад.
Оҳ!... бар девори сахти синаам гӯӣ,
Ношиносе мушт мекӯбад:
Боз кун дар, ...Ӯст.
Боз кун дар, ...Ӯст.

Ман ба худ оҳиста мегӯям:
Боз руъё,
Он ҳам ин сон тираву дарҳам,
Бояд аз доруи талхи хоб
Оқибат бар захми бедорӣ ниҳам марҳам,
Мефишорам пилкҳои хастаро барҳам,
Лек бар девори сахти синаам бо хашм,
Ношиносе мушт мекӯбад:
Боз кун дар, ...Ӯст.
Боз кун дар, ...Ӯст.

Доман аз он сарзамини дур барчида,
Ношикебо даштҳоро навардида,
Рӯзҳо дар оташи хуршед рақсида,
Нимашабҳо чун гуле хомӯш

Дар сукути соҳили маҳтоб рӯида,
Боз кун дар, ...Ӯст.

Осмонҳоро ба дунболи ту гардида,
Дар раҳи худ хастаю бетоб,
Ёсуманҳоро ба бӯи ишқ бӯида,
Болҳои хастаашро дар талоше гарм
Ҳар насими раҳгузар бо меҳр бӯсида,
Боз кун дар, ...Ӯст.
Боз кун дар, ...Ӯст.

Ашки ҳасрат менишинад бар нигоҳи ман,
Ранги зулмат медавад дар ранги оҳи ман.
Лек ман бо хашм мегӯям:
Боз ҳам руъё.
Он ҳам инсони тираву дарҳам,
Бояд аз доруи талхи хоб
Оқибат бар захми бедорӣ ниҳам марҳам,
Мефишорам пилкҳои хастаро барҳам.

## ҚАҲР

Нигаҳ дигар ба сӯи ман чӣ мекунӣ?
Чу дар бари рақиби ман нишастаӣ.
Ба ҳайратам, ки баъд аз он фиребҳо
Ту ҳам пайи фиреби ман нишастаӣ.

Ба чашми хеш дидам он шаб, эй Худо,
Ки ҷоми худ ба ҷоми дигаре задӣ.
Чу фоли Ҳофиз он миёна боз шуд,
Ту фоли худ ба номи дигаре задӣ.

Бирав!... Бирав!... Ба сӯи ӯ маро чӣ ғам?
Ту офтобӣ... Ӯ замин... Ман осмон...

Бар ӯ битоб, з-он ки ман нишастаам,
Ба ноз рӯйи шонаи ситорагон.

Бар ӯ битоб, з-он ки гиря мекунад,
Дар ин миёна қалби ман ба ҳоли ӯ.
Камоли ишқ бошад ин гузаштаҳо,
Дили ту моли ман, тани ту моли ӯ.

Ту, ки маро ба пардаҳо кашидаӣ,
Чӣ гуна раҳ набурдаӣ ба рози ман?
Гузаштам аз тани ту, з-он ки дар ҷаҳон
Тане набуд мақсади ниёзи ман.

Агар ба сӯят инчунин давидаам,
Ба ишқ ошиқам, на бар висоли ту.
Ба зулмати шабони бефурӯғи ман
Хаёли ишқ хуштар аз хаёли ту.

Кунун, ки дар канори ӯ нишастаӣ,
Туву шаробу давлати висоли ӯ!
Гузашта рафту он фасона куҳна шуд,
Тани ту монду ишқи безаволи ӯ!

## ТАШНА

Ман гуле будам,
Дар раги ҳар барги ларзонам хазида атри бас афсун,
Дар шаби торик рӯидам
Ташналаб бар соҳили Корун.

Бар танам танҳо шароби шабнами хуршед мелағзид,
Бо лаби сӯзандаи марде, ки бо чашмони хомӯшаш,

Сарзаниш мекард дастеро, ки аз ҳар шохае сарсабз
Ғунчаи нашкуфтае мечид.

Пайкарам фарёди зебоӣ,
Дар сукутам нағмахон лабҳои танҳоӣ.
Дидагонам хира дар руъёи шуми сарзамине дуру руъёӣ,
Ки насими раҳгузар дар гӯши ман мегуфт:
Офтобаш ранги шоди дигаре дорад.
Оқибат ман бехабар аз соҳили Корун,
Рахт барчидам.
Дар раҳи худ бас гули пажмурдаро дидам,
Чашмҳошон чашмаи хушки кавири ғам,
Ташнаи як қатрае шабнам,
Ман ба онҳо сахт хандидам.

То шабе пайдо шуд аз пушти маҳи тардид,
Такчароғи шаҳри руъёҳо,
Ман дар он ҷо гарму хоҳишбор,
Аз замине сахт рӯидам.
Нимашаб ҷӯшид хуни шеър дар рагҳои сарди ман,
Маҳв шуд дар ранги ҳар гулбарг
Ранги дарди ман.

Мунтазир будам, ки бикшояд ба рӯям осмони тор
Дидагони субҳи симинро,
То бинӯшам аз лаби хуршеди нурафшон
Шаҳди сӯзони ҳазорон бӯсаи табдору ширинро.
Лекин, эй афсӯс,
Ман надидам оқибат дар осмони шаҳри руъёҳо.

Нури хуршеде
Зери поям буттаҳои хушки боандуҳ меноланд:
Чеҳраи хуршеди шаҳри мо, дареғо, сахт торик аст!
Хуб медонам, ки дигар нест уммеде,
Нест уммеде.

Маҳв шуд дар чангали анбӯҳи торикӣ
Чун раги нуре танини ошнои ман.
Қатраашке ҳам наяфшонд осмони тор
Аз нигоҳи хастаи абре ба пои ман.

Ман гули пажмурдае ҳастам,
Чашмҳоям чашмаи хушки кавири ғам.
Ташнаи як бӯсаи хуршед,
Ташнаи як қатраи шабнам.

## ТАРС

Шаб тираву раҳ дарозу ман ҳайрон
Фонус гирифта ӯ ба роҳи ман.
Бар шуълаи бешикеби фонусаш
Ваҳшатзада медавад нигоҳи ман.

Бар мо чӣ гузашт? Кас чӣ медонад?
Дар бистари сабзаҳои тардомон,
Гӯӣ, ки лабаш ба гарданам овехт
Алмоси ҳазор бӯсаи сӯзон.

Бар мо чӣ гузашт? Кас чӣ медонад?
Ман ӯ шудам... Ӯ хурӯши дарёҳо.
Ман буттаи ваҳшии ниёзе гарм
Аз замзамаи насими саҳроҳо.

Ман ташна миёни бозувони ӯ
Ҳамчун алафе зи шавқ рӯидам.
То атри шукуфаҳои ларзонро
Дар ҷоми шукуфа нӯшидам.

Борон ситора рехт бар мӯям
Аз шохаи тагдарахти хомӯшӣ.
Дар бистари сабзаҳои тардоман
Ман мондаму шуълаҳои хомӯшӣ.

Метарсам аз ин насими бепарво,
Гар бо танам чунин даровезад.
Тарсам, ки зи пайкарам миёни ҷамъ,
Атри алафи фушурда бархезад.

## ДУНЁИ СОЯҲО

Шаб ба рӯи ҷодаи намнок
Сояҳои мо зи мо гӯӣ гурезонанд.
Дур аз мо дар нишеби роҳ
Дар ғубори шуми маҳтобе, ки мелағзад,
Сарду сангин бар фарози шохаҳои ток
Сӯи якдигар ба нармӣ пеш меронанд.

Шаб ба рӯи ҷодаи намнок
Дар сукути хоки атрогин
Ношикебо, ки бар якдигар меовезанд.
Сояҳои мо...
Ҳамчу гулҳое, ки мастанд аз шароби шабнами дӯшин,
Гӯӣ онҳо дар гурези талхашон аз мо
Нағмаҳоеро, ки мо ҳаргиз намехонем,
Нағмаҳоеро, ки мо бо хашм,
Дар сукути сина меронем
Зери лаб бо шавқ мехонанд.

Лек дур аз сояҳо
Бехабар аз қиссаи дилбастагиҳошон,
Аз ҷудоиҳову аз пайвастагиҳошон,
Ҷисмҳои хастаи мо дар рукуди хеш
Зиндагиро шакл мебахшанд.

Шаб ба рӯи ҷодаи намнок
Эй басо, ман гуфтаам бо худ:
Зиндагӣ оё даруни сояҳомон ранг мегирад?
Ё ки мо худ сояҳои сояҳои хештан ҳастем?

Эй ҳазорон рӯҳи саргардон,
Гирди ман лағзида дар амвоҷи торикӣ,
Сояи ман ку?
Нури ваҳшат медурахшад дар булӯри бонги
хомӯшам,
Сояи ман ку?
Сояи ман ку?

Ман намехоҳам,
Сояамро лаҳзае аз худ ҷудо созам.
Ман намехоҳам,
Ӯ билағзад дур аз ман рӯи маъбарҳо.
Ё биафтад хаставу сангин
Зери пои раҳгузарҳо,
Ӯ чаро бояд ба роҳи ҷустуҷӯи хеш
Рӯ ба рӯ гардад,
Бо лабони бастаи дарҳо?
Ӯ чаро бояд бисояд тан
Бар дару девори ҳар хона?
Ӯ чаро бояд зи навмедӣ
По ниҳад дар сарзамини сарду бегона?
Оҳ!... Эй хуршед,
Сояамро аз чӣ аз ман дур месозӣ?

Аз ту мепурсам:
Тирагӣ дард аст, ё шодӣ?
Ҷисм зиндон аст, ё саҳрои озодӣ?
Зулмати шаб чист?
Шаб,
Сояи рӯҳи сиёҳи кист?

Ӯ чӣ мегӯяд?
Ӯ чӣ мегӯяд?
Хаставу саргаштаву ҳайрон
Медавам дар роҳи пурсишҳои бепоён.

# ДАФТАРИ САВВУМ: ИСЁН

## ИСЁН (БАНДАГӢ)

Дар лабонам сояе аз пурсиши мармуз,
Дар дилам дардест беорому ҳастисӯз.
Рози саргардонии ин рӯҳи осиро,
Бо ту хоҳам дар миён бигзоридан имрӯз.

Гарчи аз даргоҳи худ мерониям, аммо
То ман ин ҷо банда, он ҷо ту Худо бошӣ.
Саргузашти тираи ман саргузаште нест,
К-аз сароғозу саранҷомаш ҷудо бошӣ.

Нимашаб гаҳвораҳо ором меҷунбанд,
Бехабар аз кӯчи дардолуди инсонҳо.
Дасти links мармузе маро чун завраќе ларзон
Мекашад порузанон дар коми тӯфонҳо.

Чеҳраҳое дар нигоҳам сахт бегона,
Хонаҳое бар фарозаш ашки ахтарҳо.
Ваҳшати зиндону барқи ҳалқаи занҷир
Достонҳое зи лутфи Эзади якто.

Синаи сарди замину лаккаҳои гӯр,
Ҳар саломе сояи торику бидрудӣ.
Дастҳои холиву дар осмоне дур
Зардии хуршеди бемори таболуде.

Ҷустуҷӯи бесаранҷому талоше гунг
Ҷодае зулмониву пое ба раҳ хаста.
На нишони оташе бар қуллаҳои Тӯр,
На ҷавобе аз варои ин дари баста.

Оҳ... Оё нолаам раҳ мебарад дар ту?
То занӣ бар санг ҷоми худпарастиро.

Як замон бо ман нишинӣ, бо зани хокӣ,
Аз лаби шеърам бинӯшӣ дарди ҳастиро.

Солҳо дар хеш афсурдам, вале имрӯз
Шуъласон сар мекашам, то хирманат сӯзам.
Ё хамӯш созӣ хурӯши бешикебамро,
Ё туро ман шеваи дигар биёмӯзам.

Донам аз даргоҳи худ мерониям, аммо
То ман ин ҷо банда, он ҷо ту Худо бошӣ.
Саргузашти тираи ман саргузаште нест,
К-аз сароғозу саранҷомаш ҷудо бошӣ.

Чистам ман? Зодаи як шоми лаззатбор,
Ношиносе пеш меронад дар ин роҳам.
Рӯзгоре пайкаре бар пайкаре печид,
Ман ба дунё омадам, бе он ки худ хоҳам.

Кай раҳоям кардаӣ, то бо ду чашми боз
Даргузинам қолабе худ аз барои хеш.
То диҳам бар ҳар кӣ хоҳам номи модарро,
Худ ба озодӣ ниҳам дар роҳ пои хеш.

Ман ба дунё омадам, то дар ҷаҳони ту
Ҳосили пайванди сӯзони ду тан бошам.
Пеш аз он кай ошно будем мо бо ҳам?
Ман ба дунё омадам, бе он ки ман бошам.

Рӯзҳо рафтанду дар чашми сиёҳе рехт,
Зулмати шабҳои кӯри дерпои ту.
Рӯзҳо рафтанду он овози лолоӣ
Мурду пур шуд гӯшҳоям аз садои ту.

Кӯдаке ҳамчун парастуҳои рангинбол,
Рӯ ба сӯи осмонҳои дигар пар зад.

Нутфаи андеша дар мағзам ба худ ҷунбид,
Меҳмоне бехабар ангушт бар дар зад.

Медавидам дар биёбонҳои ваҳмангез,
Менишастам дар канори чашмаҳо сармаст.
Мешикастам шохаҳои розро, аммо
Аз тани ин бутта ҳар дам шохае мераст.

Роҳи ман то дурдасти даштҳо мерафт,
Ман шиновар дар шати андешаҳои хеш.
Мехазидам дар дили амвоҷи саргардон,
Мегусастам банди зулматро зи пои хеш.

Оқибат рӯзе зи худ ором пурсидам:
Чистам ман? Аз куҷо оғоз меёбам?
Гар саропо нури гарми зиндагӣ ҳастам,
Аз кадомин осмони роз метобам?

Аз чӣ меандешам ин сон рӯзу шаб хомӯш?
Донаи андешаро дар ман кӣ афшондаст?
Чанг дар дасти ману чангии мағрур,
Ё ба домонам касе ин чанг биншондаст?

Гар набудам по, ба дунёи дигар будам,
Боз оё қудрати андешаам мебуд?
Боз оё метавонистам, ки раҳ ёбам
Дар муаммоҳои ин дунёи розолуд?

Тарс-тарсон дар пайи он посухи мармуз
Сар ниҳодам дар раҳи торику печопеч.
Соя афкандӣ бар он поёну донистам,
Пой то сар ҳеч ҳастам, ҳеч ҳастам, ҳеч.

Соя афкандӣ бар он поёну дар дастат
Ресмоне буду он сӯяш ба гарданҳо.

Мекашидӣ халқро дар кӯрароҳи умр,
Чашмҳошон хира дар тасвири он дунё.

Мекашидӣ халқро дар роҳу мехондӣ:
Оташи дӯзах насиби куфргӯён бод!
Ҳар кӣ шайтонро ба ҷоям баргузинад, ӯ
Оташи дӯзах ба ҷонаш сахт сӯзон бод!

Хешро оинае дидам тиҳӣ аз хеш,
Ҳар замон нақше аз он афтад ба дасти ту.
Гоҳ нақши қудратат, гаҳ нақши бедодат,
Гоҳ нақши дидагони худпарасти ту.

Гӯспанде дар миёни галла саргардон
Он ки чӯпон аст, раҳ бар гург бикшуда.
Он кӣ чупон аст, худ сармаст аз ин бозӣ,
Майзада дар гӯшае орому осуда.

Мекашидӣ халқро дар роҳу мехондӣ:
Оташи дӯзах насиби куфргӯён бод!
Ҳар кӣ шайтонро ба ҷоям баргузинад, ӯ
Оташи дӯзах ба ҷонаш сахт сӯзон бод!

Офаридӣ ту худ ин шайтони малъунро,
Осияш кардию ӯро сӯи мо рондӣ.
Ин ту будӣ, ин ту будӣ, к-аз яке шуъла
Деве инсон сохтӣ, дар роҳ биншондӣ.

Муҳлаташ додӣ, ки то дунё ба ҷо бошад,
Бо сарангуштони шумаш оташ афрӯзад.
Лаззати ваҳшӣ шавад дар бистари хомӯш,
Бӯса гардад бар лабоне, к-аз аташ сӯзад.

Ҳар чӣ зебо буд, бераҳмона бахшидиш,
Шеър шуд, фарёд шуд, ишқу ҷавонӣ шуд.

Атри гулҳо шуд, ба рӯйи даштҳо пошид,
Ранги дунё шуд, фиреби зиндагонӣ шуд.

Мавҷ шуд бар домани маввоҷи раққосон,
Оташи май шуд, даруни хум ба ҷӯш омад.
Ончунон дар ҷоми майхорон хурӯш афканд,
То зи ҳар вайрона бонги нӯш-нӯш омад.

Нағма шуд, дар панҷаи чангӣ ба худ печид,
Ларза шуд, бар синаҳои симгун афтод.
Ханда шуд, дандони маҳрӯён намоён кард,
Акси соқӣ шуд, ба ҷоми вожгун афтод.

Сеҳри овозаш дар ин шабҳои зулмонӣ,
Ҳодии гумкардароҳон дар биёбон шуд.
Бонги пояш дар дили меҳробҳо рақсид,
Барқи чашмонаш чароғи раҳнавардон шуд.

Ҳар чӣ зебо буд, бераҳмона бахшидиш,
Дар раҳи зебопарастонаш раҳо кардӣ.
Он ки аз фарёдҳои хашму қаҳри хеш
Гунбади минои моро пурсадо кардӣ.

Чашми мо лабрез аз он тасвири афсуне,
Мо ба пой афтода дар роҳи суҷуди ту.
Ранги хун гирад дамодам дар назарҳомон,
Саргузашти тираи қавми Самуди ту.

Худ нишастӣ, то ба онҳо чира шуд, он гоҳ
Чун гиёҳе хушк кардишон зи тӯфоне.
Тундбоди хашми ту бар қавми Лут омад,
Сӯхтишон, сӯхтӣ бо барқи сӯзоне.

Вой аз ин бозӣ, аз ин бозии дардолуд,
Аз чӣ моро инчунин бозича месозӣ?

Риштаи тасбеҳу дар дасти ту мечархем,
Гарм мечархонию беҳуда метозӣ.

Чашми мо то дар ду чашми зиндагӣ афтод,
Бо хати ин лафзи мубҳам ошно гаштем.
Ту хаторо офаридӣ, ӯ ба худ ҷунбид,
Тохт бар мо, оқибат нафси хато гаштем.

Гар ту бо мо будию лутфи ту бо мо буд,
Ҳеч шайтонро ба мо меҳрею роҳе буд?
Ҳеч дар ин рӯҳи исёнкардаи омӣ,
З-ӯ нишоне буд, ё овои рое буд?

Ту ману моро паёпай мекашӣ дар гӯр,
То бигӯӣ метавонӣ инчунин бошӣ.
То ману мо ҷилвагоҳи қудратат бошем,
Бар сари мо путки сарди оҳанин бошӣ.

Чист ин шайтони аз даргоҳҳо ронда?
Дар сарои хомӯши мо меҳмон монда.
Бар асири пайкари сӯзандааш дасте
Атри лаззатҳои дунёро бияфшонда.

Чист ӯ, ҷуз он чи ту мехостӣ бошад,
Тирарӯҳе, тираҷоне, тирабиное.
Тиралабханде бар он лабҳои белабханд,
Тираоғозе, Худоё, тирапоёне.

Майли ӯ кай мояи ин ҳастии талх аст?
Ройи ӯро кай аз ӯ дар кор пурсидӣ?
Гар раҳояш карда будӣ, то ба худ бошад,
Ҳаргиз аз ӯ дар ҷаҳон нақше намедидӣ.

Эй басо шабҳо, ки дар хоби ман омад ӯ
Чашмаҳояш чашмаҳои ашку хун буданд.

Сахт менолиду медидам, ки бар лабҳош
Нолаҳояш холӣ аз ранги фусун буданд.

Шармгин з-ин номи номи нанголудаи расво,
Гӯшае меҷуст, то аз худ раҳо гардад.
Пайкараш ранги палиде буду ӯ гирён,
Қудрате мехост, то аз худ ҷудо гардад.

Эй басо шабҳо, ки бо ман гуфтугӯ мекард,
Гӯши ман гӯӣ ҳанӯз аз нола лабрез аст.

## ШАЙТОН

Туф, бар ин ҳастӣ, бар ин ҳастии дардолуд,
Туф, бар ин ҳастӣ, ки ин сон нафратангез аст.

Холиқи ман ӯ ва ӯ ҳар дам ба гӯши халқ
Аз чӣ мегӯяд чунон будам, чунин бошам?
Ман агар шайтони маккорам, гуноҳам чист?
Ӯ намехоҳад, ки ман чизе ҷуз ин бошам.

Дӯзахаш дар орзуи туъмае месӯхт,
Доми сайёде ба дастам доду ромам кард.
То ҳазорон туъма дар дом афканам, ногоҳ
Оламеро пурхурӯш аз бонги номам кард.

Дӯзахаш дар орзуи туъмае месӯхт,
Мунтазир, бар по, малакҳои азоби ӯ.
Найзаҳои оташину хаймаҳои дуд,
Ташнаи қурбониёни беҳисоби ӯ.

Меваи талхи дарахти ваҳшии заққум,
Ҳамчунон бар шохаҳо афтода беҳосил.
Он шароби аз ҳамими дӯзах оғушта,
Нозада касро шарори тозае дар дил.

Дӯзахаш аз зачҳаҳои дард холӣ буд,
Дӯзахаш беҳуда метобиду меафрӯхт.
То  ба ин беҳудагӣ ранги дигар бахшад,
Ӯ ба ман расми фиреби халқро омӯхт.

Ман чӣ ҳастам? Худ сияҳрӯзе, ки бар пояш
Бандҳои сарнавишти тира печида.
Эй муридони ман, эй гумгаштагони роҳ,
Роҳи моро ӯ гузида, нек санҷида.

Эй муридони ман, эй гумгаштагони роҳ,
Роҳ роҳе нест, то роҳе ба ӯ ҷӯем.
То ба кай дар ҷустуҷӯи роҳ мекӯшед,
Роҳ нопайдост, мо худ роҳии ӯем.

Эй муридони ман, эй нафрини ӯ бар мо,
Эй муридони ман, эй фарёди мо аз ӯ.
Эй ҳама бедоди ӯ, бедоди ӯ бар мо,
Эй саропо хандаҳои шоди мо аз ӯ.

Мо на дарёем, то худ мавҷи худ гардем,
Мо на тӯфонем, то худ хашми худ  бошем.
Мо, ки аз чашмони ӯ беҳуда афтодем,
Аз чӣ мекӯшем, то худ чашми худ бошем?

Мо на оғӯшем, то аз хештан сӯзем,
Мо на овозем, то аз хештан ларзем.
Мо на мо ҳастем, то бар мо гунаҳ бошад,
Мо на ӯ ҳастем, то аз хештан тарсем.

Мо агар дар дом ноафтода мерафтем,
Доми худро бо фиреби тоза мегустард.
Ӯ барои дӯзахи табдори сӯзонаш
Туъмаҳои тоза дар ҳар лаҳза мепарвард.

Эй муридони ман, эй гумгаштагони роҳ,
Ман худ аз ин номи нанголуда безорам.
Гарчи ӯ кӯшида то хобам кунад, аммо
Ман, ки шайтонам, дареғо, сахт бедорам.

Эй басо шабҳо, ки ман бо ӯ дар он зулмат,
Ашк боридам, паёпай ашк боридам,
Эй басо шабҳо, ки ман лабҳои шайтонро
Чун зи гуфтан монда буд, ором бӯсидам.

Эй басо шабҳо, ки бар он чеҳраи пурчин
Дастҳоям бо навозишҳо фуруд омад.
Эй басо шабҳо, ки то овои ӯ бархост,
Зонувонам бетааммул дар суҷуд омад.

Эй басо шабҳо, ки ӯ аз он ридои сурх
Орзу мекард, то як дам бурун бошад.
Орзу мекард, то рӯҳи сафо гардад,
Не Худое, ниме аз дунёи дун бошад.

Бор Илоҳо, ҳосили ин худпарастӣ чист?
Мо, ки худ афтодагони зори мискинем.
Мо, ки ҷуз нақши ту дар ҳар кору ҳар пиндор,
Нақши дасте, нақши ҷодуе намебинем.

Сохтӣ дунёи хокирову медонӣ,
Пой то сар ҷуз саробе, ҷуз фиребе нест.
Мо арӯсакҳову дастони ту дарбозе,
Куфри мо, исёни мо, чизи ғарибе нест.

Шукр гуфтӣ гуфтанат, шукри туро гуфтем,
Лек дигар то ба кай шукри туро гӯем?
Роҳ мебандию механдӣ ба раҳпӯён,
Дар куҷо ҳастӣ, куҷо, то дар ту раҳ ҷӯем?

Мо, ки чун мӯе ба дастат шакл мегирем,
Пас, дигар афсонаи рӯзи қиёмат чист?
Пас, чаро дар коми дӯзах сахт месӯзем?
Ин азоби талху ин ранҷи надомат чист?

Ин ҷаҳон худ дӯзахе гардида бас сӯзон,
Сар ба сар оташ, саропо нолаҳои дард.
Пас, ғулу занҷирҳои тафта бар поҳо,
Аз ғубори ҷисмҳо сӯзанда дуде сард.

Хушку тар бо ҳам миёни шуълаҳо дар сӯз,
Хирқапӯши зоҳиду ринди хароботӣ.
Майфурӯши бедилу майхораи сармаст,
Соқии равшангару пири самовотӣ.

Ин ҷаҳон худ дӯзахе гардида бас сӯзон,
Боз он ҷо дӯзахе дар интизори мост.
Бепаноҳонему дӯзахбони сангиндил
Ҳар замон гӯяд, ки дар ҳар кор ёри мост.

Ёд бод, он пири фаррухрою фаррухпай,
Он ки аз бахти сиёҳаш ном шайтон буд.
Он ки дар кори туву адли ту ҳайрон буд,
Ҳар чи ӯ мегуфт, донистам, на ҷуз он буд.

Ин манам, он бандаи осӣ, ки номамро
Дасти ту бо зевари ин гуфтаҳо орост.
Вой бар ман, вой бар исёну туғёнам,
Гар бигӯям, ё нагӯям, ҷои ман он ҷост.

Боз дар рӯзи қиёмат бар мани ночиз
Хӯрда мегирӣ, ки рӯзе куфргӯ будам.
Дар тарозу менихӣ бори гуноҳамро,
То бигӯӣ саркашу торикхӯ будам.

Каффаи лабрез аз бори гуноҳи ман,
Каффаи дигар чӣ? Мепурсам, Худовандо.
Чист мизони ту дар ин санҷиши мармуз,
Майли дил, ё сангҳои тираи саҳро?

Худ чӣ осон аст дар он рӯзи ҳавлангез,
Рӯй дар рӯйи ту, аз худ гуфтугӯ кардан.
Обрӯеро, ки ҳар дам мебарӣ аз халқ,
Дар тарозӯи ту ногаҳ ҷустуҷӯ кардан.

Дар китобе, ё ки хобе, худ намедонам,
Нақше аз он боргоҳи Кибриё дидам.
Ту ба кори доварӣ машғулу сад афсӯс,
Дар тарозуят риё дидам, риё дидам.

Хашм кун, аммо зи фарёдам мапарҳезон,
Ман, ки фардо хок хоҳам шуд, чӣ парҳезе?
Хуб медонам саранҷомам чӣ хоҳад буд,
Ту гурусна, ман, Худоё, сайди ночизе?

Ту гурусна, дӯзах он ҷо ком бикшуда,
Морҳои заҳрогин тагдарахтонаш.
Аз дами онҳо фазоҳо тираву масмум,
Оби чиркине шароби талху сӯзонаш.

Дар паси деворҳои сахти побарҷо,
Ҳовия  он охирин гӯдоли оташҳо.
Хешро густурда, то ногаҳ фаро гирад
Ҷисмҳои хокию беҳосили моро.

Кош ҳастиро ба мо ҳаргиз намедодӣ,
Ё чу додӣ, ҳастии мо ҳастии мо буд.
Ман чашидам ин шароби арғувониро,
Нестӣ он гаҳ хумори мастии мо буд.

Солҳо, мо одамакҳо, бандагони ту,
Бо ҳазорон нағмаи сози ту рақсидем.
Оқибат ҳам з-оташи хашми ту месӯзем,
Маънии адли туро ҳам хуб фаҳмидем.

То туро мо тирарӯзон додгар хонем,
Чеҳри худро дар ҳарири меҳр пӯшондӣ.
Аз биҳиште сохтӣ афсонае мармуз
Нася додӣ, накди умр аз халқ бистондӣ.

Гарм аз ҳастӣ, зи ҳастиҳо ҳазар карданд,
Солҳо рухсора бар саҷҷода соиданд.
Аз ту номе бар лабу дар олами руъё,
Ҷоме аз май, чеҳрае аз ҳуриён диданд.

Ҳам шикастӣ соғари имрӯзиҳошонро,
Ҳам ба фардоҳояшон бо кина хандидӣ.
Гӯри худ гаштанду эй борони раҳматҳо,
Қарнҳо бигзашту бар онон наборидӣ.

Аз чӣ мегӯӣ ҳаром аст ин майи гулгун?
Дар биҳиштат ҷӯйҳо аз май равон бошад.
Ҳадяи парҳезгорон оқибат он ҷо,
Ҳурие аз ҳуриёни осмон бошад,

Мефиребӣ  ҳар нафас моро ба афсуне,
Мекашонӣ ҳар замон моро ба дарёе.
Дар сиёҳиҳои ин зиндон маяфрӯзӣ
Гоҳ аз боғи биҳиштат шамъи руъёе.

Мо агар дар ин ҷаҳони бедару пайкар,
Хешро дар соғаре сӯзон раҳо кардем.
Бор Илоҳо, боз ҳам дасти ту дар кор аст,
Аз чӣ мегӯӣ, ки кори нораво кардем?

Дар канори чашмаҳои Салсабили ту
Мо намехоҳем он хоби тилоиро.
Сояҳои Сидру Тӯбо з-они хубон бод,
Бар ту бахшидем ин лутфи худоиро.

Ҳофиз, он пире, ки дарё буду дунё буд,
Бар ҷаве бифрӯхт ин боғи биҳиштиро.
Ман кӣ бошам, то ба ҷоме нагзарам аз он?
Ту бизан бар номи шумам доғи зиштиро.

Чист ин афсонаи рангини атролуд?
Чист ин руъёи ҷодубори сеҳромез?
Кистанд ин ҳуриён, ин хӯшаҳои нур?
Ҷомаҳошон аз ҳарири нозуки парҳез.

Кӯзаҳо дар дасту бар он соқаҳои нарм
Ларзиши мавҷи хаёлангези домонҳо.
Мехироманд аз даре бар даргаҳи ором,
Синаҳошон хуфта дар оғӯши марҷонҳо.

Обҳо покизатар аз қатраҳои ашк,
Наҳрҳо бар сабзаҳои тоза лағзида.
Меваҳо чун донаҳои равшани ёқут,
Гоҳ чида, гоҳ бар ҳар шоха ночида.

Сабзхаттоне саропо лутфу зебоӣ,
Соқиёни базму раҳзанҳои ганҷи дил.
Ҳуснашон ҷовиду чашмони биҳиштиҳо,
Гоҳ бар онон, гаҳе бар ҳуриён моил.

Қасрҳо, деворҳошон мармари маввоҷ,
Тахтҳо бар пояҳошон донаи алмос.
Пардаҳо чун болҳое аз ҳарири сабз,
Аз фазоҳо метаровад атри тунди ёс.

Мо дар ин ҷо хоки пои бодаву маъшуқ,
Номамон майхорагони рондаи расво.
Ту дар он дунё маю маъшуқ мебахшӣ,
Муъминони бегуноҳи порсохӯро.

Он гуноҳи талху сӯзоне, ки дар роҳаш
Ҷони моро шавқи васлеву шитобе буд.
Дар биҳиштат ногаҳон номе дигар гирифт,
Дар биҳиштат, Бор Илоҳо, худ савобе буд.

Ҳар чӣ дорем, аз ту дорем, эй ки худ гуфтӣ:
Меҳри ман дарёву хашмам ҳамчу тӯфон аст.
Ҳар киро ман хоҳам, ӯро тирадил созам,
Ҳар киро ман баргузинам, покдомон аст.

Пас дигар моро чӣ ҳосил з-ин абас кӯшиш,
То даруни ғурфаҳои оҷ раҳ ёбем.
Ё биронӣ, ё бихонӣ, майл майли туст,
Мо зи фармонат, Худоё, рух наметобем.

Ту чӣ ҳастӣ, эй ҳама ҳастии мо аз ту?
Ту чӣ ҳастӣ, ҷуз ду дасти гарм дар бозӣ?
Дигарон дар кори гул машғулу ту дар гил,
Медамӣ, то бандаи саргаштае созӣ.

Ту чӣ ҳастӣ, эй ҳама ҳастии мо аз ту?
Ҷуз яке садде ба роҳи ҷустуҷӯи мо.
Гоҳ дар чанголи хашмат мефишоримон,
Гоҳ меоию механдӣ ба рӯи мо.

Ту чӣ ҳастӣ? Бандаи ному ҷалоли хеш,
Дида дар ойинаи дунё ҷамоли хеш.
Ҳар дам ин ойинаро гардонда то беҳтар,
Бингарад дар ҷилваҳои безаволи хеш.

Барқ чашмони саробе, ранги найранге,
Ширaи шабҳои шуме, зулмати гӯре.
Шояд он хаффоши пири хуфтае аз хашм
Ташнаи сурхии хуни душмани нуре.

Худпарастӣ ту, Худоё, худпарастӣ ту,
Куфр мегӯям, ту хорам кун, ту хокам кун.
Бо ҳазорон нанг олудӣ маро, аммо
Гар Худоӣ, дар дилам биншину покам кун.

Лаҳзае бигзар зи мо, бигзор худ бошем,
Баъд аз он моро бисӯзон, то зи худ сӯзем.
Баъд аз он ё ашк, ё лабханд, ё фарёд,
Фурсате, то тӯшаи раҳро бияндӯзем.

## ИСЁН (ХУДОӢ)

Нимашаб гаҳвораҳо ором меҷунбанд
Бехабар аз кӯчи дардолуди инсонҳо.
Боз ҳам дасте маро чун завраҷи ларзон
Мекашад порузанон дар коми тӯфонҳо.

Чеҳраҳое дар нигоҳам сахт бегона,
Хонаҳое бар фарозаш ашки ахтарҳо.
Ваҳшати зиндону барқи ҳалқаи занҷир,
Достонҳое зи лутфи Эзади якто.

Синаи сарди замину лаккаҳои гӯр,
Ҳар саломе сояи торики бидрудӣ.
Дастҳое холию дар осмони дур
Зардии хуршеди бемори таболуде.

Ҷустуҷӯе бесаранҷому талоше гунг,
Ҷодае зулмонию пое ба раҳ хаста.

На нишони оташе бар қуллаҳои Тур,
На ҷавобе аз варои ин дари баста.

Менишинам хира дар чашмони торикӣ,
Мешавад як дам аз ин қолаб ҷудо бошам?
Ҳамчу фарёде бипечам дар дили дунё,
Чанд рӯзе ҳам мани осӣ Худо бошам.

Гар Худо будам, Худоё, з-ин худовандӣ
Кай дигар танҳо маро номе ба дунё буд?
Ман ба ин тахти мурассаъ пушт мекардам,
Боргоҳам хилвати хомӯши дилҳо буд.

Гар Худо будам, Худоё, лаҳзае аз хеш
Мегусастам, мегусастам, дур мерафтам.
Рӯйи вайронҷодаҳои ин ҷаҳони пир
Бе ридою бе асои нур мерафтам.

Ваҳшат аз ман соя дар дилҳо намеафканд,
Осиёнро ваъдаи дӯзах намедодам.
Ё раҳи боғи Ирам кӯтоҳ мекардам,
Ё дар ин дунё биҳиште тоза мезодам.

Гар Худо будам, дигар ин шуълаи исён,
Кай маро, танҳо саропои маро месӯхт?
То ки аз зиндони ҷисмам сар бурун мекард
Пештар мерафту дунёи маро месӯхт.

Синаҳоро қудрати фарёд медодам,
Худ даруни синаҳо фарёд мекардам.
Ҳастии ман густариш мееёфт дар ҳастӣ,
Шармгин ҳар гаҳ худоӣ ёд мекардам.

Муштҳоям, ин ду мушти сахти беором,
Кай дигар беҳуда бар деворҳо мехӯрд?

Онҷунон мекӯфтам бар фарқи дунё мушт,
То ки ҳастӣ дар тани деворҳо мемурд.

Хона мекардам миёни мардуми хокӣ
Худ ба онҳо рози худро бозмехондам.
Менишастам бо гурӯҳи бодапаймоён,
Шаб миёни кӯчаҳо овоз мехондам.

Шамъи май дар хилватам то субҳдам месӯхт,
Маст аз ӯ дар корҳо тадбир мекардам.
Медаридам ҷомаи парҳезро бар тан,
Худ даруни ҷоми май татҳир мекардам.

Ман раҳо мекардам ин халқи парешонро,
То даме аз ваҳшати дӯзах биосоянд.
Ҷуръае аз бодаи ҳастӣ биошоманд,
Хешро бо зиннати мастӣ биороянд.

Ман навои чанг будам дар найистонҳо
Ман шарори ишқ будам, синаҳо ҷоям.
Масҷиду майхонаи ин дайри вайрона
Дар хурӯш аз зарбаҳои равшани поям.

Ман паёми васл будам дар нигоҳе шӯх,
Ман саломи меҳр будам бар лабони ҷом.
Ман шароби бӯса будам дар шаби мастӣ,
Ман саропо ишқ будам, ком будам, ком.

Мениҳодам гоҳ-гоҳе дар сарои хеш
Гӯш бар фарёди халқи бенавои хеш.
То бибинам дардҳошонро давое ҳаст,
Ё чӣ мехоҳанд онҳо аз Худои хеш?

Гар Худо будам, расулам номи покам буд,
Ин ҷалол аз ҷомаҳои чок-чокам буд.

Ишқ шамшери ману мастӣ китоби ман,
Бода хокам буд, оре, бода хокам буд.

Эй дареғо, лаҳзае омад, ки лабҳоям,
Сахт хомӯшанду бар онҳо каломе нест.
Хоҳамат бидруд гӯям то замони дур,
З-он ки дигар бо туам шавқи саломе нест.

З-он ки нозебад забунро ин худоиҳо,
Ман куҷову з-ин тани хокӣ ҷудоиҳо?
Ман куҷову ин ҷаҳон, ин қатлгоҳи шум?
Ногаҳон парвоз карданҳо, раҳоиҳо?

Менишинам хира дар чашмони торикӣ,
Шаб фурӯ мерезад аз равзан ба болинам.
Оҳ, ҳатто дар паси деворҳои арш,
Ҳеч ҷуз зулмат намебинам, намебинам.

Эй Худо, эй хандаи增мармузи марголуд,
Бо ту бегонаст, дардо, нолаҳои ман.
Ман туро кофар, туро мункар, туро осӣ,
Кӯрии чашми ту, ин шайтон Худои ман.

## ИСЁНИ ХУДОӢ

Гар Худо будам, малоикро шабе фарёд мекардам,
Сиккаи хуршедро дар кӯраи зулмат раҳо созанд.
Ходимони боғи дунёро зи рӯи хашм мегуфтам,
Барги зарди моҳро аз шохаи шабҳо ҷудо созанд.

Нимашаб дар пардаҳои боргоҳи Кибриёи хеш
Панҷаи хашми хурӯшонам заминро зеру рӯ мерехт.
Дастҳои хастаам баъд аз ҳазорон соли хомӯшӣ
Кӯҳҳоро дар даҳони бози дарёҳо фурӯ мерехт.

Мекушудам банд аз пои ҳазорон ахтари табдор,
Мефишондам хуни оташ дар раги хомӯши ҷангалҳо.
Медаридам пардаҳои дудро, то дар хурӯши бод
Духтари оташ биракҷсад маст дар оғӯши ҷангалҳо.

Медамидам дар найи афсунии боди шабонгоҳӣ,
То зи бистар рӯдҳо чун морҳои ташна бархезанд.
Хаста аз умре ба рӯи синае мартуб лағзидан,
Дар дили мурдоби тори осмони шаб фурӯ резанд.

Бодҳоро нарм мегуфтам, ки бар шатти шаби табдор
Завраки сармасти атри сурхи гулҳоро равон созанд.
Гӯрҳоро мекушудам, то ҳазорон рӯҳи саргардон
Бори дигар дар ҳисори ҷисмҳо худро ниҳон созанд.

Гар Худо будам, малоикро шабе фарёд мекардам,
Оби Кавсарро даруни кӯзаи дӯзах биҷӯшонанд.
Машъали сӯзанда дар каф галлаи парҳезгоронро
Аз чарогоҳи биҳишти сабз тардоман бурун ронанд.

Хаста аз зуҳди худоӣ, нимашаб дар бистари иблис,
Дар сарошеби хатои тоза меҷустам паноҳеро.
Мегузидам дар паноҳи тоҷи заррини худовандӣ
Лаззати торику дардолуди оғӯши гуноҳеро.

## ШЕЪРЕ БАРОИ ТУ

***Тақдим ба писарам Комёр ва бо умеди рӯзҳои оянда***

Ин шеърро барои ту мегӯям,
Дар як ғуруби ташнаи тобистон.
Дар нимаҳои ин раҳи шумоғоз,
Дар куҳнагӯри ин ғами бепоён.

Ин охирин таронаи лолоист,
Дар пойи гоҳвораи хоби ту.

Бошад, ки бонги ваҳшии ин фарёд
Печад дар осмони шабоби ту.

Бигзор, сояи мани саргардон
Аз сояи ту дуру ҷудо бошад.
Рӯзе ба ҳам расем, ки гар бошад
Кас байни мо на ғайри Худо бошад.

Ман такя додаам ба даре торик,
Пешонии фишурда зи дардамро.
Месоям аз умед бар ин дари боз
Ангуштҳои нозуку сардамро.

Он доғи нангхӯрда, ки механдид
Ба таънаҳои беҳуда ман будам.
Гуфтам, ки бонги ҳастии худ бошам,
Аммо дареғу дард, ки зан будам.

Чашмони бегуноҳи ту чун лағзад,
Бар ин китоби дарҳами беоғоз.
Исёни решадори замонҳоро,
Бинӣ шукуфта дар дили ҳар овоз .

Ин ҷо ситораҳо ҳама хомӯшанд,
Ин ҷо фариштаҳо ҳама гирёнанд.
Ин ҷо шукуфаҳои гули Марям
Беқадртар аз хори биёбонанд.

Ин ҷо нишаста бар сари ҳар роҳе
Деви дурӯғу нангу риёкорӣ.
Дар осмони тира намебинам
Нуре зи субҳи равшани бедорӣ.

Бигзор, то дубора шавад лабрез
Чашмони ман зи донаи шабнамҳо.

Рафтам зи худ, ки парда барандозам
Аз чеҳри поки ҳазрати Марямҳо.

Бигсастаам зи соҳили хушномӣ,
Дар синаам ситораи тӯфон аст.
Парвозгоҳи шуълаи хашми ман
Дардо, фазои тираи зиндон аст.

Бо ин гурӯҳи зоҳиди зоҳирсоз,
Донам, ки ин ҷидол на осон аст.
Шаҳри ману ту – тифлаки ширинам,
Дерест, к-ошёнаи шайтон аст.

Рӯзе расад, ки чашми ту бо ҳасрат
Лағзад бар ин таронаи дардолуд.
Ҷӯӣ маро даруни суханҳоям,
Гӯӣ ба худ, ки модари ман ӯ буд.

## ПУЧ

Дидагони ту дар қоби андуҳ
Сарду хомӯш
Хуфта буданд.
Зудтар аз ту ногуфтаҳоро
Бо забони нигаҳ гуфта буданд.

Аз ману ҳар чӣ дар ман ниҳон буд,
Мерамидӣ,
Мераҳидӣ.
Ёдам омад, ки рӯзе дар ин роҳ
Ношикебо маро дар пайи хеш
Мекашидӣ,
Мекашидӣ.

Охирин бор,
Охирин бор!
Охирин лаҳзаи талхи дидор,
Сар ба сар пуч дидам ҷаҳонро,
Бод нолиду ман гӯш кардам,
Хиш- хиши баргҳои хазонро.

Боз хондӣ,
Боз рондӣ,
Боз бар тахти оҷам нишондӣ,
Боз дар коми мавҷам кашондӣ,
Гарчи дар парниён ғаме шавам,
Солҳо дар дилам зистӣ ту,
Оҳ, ҳаргиз надонистам аз ишқ,
Чистӣ ту?
Кистӣ ту?

## ДЕР

Дар чашми рӯзи хаста хазидааст,
Руъёи гунгу тираи хобе.
Кунун дубора бояд аз ин роҳ
Танҳо ба сӯйи хона шитобӣ.

То сояи сиёҳи ту ин сон
Пайваста дар канори ту бошад.
Ҳаргиз гумон мабар, ки дар он ҷо
Чашме дар интизори ту бошад.

Биншаста хонаи ту чу гӯре
Дар абре аз ғубори дарахтон.
Тоҷе ба сар ниҳода чу дирӯз
Аз торҳои нуқраи борон.

Аз гӯшаҳои сокиту торик
Чун дар кушуда гашт ба рӯят.
Садҳо саломи хомӯшу мармуз
Пар мекашанд хаста ба сӯят.

Гӯӣ ки метапад дили зулмат
Дар он утоқи кӯчаки ғамгин.
Шаб мехазад чу мори сиёҳе
Бар пардаҳои нозуки рангин.

Соат ба рӯи синаи девор
Холӣ зи зарбае, зи навое.
Дар ҷурме аз сукуту хомӯшӣ,
Худ низ тикае зи фазое.

Дар қобҳои кухна тасовир
Чун чеҳраҳои музҳики фонӣ.
Беранг аз гузашти замонҳо
Шояд ки будаанд замоне.

Ойина ҳамчу чашми бузурге
Як сӯ нишаста гарми тамошо.
Бар рӯи шишаҳои нигоҳаш
Бинҳода рӯҳи осии шабро.

Ту хаста чун парандаи пире,
Рӯ мекунӣ ба гармии бистар.
Бо пилкҳои бастаи ларзон
Сар мениҳӣ ба синаи дафтар.

Гирянд дар канори ту гӯӣ
Арвоҳи мурдагони гузашта.
Онҳо, ки хуфтаанд бар ин тахт,
Пеш аз ту дар замони гузашта.

З-онҳо ҳазор ҷунбиши хомӯш,
З-онҳо ҳазор нолаи бетоб.
Ҳамчун ҳубобҳои гурезон,
Бар чеҳраи фушурдаи мурдоб.

Лабрез гашта коҷи куҳансол
Аз ғор-ғори шуми калоғон.
Рақсад ба рӯи панҷараҳо боз
Абрешими муаттари борон.

Эҳсос мекунӣ, ки дареғ аст,
Бо дарди худ агар биситезӣ.
Мебӯӣ он шукуфаи ғамро,
То шеъри тозае бинависӣ.

## САДО

Дар он ҷо, дар фарози қуллаи кӯҳ,
Ду поям хаста аз ранҷи давидан.
Ба худ гуфтам, ки дар ин авҷ дигар,
Садоямро Худо хоҳад шунидан.

Ба сӯи абрҳои тира пар зад,
Нигоҳи равшани уммедворам.
Зи дил фарёд кардам, к-эй Худованд,
Ман ӯро дӯст дорам, дӯст дорам.

Садоям рафт то аъмоқи зулмат,
Ба ҳам зад хоби шуми ахтаронро.
Ғуборолудаву бетоб кӯбид
Дари заррини қасри осмонро.

Малоик бо ҳазорон дасти кӯчак,
Кулуни сахти сангинро кашиданд.

Зи тӯфони садои бешикебам
Ба худ ларзида, дар абре хазиданд.

Сутунҳо ҳамчу морон печ дар печ,
Дарахтон дар маҳи сабзе шиновар.
Садоям пайкарашро шустушӯ дод
Зи хоки раҳ даруни ҳавзи Кавсар.

Худо дар хоби руъёбори худ буд,
Ба зери пилкҳо пинҳон нигоҳаш.
Садоям рафту бо андуҳ нолид
Миёни пардаҳои хобгоҳаш.

Вале он пилкҳои нуқраолуд,
Дареғо, то саҳаргаҳ баста буданд.
Сабук чун гӯшмоҳиҳои соҳил,
Ба рӯи дидааш биншаста буданд.

Садо сад бор навмедона бархост,
Ки осӣ гардаду бар вай битозад.
Садо мехост то бо панҷаи хашм
Ҳарири хоби ӯро пора созад.

Садо фарёд мезад аз сари дард,
Ба ҳам кай резад ин хоби тилоӣ?
Ман ин ҷо ташнаи як ҷуръаи меҳр,
Ту он ҷо хуфта бар тахти худоӣ?!

Магар чандон тавонад авҷ гирад,
Садое дардманду меҳнатолуд?
Чу субҳи тоза аз раҳ боз омад,
Садоям аз садо дигар тиҳӣ буд.

Вале ин ҷо ба сӯи осмонҳост
Ҳанӯз ин дидаи уммедворам.

Худоё, ин садоро мешиносӣ?
Ман ӯро дӯст дорам, дӯст дорам.

## БУЛӮРИ РУЪЁ

Мо такя дода нарм ба бозуи якдигар,
Дар рӯҳамон таровати маҳтоби ишқ буд.
Сарҳоямон чу шохаи сангин зи бору барг
Хомӯш бар остонаи меҳроби ишқ буд.

Ман ҳамчу мавҷи абри сапеде канори ту
Бар гесуям нишаста гули Марями сапед.
Ҳар лаҳза мечакид зи мижгони нозукам
Бар барги дастҳои ту он шабнами сапед.

Гӯӣ фариштагони Худо дар канори мо
Бо дастҳои кӯчакашон чанг мезананд.
Дар атри уду нолаи испанду абру дуд
Меҳробро зи покии худ ранг мезананд.

Пешонии баланди ту дар нури шамъҳо,
Орому ром буд чу дарёи равшане.
Бо соқаҳои нуқра нишонаш нишаста буд,
Дар зери пилкҳои ту руъёи равшане.

Ман ташнаи садои ту будам, ки месуруд
Дар гӯшам он каломи хуши дилнавозро.
Чун кӯдакон, ки рафта зи худ гӯш мекунанд
Афсонаҳои куҳнаи лабрези розро.

Он гаҳ дар осмони нигоҳат кушуда гашт
Боли булӯри қавзу қузаҳҳои ранг-ранг.
Дар сина қалби равшани меҳроб метапид,
Ман шуълавар дар оташи он лаҳзаи диранг.

Гуфтам хамӯш ореву ҳамчун насими субҳ,
Ларзону беқарор вазидам ба сӯи ту.
Аммо ту ҳеч будию дидам ҳанӯз ҳам
Дар сина ҳеч нест ба ҷуз орзуи ту.

## ЗУЛМАТ

Чӣ гурезест зи ман?
Чӣ шитобест ба роҳ?
Ба чӣ хоҳӣ бурдан
Дар шабе ин ҳама торик паноҳ?

Мармарин паллаи он ғурфаи оҷ,
Эй дареғо, ки зи мо бас дур аст.
Лаҳзаҳоро дарёб,
Чашми фардо кӯр аст.

На чароғест дар он поён,
Ҳар чӣ аз дур намоён аст.
Шояд он нуқтаи нуронӣ
Чашми гургони биёбон аст.

Ман фурӯ монда ба ҷом,
Сар ба саҷҷода ниҳодан то кай?
Ӯ дар ин ҷост ниҳон,
Медурахшад дар май.

Гар ба ҳам овезем
Мо ду саргаштаи танҳо чун мавҷ,
Ба паноҳе, ки ту меҷӯӣ,
Хоҳем расид,
Андар он лаҳзаи ҷодуии авҷ.

## ГИРАҲ

Фардо агар зи роҳ намеомад,
Ман то абад канори ту мемондам.
Ман то абад таронаи ишқамро
Дар офтоби ишқи ту мехондам.

Дар пушти шишаҳои утоқи ту
Он шаб нигоҳи сарди сиёҳе дошт.
Долони дидагони ту дар зулмат
Гӯӣ ба умқи рӯҳи ту роҳе дошт.

Лағзида буд дар меҳи ойина
Тасвири мо шикаставу беоҳанг.
Мӯи ту ранги соқаи гандум буд,
Мӯҳои ман хамидаву қириранг.

Розе даруни синаи ман месӯхт,
Мехостам, ки бо ту сухан гӯяд.
Аммо садоям аз гираҳ кӯтаҳ буд,
Дар соя бутта ҳеч намерӯяд.

З-он ҷо нигоҳи хастаи ман пар зад,
Ошуфта гирди пайкари ман чархид.
Дар чорчӯби қоби тилоиранг
Чашми Масеҳ бар ғами ман хандид.

Дидам утоқ дарҳаму мағшуш аст,
Дар пои ман китоби ту афтода.
Санҷоқҳои гесуи ман он ҷо
Бар рӯи тахтхоби ту афтода.

Аз хонаи булӯрии моҳиҳо,
Дигар садои об намеомад.
Фикри чӣ буд гурбаи пири ту?
К-ӯро ба дида хоб намеомад.

Бори дигар нигоҳи парешонам
Баргашт лолу хаста ба сӯи ту.
Мехостам, ки бо ту  сухан гӯяд,
Аммо хамӯш монад ба рӯи ту.

Он гаҳ ситорагони сапеди ашк
Су-су заданд дар сафи мижгонам.
Дидам, ки дастҳои ту чун абре
Омад ба сӯи сурати ҳайронам.

Дидам, ки боли гарми нафасҳоят
Соида шуд ба гардани сарди ман.
Гӯӣ насими гумшудае печид,
Дар буттаҳои ваҳшии дарди ман.

Дасте даруни синаи ман мерехт
Сурби сукуту донаи хомӯшӣ.
Ман хаста з-ин кашокаши дардолуд,
Рафтам ба сӯи шаҳри фаромӯшӣ.

Бурдам зи ёд андуҳи фардоро
Гуфтам:  Сафар фасонаи талхе буд.
Ногаҳ ба рӯи зиндагиям густард,
Он лаҳзаи тилоии атролуд.

Он шаб ман аз лабони ту нӯшидам,
Овозҳои шоди табиатро.
Он шаб ба коми ишқи ман афшондӣ,
З-он бӯса қатраи абадиятро.

**БОЗГАШТ**

Оқибат хатти ҷода поён ёфт,
Ман расидам зи раҳ ғуборолуд.

Нигаҳам бештар зи ман метохт,
Бар лабонам саломи гарме буд.

Шаҳр ҷӯшон даруни кӯраи заҳр
Кӯча месӯхт дар таби хуршед.
Пои ман рӯи сангфарши хамӯш
Пеш мерафту сахт меларзид.

Хонаҳо ранги дигаре буданд,
Гардолуда, тираву дилгир.
Чеҳраҳо дар миёни чодарҳо
Ҳамчу арвоҳи пой дар занҷир.

Ҷӯи хушкида ҳамчу чашме кӯр
Холӣ аз обу аз нишонаи ӯ.
Марде овозхон зи роҳ гузашт
Гӯши ман пур шуд аз таронаи ӯ.

Гунбади ошнои масҷиди пир
Косаҳои шикастаро мемонд.
Мӯмане бар фарози гулдаста
Бо навои ҳазин азон мехонд.

Медавиданд аз пайи сагҳо
Кӯдакон побараҳна санг ба даст.
Зане аз пушти маъҷаре хандид,
Бод ногаҳ даричаеро баст.

Аз даҳони сиёҳи ҳаштиҳо
Бӯи намноки гӯр меомад.
Марди кӯре асозанон мерафт,
Ошное зи дур меомад.

Даре он ҷо кушуда гашт хамӯш
Дастҳое маро ба худ хонданд.

Ашке аз абри чашмҳо борид,
Дастҳое маро зи худ ронданд.

Рӯйи девор боз печаки пир
Мавҷ мезад чу чашмае ларзон.
Бар тани баргҳои анбуҳаш
Сабзаи пириву баҳори хазон.

Нигаҳам ҷустуҷӯкунон пурсид:
Дар кадомин макон нишонаи ӯст?
Лек дидам утоқи кӯчаки ман
Холӣ аз бонги кӯдаконаи ӯст.

Аз дили хоки сард ойина
Ногаҳон пайкараш чу гул рӯид.
Мавҷ зад дидагони махмалиаш,
Оҳ, дар ваҳм ҳам маро медид.

Такя додам ба синаи девор
Гуфтам: Оҳиста, ин туӣ, Комӣ?
Лек дидам, к-аз он гузаштаи талх,
Ҳеч боқӣ намонда ҷуз номе.

Оқибат хатти ҷода поён ёфт,
Ман расидам зи раҳ ғуборолуд.
Ташна бар чашма раҳ набурду дареғ,
Шаҳри ман гӯри орзуям буд.

## АЗ РОҲИ ДУР

Дидаам сӯи диёри туву дар кафи ту,
Аз ту дигар на паёме, на нишоне.
На ба раҳ партави маҳтоби умеде,
На ба дил сояе аз рози ниҳоне.

Дашти тафкардаву бар хеш надида,
Нам-нами бӯсаи борони баҳорон.
Ҷодае гум шуда дар домани зулмат
Холӣ аз зарбаи поҳои саворон.

Ту ба кас меҳр набандӣ, магар он дам,
Ки зи худ рафта, дар оғӯши ту бошад.
Лек чун ҳалқаи гесу бикушоӣ,
Нек донам, ки фаромӯши ту бошад.

Кист он кас, ки туро барқи нигоҳаш
Мекашад сӯхталаб дар хами роҳе?
Ё дар он хилвати ҷодуии хомӯш
Дасташ афрӯхта фонуси гунoҳе.

Ту ба ман дил насупурдӣ, ки чу оташ
Пайкаратро зи аташ сӯхта будам.
Ман, ки дар мактаби руъёии Зӯҳра
Расми афсунгарӣ омӯхта будам.

Бар ту чун соҳили оғӯш кушодам,
Дар дилам буд, ки дилдори ту бошам.
Вой, бар ман, ки надонистам аз аввал,
Рӯзе ояд, ки дилозори ту бошам.

Баъд аз ин аз ту дигар ҳеч нахоҳам,
На дуруде, на паёме, на нишоне.
Раҳи худ гираму раҳ бар ту кушоям,
З-он ки дигар ту на онӣ, ту на оне.

## РАҲГУЗАР

Яке меҳмони нохонда
Зи ҳар даргоҳ ронда, сахту вомонда.

Расида нимашаб аз роҳ, тан хаста, ғуборолуд.
Ниҳода сар ба рӯи синаи кавсанҳое, ки ман
дар солҳои пеш,
Ҳама шаб то саҳар медӯхтам бо торҳои нарми абрешим
Ҳазорон нақши руъёӣ бар онҳо дар хаёли хеш.
Ва чун хомӯш меафтод бар ҳам пилкҳои доғу сангинам,
Гиёҳи сабз мерӯид дар мурдоби руъёҳои ширинам.
Зи дашти осмон гӯӣ ғубори нур бармехост,
Гули хуршед меовехт бар гесуи мушкинам.
Насими гарми даште ҳалқаеро нарм мелағзонд дар
ангушти симинам.
Лаби сӯзанда лабҳои маро бо шавқ мебӯсид
Ва марде мениҳод ором
бо ман сар ба рӯи синаи хомӯши кавсанҳои рангинам.
Кунун меҳмони нохонда,
Зи ҳар даргоҳ ронда, сахт вомонда,
Ба онҳо мефишорад дидагони гарми хобашро,
Оҳ, ман бояд ба худ ҳамвор созам талхии заҳри
итобашро.
Ва маст аз ҷомҳои бода мехонад, ки оё ҳеч
Боз дар майхонаи лабҳои ширинат шаробе ҳаст?
Ё барои раҳраве хаста,
Дар дили ин кулбаи хомӯши атрогини зебо
Ҷойи хобе ҳаст?

## СУРУДИ ЗЕБОӢ

Шонаҳои ту
Ҳамчу саҳраҳои сахту пурғурур.
Мавҷи гесувони ман дар ин нишеб
Сина мекашад чу обшори нур.

Шонаҳои ту
Чун ҳисорҳои қалъае азим,

Рақси риштаҳои гесувони ман бар он
Ҳамчу рақси шохаҳои бед дар кафи насим.

Шонаҳои ту
Бурҷҳои оҳанин,
Ҷилваи шигарфи хуну зиндагӣ,
Ранги он ба ранги миҷмари мисин.

Дар сукути маъбади ҳавас
Хуфтаам канори пайкари ту беқарор,
Ҷои бӯсаҳои ман ба рӯйи шонаҳот
Ҳамчу ҷои неши оташини мор.

Шонаҳои ту
Дар хурӯши офтоби доғи пуршукӯҳ,
Зери донаҳои гарму равшани арақ
Барқ мезанад чу қуллаҳои кӯҳ.

Шонаҳои ту,
Қиблагоҳи дидагони пурниёзи ман,
Шонаҳои ту,
Муҳрасанги намози ман.

## ҶУНУН

Дили гумроҳи ман чӣ хоҳад кард
Бо баҳоре, ки мерасад аз роҳ?
Бо ниёзе, ки ранг мегирад
Дар тани шохаҳои хушку сиёҳ.

Дили гумроҳи ман чӣ хоҳад кард
Бо насиме, ки метаровад аз он?
Бӯи ишқи кабӯтари ваҳшӣ,
Нафаси атрҳои саргардон.

Лаби ман аз тарона месӯзад,
Синаам ошиқона месӯзад.
Пӯстам мешикофад аз ҳаяҷон,
Пайкарам аз ҷавона месӯзад.

Ҳар замон мавҷ мезанам дар хеш,
Меравам, меравам ба ҷои дур.
Буттаи даргирифтаи хуршед
Сари роҳам нишаста дар таби нур.

Ман зи шарми шукуфа лабрезам,
Ёри ман кист, эй баҳори сапед?
Гар набӯсад дар ин баҳор маро,
Ёри ман нест, эй баҳори сапед.

Дашти бетоби шабнамолуда
Чӣ касеро ба хеш мехонад?
Сабзаҳо, лаҳзае хамӯш, хамӯш,
Он ки ёри ман аст, медонад.

Осмон медавад зи хеш бурун,
Дигар ӯ дар ҷаҳон намегунҷад.
Оҳ, гӯӣ, ки ин ҳама обе,
Дар дили осмон намегунҷад.

Дар баҳор ӯ зи ёд хоҳад бурд
Сардию зулмати зимистонро.
Мениҳад рӯи гесувонам боз
Тоҷи гулпунаҳои сӯзонро.

Эй баҳор, эй баҳори афсунгар,
Ман саропо хаёли ӯ шудаам.
Дар ҷунуни ту рафтаам аз хеш,
Шеъру фарёду орзу шудаам.

Мехазам ҳамчу мори табдоре,
Дар алафҳои хиси тозаи сард.
Оҳ, бо ин хурӯшу ин туғён,
Дили гумроҳи ман чӣ хоҳад кард?

## БАЪДҲО

Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид
Дар баҳори равшан аз амвоҷи нур.
Дар зимистоне ғуборолуду дур,
Ё хазоне холӣ аз фарёду шӯр.

Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид,
Рӯзе аз ин талху ширин рӯзҳо.
Рӯзи пуче ҳамчу рӯзони дигар,
Сояе з-имрӯзҳо, дирӯзҳо.

Дидагонам ҳамчу долонҳои тор,
Гунаҳоям ҳамчу мармарҳои сард.
Ногаҳон хобе маро хоҳад рабуд,
Ман тиҳӣ хоҳам шуд аз фарёду дард.

Мехазанд ором рӯйи дафтарам,
Дастҳоям фориғ аз афсуни шеър.
Ёд меорам, ки дар дастони ман
Рӯзгоре шуъла мезад хуни шеър.

Хок мехонад маро ҳар дам ба хеш,
Мерасанд аз раҳ, ки дар хокам ниҳанд.
Оҳ, шояд ошиқонам нимашаб,
Гул ба рӯйи гӯри ғамнокам ниҳанд.

Баъди ман ногаҳ ба як сӯ мераванд,
Пардаҳои тираи дунёи ман.

Чашмҳои ношиносе мехазанд
Рӯи коғазҳову дафтарҳои ман.

Дар утоқи кӯчакам по мениҳад,
Баъди ман бо ёди ман бегонае.
Дар бари ойина мемонад ба ҷой,
Тори мӯе, нақши дасте, шонае.

Мераҳам аз хешу мемонам зи хеш,
Ҳар чи бар ҷо монда, вайрон мешавад.
Рӯҳи ман чун бодбони қоиқе,
Дар уфуқҳо дуру пинҳон мешавад.

Мешитобанд аз пайи ҳам бешикеб,
Рӯзҳову ҳафтаҳову моҳҳо.
Чашми ту дар интизори номае
Хира мемонад ба чашми роҳҳо.

Лек дигар пайкари сарди маро,
Мефишорад хоки домангири хок.
Бе ту дур аз зарбаҳои қалби ту,
Қалби ман мепӯсад он ҷо зери хок.

Баъдҳо номи маро борону бод,
Нарм мешӯянд аз рухсори санг.
Гӯри ман гумном мемонад ба роҳ,
Фориғ аз афсонаҳои ному нанг.

## ЗИНДАГӢ

Оҳ, эй зиндагӣ! Манам, ки ҳанӯз,
Бо ҳама пучӣ аз ту лабрезам.
На ба фикрам, ки ришта пора кунам,
На бар онам, ки аз ту бигрезам.

Ҳама зарроти ҷисми хокии ман
Аз ту, эй шеъри гарм, дар сӯзанд.
Осмонҳои софро монанд,
Ки лаболаб зи бодаи рӯзанд.

Бо ҳазорон ҷавона мехонад,
Буттаи настаран суруди туро.
Ҳар насиме, ки мевазад дар боғ,
Мерасонад ба ӯ дуруди туро.

Ман туро дар ту ҷустуҷӯ кардам,
На дар он хобҳои руъёӣ.
Дар ду дасти  ту сахт ковидам,
Пур шудам, пур шудам зи зебоӣ.

Пур шудам аз таронаҳои сиёҳ,
Пур шудам аз таронаҳои сапед.
Аз ҳазорон шарораҳои ниёз,
Аз ҳазорон ҷараққаҳои умед.

Ҳайф аз он рӯзҳо, ки ман бо хашм
Ба ту чун душмане назар кардам.
Пуч пиндоштам фиреби туро,
Зи ту мондам, туро ҳадар кардам.

Ғофил аз он ки ту ба ҳоию ман,
Ҳамчу оби равон, ки даргузарам.
Гум шуда дар ғубори шуми завол,
Раҳи торики марг месипарам.

Оҳ, эй зиндагӣ, ман ойинаам,
Аз ту чашмам пур аз нигоҳ шавад.
Варна гар марг бингарад дар ман,
Рӯйи ойинаам сиёҳ шавад.

Ошиқам, ошиқи ситораи субҳ,
Ошиқи абрҳои саргардон.
Ошиқи рӯзҳои боронӣ
Ошиқи ҳар чӣ номи туст бар он.

Мемакам бо вуҷуди ташнаи хеш
Хуни сӯзони лаҳзаҳои туро.
Ончунон аз ту ком мегирам,
То ба хашм оварам Худои туро!

## ЗЕВАРИ ЗАН[2]

Аз баҳри ҳуқуқи хеш мекӯш,эй зан,
Бинмой зи иффату шараф ҷома ба тан.
Аз илму ҳунар вуҷуди худ зиннат кун,
То марди накӯ бипарварӣ дар доман.

[2] Дар китоби «Таваллуде дигар», нашриёти «Ирфон», соли 1983, саҳифаи 171 оварда шудааст, вале дар ягон нашри ашъори шоира дида нашуд.

# ДАФТАРИ ЧАҲОРУМ: ТАВАЛЛУДЕ ДИГАР

## ОН РӮЗҲО

Он рӯзҳо рафтанд,
Он рӯзҳои хуб,
Он рӯзҳои солими саршор,
Он осмонҳои пур аз пулак,
Он шохсорони пур аз гелос,
Он хонаҳои такя дода дар ҳифози сабзи печакҳо ба якдигар,
Он бомҳои бодбодакҳои бозигӯш,
Он кӯчаҳои гиҷ аз атри ақоқиҳо.

Он рӯзҳо рафтанд,
Он рӯзҳое, к-аз шикофи пилкҳои ман
Овозҳоям, чун ҳубобе аз ҳаво лабрез, меҷӯшид.
Чашмам ба рӯйи ҳар чӣ мелағзид,
Онро чу шири тоза менӯшид.
Гӯӣ миёни мардумакҳоям,
Харгӯши нооромн шоде буд.
Ҳар субҳдам бо офтоби пир,
Бар даштҳои ношиноси ҷустуҷӯ мерафт,
Шабҳо ба ҷангалҳои торике фурӯ мерафт.

Он рӯзҳо рафтанд,
Он рӯзҳои барфии хомӯш .
К-аз пушти шиша, дар утоқи гарм,
Ҳар дам ба берун хира мегаштам.
Покиза барфи ман, чу курке нарм,
Ором меборид.
Бар нардбоми кухнаи чӯбӣ,
Бар риштаи сусти таноби рахт,
Бар гесувони коҷҳои пир
Ва фикр мекардам ба фардо, оҳ!
Фардо!
Ҳаҷми сафеди лиз.

Бо хаш- хаши  чодари модарбузург оғоз мешуд
Ва бо зуҳури сояи мағшуши ӯ дар чорчӯби дар,
Ки ногаҳон худро раҳо мекард дар эҳсоси сарди нур
Ва тарҳи саргардони парвози кабӯтарҳо
Дар ҷомҳои рангии шиша.
Фардо…
Гармои курсӣ хобовар буд,
Ман тунду бепарво
Дур аз нигоҳи модарам хатҳои ботилро
Аз машқҳои куҳнаи худ пок мекардам.
Чун барф мехобид,
Дар боғча мегаштам афсурда,
Дар пойи гулдонҳои хушки ёс,
Гунҷишкҳои мурдаамро хок мекардам.

Он рӯзҳо рафтанд,
Он рӯзҳои ҷазбаву ҳайрат,
Он рӯзҳои хобу бедорӣ.
Он рӯзҳо ҳар соя розе дошт,
Ҳар ҷаъбае сарбаста ганҷеро ниҳон мекард.
Ҳар гӯшаи сандуқхона,  дар сукути зуҳр,
Гӯӣ ҷаҳоне буд.
Ҳар кас зи торикӣ наметарсид,
Дар чашмҳоям қаҳрамоне буд.
Он рӯзҳо рафтанд,
Он рӯзҳои ид,
Он интизори офтобу гул,
Он раъшаҳои атр,
Дар иҷтимоъи сокиту маҳҷуби наргисҳои саҳроӣ,
Ки шаҳрро дар охирин субҳи зимистонӣ
Дидор мекарданд.
Овозҳои даврагардон дар хиёбони дарози лаккаҳои сабз,
Бозор дар бӯҳои саргардон шиновар буд,
Дар бӯи тунди қаҳваву моҳӣ.
Бозор дар зери қадамҳо паҳн мешуд,

Каш меомад,
Бо тамоми лаҳзаҳои роҳ меомехт
Ва чарх мезад дар таҳи чашми арӯсакҳо.
Бозор, модар буд, ки мерафт, бо суръат ба сӯйи ҳачмҳои рангии сайёл,
Ва боз меомад
Бо бастаҳои ҳадя, бо занбилҳои пур.
Бозор, борон буд, ки мерехт, ки мерехт, ки мерехт.

Он рӯзҳо рафтанд,
Он рӯзҳои хирагӣ дар розҳои ҷисм,
Он рӯзҳои ошноиҳои муҳтотона бо рагҳои обиранг.
Дасте, ки бо як гул
Аз пушти деворе садо мезад
Як дасти дигарро.
Ва лаккаҳои кӯчаки ҷавҳар, бар ин дасти мушавваш, музтариб, тарсон,
Ва ишқ,
Ки дар саломи шармогин хештанро бозгӯ мекард
Дар зуҳрҳои гарми дудолуд.
Мо ишқамонро дар ғубори кӯча мехондем,
Мо бо забони содаи гулҳои қосид ошно будем
Мо қалбҳомонро ба боғи меҳрубониҳои маъсумона мебурдем.
Ва ба дарахтон қарз медодем.
Ва тӯп бо пайғомҳои бӯса дар дастони мо мегашт
Ва ишқ буд, он ҳисси мағшуше, ки дар торикии ҳаштӣ
Ногоҳ
Маҳсурамон мекард.
Ва ҷазбамон мекард
дар анбӯҳи сӯзони нафасҳову тапишҳову табассумҳои дуздона.

Он рӯзҳо рафтанд,
Он рӯзҳо мисли набототе, ки дар хуршед мепӯсанд,
Аз тобиши хуршед пӯсиданд.

Ва гум шуданд он кӯчаҳои гиҷ аз атри ақоқиҳо
Дар издиҳоми пурҳаёҳӯи хиёбонҳои бебаргашт.
Ва духтаре, ки гунаҳояшро
Бо баргҳои шамъдонӣ ранг мезад, оҳ!
Акнун зане танҳост,
Акнун зане танҳост!

## ГУЗАРОН

То ба кай бояд рафт
Аз диёре ба диёри дигар?
Натавонам, натавонам ҷустан
Ҳар замон ишқеву ёри дигар.

Кош мо он ду парасту будем,
Ки ҳама умр сафар мекардем
Аз баҳоре ба баҳори дигар.

Оҳ, акнун дерест,
Ки фурӯ рехта дар ман гӯӣ,
Тираоворе аз абри гарон,
Чу меомезам бо бӯсаи ту,
Рӯи лабҳоям мепиндорам,
Месупорад ҷон
Атре гузарон.

Ончунон олудаст
Ишқи ғамнокам бо бими завол,
Ки ҳама зиндагиям меларзад,
Чун туро менигарам.
Мисли ин аст, ки аз панҷарае
Тагдарахтамро саршор аз барг
Дар таби зарди хазон менигарам.
Мисли ин аст, ки тасвиреро
Рӯи ҷарёнҳои мағшуши оби равон менигарам.

Шабу рӯз,
Шабу рӯз,
Шабу рӯз,
Бигзор,
Ки фаромӯш кунам
Ту чӣ ҳастӣ, як лаҳза,
Як лаҳза, ки чашмони маро
Мекушояд дар
Бар ҳуввати огоҳӣ.
Бигзор,
Ки фаромӯш кунам.

## ОФТОБ МЕШАВАД

Нигоҳ кун, ки ғам даруни дидаам
Чӣ гуна қатра-қатра об мешавад?
Чӣ гуна сояи сиёҳи саркашам
Асири дасти офтоб мешавад?

Нигоҳ кун,
Тамоми ҳастиям хароб мешавад,
Шарорае маро ба ком мекашад.
Маро ба авҷ мебарад,
Маро ба дом мекашад,
Нигоҳ кун.

Тамоми осмони ман
Пур аз шаҳоб мешавад.

Ту омадӣ зи дуриҳову дурҳо,
Зи сарзамини атрҳову нурҳо.
Нишондаӣ маро кунун ба завраҳе,
Зи оҷҳо, зи абрҳо, булӯрҳо.
Маро бибар умеди дилнавози ман,
Бибар ба шаҳри шеърҳову шӯрҳо.

Ба роҳи пурситора мекашониям,
Фаротар аз ситора менишониям.
Нигоҳ кун,
Ман аз ситора сӯхтам,
Лаболаб аз ситорагони таб шудам.
Чу моҳиёни сурх ранги содадил,
Ситорачини баргҳои шаб шудам.

Чу дур буд пеш аз ин замини мо,
Ба ин кабудғурфаҳои осмон.
Кунун ба гӯши ман дубора мерасад
Садои ту,
Садои боли барфии фариштагон,
Нигоҳ кун, ки ман куҷо расидаам,
Ба Каҳкашон, ба бекарон, ба ҷовидон.

Кунун, ки омадем то ба авҷҳо,
Маро бипеч дар ҳарири бӯсаат,
Маро бихоҳ дар шабони дерпо,
Маро дигар раҳо макун,
Маро аз ин ситораҳо ҷудо макун.

Нигоҳ кун, ки муми шаб бо роҳи мо
Чӣ гуна қатра-қатра об мешавад?
Суроҳии сиёҳи дидагони ман
Ба лой-лои гарми ту,
Лаболаб аз шароби хоб мешавад,
Ба рӯи гоҳвораҳои шеъри ман,
Нигоҳ кун.
Ту медамиву Офтоб мешавад.

## РӮИ ХОК

Ҳаргиз орзу накардаам,
Як ситора дар сароби осмон шавам.

Ё чу рӯҳи баргузидагон
Ҳамнишини хомӯши фariштагон шавам.
Ҳаргиз аз замин ҷудо набудаам,
Бо ситора ошно набудаам.

Рӯи хок истодаам,
Бо танам, ки мисли соқаи гиёҳ
Боду офтобу обро
Мемакад, ки зиндагӣ кунад.

Борвар зи майл,
Борвар зи дард.
Рӯи хок истодаам,
То ситораҳо ситоишам кунанд,
То насимҳо навозишам кунанд.

Аз даричаам нигоҳ мекунам,
Ҷуз танини як тарона нестам,
Ҷовидона нестам.

Ҷуз танини як тарона ҷустуҷӯ намекунам,
Дар фиғони лаззате, ки поктар
Аз сукути содаи ғамест.
Ошёна ҷустуҷӯ намекунам,
Дар тане, ки шабнамест,
Рӯйи занбақи танам.

Бар ҷидори кулбаам, ки зиндагист,
Бо хати сиёҳи ишқ
Ёдгорҳо кашидаанд
Мардумони раҳгузар.
Қалби тирхӯрда,
Шамъи вожгун.
Нуқтаҳои сокити паридаранг,
Бар ҳуруфи дарҳами ҷунун.

Ҳар лабе, ки бар лабам расид,
Як ситора нутфа баст.
Дар шабам, ки менишаст,
Рӯйи рӯди ёдгорҳо
Пас, чаро ситора орзу кунам?

Ин таронаи ман аст,
Дилпазиру дилнишин,
Пеш аз ин набуда беш аз ин.

## ШЕЪРИ САФАР

Ҳама шаб бо дилам касе мегуфт:
Сахт ошуфтаӣ зи дидораш.
Субҳдам бо ситорагони сапед,
Меравад, меравад нигаҳ дораш.

Ман ба бӯи ту рафта аз дунё
Бехабар аз фиреби фардоҳо.
Рӯйи мижгони нозукам мерехт
Чашмҳои ту чун ғубори тило.

Танам аз ҳисси дастҳои ту доғ,
Гесуям дар танаффуси ту раҳо.
Мешукуфтам зи ишқу мегуфтам
Ҳар кӣ дилдода шуд ба дилдораш,
Нанишинад ба қасди озораш.
Биравад чашми ман ба дунболаш,
Биравад ишқи ман, нигаҳ дораш.

Оҳ, акнун ту рафтаию ғуруб
Соя мегустарад ба синаи роҳ.
Нарм-нармак Худои тираи ғам,
Мениҳад по ба маъбади нигаҳам.

Менависад ба рӯйи ҳар девор
Ояҳое ҳама сиёҳ-сиёҳ.

## БОД МОРО ХОҲАД БУРД

Дар шаби кӯчаки ман, афсӯс,
Бод бо барги дарахтон миоде дорад.
Дар шаби кӯчаки ман дилхураи вайронист.

Гӯш кун,
Вазиши зулматро мешунавӣ?

Ман ғарибона ба ин хушбахтӣ
Менигарам.
Ман ба навмедии худ муътодам.

Гӯш кун,
Вазиши зулматро мешунавӣ?

Дар шаб акнун чизе мегузарад,
Моҳ сурх асту мушавваш
Ва бар ин бом, ки ҳар лаҳза дар ӯ бими фурӯ
рехтан аст,
Борҳо ҳамчун анбӯҳи азодорон
Лаҳзаи бориданро гӯӣ мунтазиранд.

Лаҳзае
Ва пас аз он ҳеч.
Пушти ин панҷара шаб дораду меларзад
Ва замин дорад
Боз мемонад аз чархиш,
Пушти ин панҷара як номаълум,
Нигарони ману туст.

Эй саропоят сабз,
Дастҳоятро чун як хотирае сӯзон
Дар дастони ошиқи ман бигзор
Ва лабонатро чун ҳисси гарм аз ҳастӣ
Ба навозишҳои лабҳои ошиқи ман биспор.

Бод моро бо худ хоҳад бурд,
Бод моро бо худ хоҳад бурд.

## ҒАЗАЛ

Чун сангҳо садои маро гӯш мекунӣ,
Сангиву ношунида фаромӯш мекунӣ.

Рагбори навбаҳориву хоби даричаро
Аз зарбаҳои васваса мағшуш мекунӣ.

Дасти маро, ки соқаи сабзи навозиш аст,
Бо баргҳои мурда ҳамоғӯш мекунӣ.

Гумроҳтар аз рӯҳи шаробиву дидаро
Дар шуъла менишониву мадҳуш мекунӣ.

Эй моҳии тилоии мурдоби хуни ман,
Хуш бод мастият, ки маро нӯш мекунӣ.

Ту дарраи бунафши ғурубӣ, ки рӯзро
Бар сина мефишориву хомӯш мекунӣ.

Дар сояҳо Фурӯғи ту биншасту ранг бохт,
Ӯро ба Соя аз чӣ сияҳпӯш мекунӣ?

## ДАР ОБҲОИ САБЗИ ТОБИСТОН

Танҳо туро аз як барг
Бо бори шодиҳои маҳҷурам.
Дар обҳои сабзи тобистон
Ором меронам
То сарзамини марг,
То соҳили ғамҳои поизӣ.

Дар сояе худро раҳо кардам,
Дар сояи беэътибори ишқ.
Дар сояи фирори хушбахтӣ
Дар сояи нопойдориҳо.

Шабҳо, ки мечархад насиме гич
Дар осмони кӯтаҳи дилтанг,
Шабҳо, ки мепечад маҳе хунин
Дар кӯчаҳои обии рагҳо.
Шабҳо, ки танҳоем
Бо раъшаҳои рӯҳамон, танҳо
Дар зарбаҳои набз мечӯшад,
Эҳсоси ҳастӣ, ҳастии бемор.

«Дар интизори дардҳо розест» –
Инро ба рӯи қуллаҳои кӯҳ,
Бар сангҳои саҳмгин канданд.
Онҳо, ки дар хати сукути хеш
Як шаб сукути кӯҳсоронро
Аз илтимоси талх оканданд.

Дар изтироби дастҳои пур
Оромиши дастони холӣ нест,
Хомӯшии вайронаҳо зебост,
Инро зане дар обҳо мехонд,
Дар обҳои сабзи тобистон
Гӯӣ ки дар вайронаҳо мезист.

Мо якдигарро бо нафасҳомон олуда месозем,
Олудаи тақвои хушбахтӣ,
Мо аз садои бод метарсем,
Мо аз нуфузи сояҳои шак
Дар боғҳои бӯсаҳомон ранг мебозем.
Мо дар тамоми меҳмониҳои қасри нур
Аз вахшати овор меларзем.

Акнун ту ин ҷой
Густурда чун атри ақоқиҳо
Дар кӯчаҳои субҳ
Бар синаам сангин
Дар дастҳоям доғ
Дар гесувонам рафта аз худ сӯхта мадҳуш
Акнун ту ин ҷой.

Чизе васеъу тираву анбӯҳ,
Чизе мушавваш чун садои дурдасти рӯз,
Бар мардумакҳои парешонам
Мечархаду мегустарад худро,
Шояд маро аз чашма мегиранд,
Шояд маро аз шоха мечинанд.
Шояд маро мисли даре бар лаҳзаҳои баъд
мебананд.
Шояд...
Дигар намебинам.

Мо бар замине ҳарза рӯидаем,
Мо бар замине ҳарза меборем.
Мо ҳечро дар роҳҳо дидем,
Бар аспи зарди  болдори хеш
Чун подшоҳе роҳ мепаймуд.

Афсӯс, мо  хушбахту оромем,
Афсӯс, мо дилтангу хомӯшем.

Хушбахт, зеро дӯст медорем,
Дилтанг, зеро ишқ нафринест.

## МИЁНИ ТОРИКӢ

Миёни торикӣ
Туро садо кардам.
Сукут буду насим,
Ки пардаро мебурд,
Дар осмони малӯл,
Ситорае месӯхт.
Ситорае мерафт,
Ситорае мемурд.
Туро садо кардам,
Туро садо кардам.

Тамоми ҳастии ман
Чун як пиёлаи шир
Миёни дастам буд,
Нигоҳи обии моҳ
Ба шишаҳо мехӯрд.

Таронаи ғамнок
Чун дуд бармехост,
Зи шаҳри занҷираҳо
Чун дуд мелағзид
Ба рӯйи панҷараҳо.

Тамоми шаб он ҷо,
Миёни синаи ман
Касе зи навмедӣ
Нафас нафас мезад.
Касе ба по мехост,
Касе туро мехост.

Ду дасти сарди ӯро
Дубора пас мезад.

Тамоми шаб он ҷо,
Зи шохаҳои сиёҳ
Ғаме фурӯ мерехт.
Касе зи худ мемонд,
Касе туро мехонд.
Ҳаво чун оворе,
Ба рӯи ӯ мерехт.

Дарахти кӯчаки ман,
Ба бод ошиқ буд,
Ба боди бесомон.
Куҷост хонаи бод?
Куҷост хонаи бод?

## БАР Ӯ БИБАХШОЕД

Бар ӯ бубахшоед,
Бар ӯ, ки гоҳ-гоҳ
Пайванди дардноки вуҷудашро
Бо обҳои рокид
Ва ҳафраҳои холӣ аз бод мебарад
Ва аблаҳона мепиндорад.

Бар ӯ бубахшоед,
Бар хашми бетафовути як тасвир,
Ки орзуи дурдасти таҳрик
Дар дидагони коғазиаш об мешавад.

Бар ӯ бубахшоед,
Бар ӯ , ки дар саросари тобуташ
Ҷарёни сурхи моҳ гузар дорад.
Ва абрҳои мунқалиби шаб

Хоби ҳазорсолаи андомашро
Ошуфта мекунанд.

Бар ӯ бубахшоед,
Бар ӯ, ки аз дарун муталошист,
Аммо ҳанӯз пӯсти чашмонаш аз тасвири
зарроти нур месӯзад
Ва гесувони беҳудааш
Навмедвор аз нуфузи нафасҳои ишқ меларзанд.

Эй сокинони сарзамини содаи хушбахтӣ,
Эй ҳамдамони панҷараҳои кушуда дар борон.
Бар ӯ бубахшоед,
Бар ӯ бубахшоед.
Зеро ки масҳур аст,
Зеро ки решаҳои ҳастии боровари шумо
Дар хокҳои ғурбати ӯ нақб мезананд
Ва қалби зудбовари ӯро
Бо зарбаҳои музии ҳасрат
Дар кунҷи синааш мутаваррим месозанд...

## ДАРЁФТ

Дар ҳубоби кӯчак,
Рӯшноӣ худро мефарсуд.
Ногаҳон панҷара пур шуд аз шаб
Шаби саршор аз анбӯҳи садоҳои тиҳӣ,
Шаби масмум аз ҳарами заҳролуди танаффусҳо.
Шаб...

Гӯш додам
Дар хиёбони ваҳшатзадаи торик
Як нафар гӯӣ қалбашро
Мисли ҳаҷме фосид
Зери пола кард.

Дар хиёбони ваҳшатзадаи торик,
Як ситора таркид.

Гӯш додам...
Набзам аз туғёни хун мутаваррим буд
Ва танам...
Танам аз васвасае муталошӣ гаштан
Рӯйи хатҳои каҷу муаввачи сақф
Чашми худро дидам.
Чун ратиле сангин
Хушк мешуд дар каф, дар зардӣ, дар хафақон.
Доштам бо ҳама ҷунбишҳоям
Мисли обе рокид
Таҳнишин мешудам, ором, ором,
Доштам
Лард мебастам дар гудолам.

Гӯш додам,
Гӯш додам ба ҳама зиндагиям
Муши манфуре дар ҳафраи худ
Як суруди зишти маҳмилро
Ё вақоҳат мехонад,
Ҷир-ҷире самҷу номафҳум.
Лаҳзаи фониро чархзанон мепаймуд
Ва равон мешуд бар сатҳи фаромӯшӣ.

Оҳ!
Ман пур будам аз шаҳват – шаҳвати марг
Ҳарду пистонам аз эҳсоси сарсомовар тир кашид.
Оҳ!
Ман ба ёд овардам
Аввалин рӯзи булуғамро,
Ки ҳама андомам
Боз мешуд дар буҳти маъсум,

То биёмезад бо он мубҳам, он гунг, он номаълум.
Дар ҳубоби кӯчак
Равшаноии худро
Дар хатти ларзони хамёза кашид.

## ВАСЛ

Он тирамардумакҳо, оҳ,
Он сӯфиёни содаи хилватнишини ман.
Дар ҷазбаи самоъи ду чашмонаш,
Аз ҳуш рафта буданд.

Дидам, ки бар саросари ман мавҷ мезанад,
Чун ҳурами сурхгунаи оташ,
Чун инъикоси об,
Чун абре аз ташаннуҷи боронҳо,
Чун осмоне аз нафаси фаслҳои гарм.

То бениҳоят,
То он сӯи ҳаёт,
Густурда буд ӯ.

Дидам, ки дар вазидани дастонаш
Ҷисмияти вуҷудам
Таҳлил меравад
Дидам, ки қалби ӯ
Бо он танини соҳири саргардон
Печида дар тамоми қалби ман.

Соат парид,
Парда ба ҳамроҳи бод рафт,
Ӯро фушурда будам
Дар ҳолаи ҳариқ

Мехостам бигӯям,
Аммо шигифтро.

Набуда соягустари мижгонаш,
Чун решаҳои пардаи абрешим
Ҷорӣ шуданд аз буни торикӣ
Дар имтидоди он кашолаи тӯлониталаб,
Ва он ташаннуҷ, он ташаннуҷи марголуд
То интиҳои гумшудаи ман.

Дидам, ки мераҳам,
Дидам, ки мераҳам.

Дидам, ки пӯсти танам аз инбисот
Ишқ тарк мехӯрд,
Дидам, ки ҳаҷми оташинам,
Оҳиста об шуд,
Ва рехт, рехт, рехт,
Дар моҳ, моҳ ба гудӣ нишаста, моҳи мунқалиби
тор.

Дар якдигар гириста будем,
Дар якдигар тамоми лаҳзаи беэътибор
Ваҳдатро
Девонавор зиста будем.

## ОШИҚОНА

Эй шаб аз руъёи ту рангин шуда,
Сина аз атри туам сангин шуда.
Эй ба рӯйи чашми ман густарда хеш,
Шодиям бахшида аз андуҳ беш.
Ҳамчу бороне, ки шӯяд ҷисми хок,
Ҳастиям з-олудагиҳо карда пок.

Эй тапишҳои тани сӯзони ман,
Оташе дар сояи мижгони ман.
Эй зи гандумзорҳо саршортар,
Эй зи зарриншохаҳо пурбортар.
Эй дари бикшода бар хуршедҳо,
Дар ҳуҷуми зулмати тардидҳо.
Бо туам дигар зи дарде бим нест,
Ҳаст агар, ҷуз дарди хушбахтем нест.
Ин дили танги ману ин бори нур?
Ҳойҳӯи зиндагӣ дар қаъри гӯр?

Эй ду чашмонат чаманзорони ман,
Доғи чашмат хӯрда бар чашмони ман.
Пеш аз инат гар ки дар худ доштам,
Ҳар касеро ту намеангоштам.

Дарди торикест дарди хостан,
Рафтану беҳуда худро костан.
Сар ниҳодан бар сияҳдил синаҳо,
Сина олудан ба чирки кинаҳо.
Дар навозиш неши морон ёфтан,
Заҳр дар лабханди ёрон ёфтан.
Зар ниҳодан дар кафи таррорҳо,
Гум шудан дар паҳнаи бозорҳо.

Оҳ, эй бо ҷони ман омехта,
Эй маро аз гӯри ман ангехта.
Чун ситора бо ду боли зарнишон,
Омада аз дурдасти осмон.
Аз ту танҳоем хомӯшӣ гирифт,
Пайкарам бӯи ҳамоғӯшӣ гирифт.
Ҷӯйи хушки синаамро об ту!
Бистари рагҳомро селоб ту!
Дар ҷаҳоне инчунин сарду сиёҳ,
Бо қадамҳоят қадамҳоям ба роҳ.

Эй ба зери пӯстам пинҳон шуда,
Ҳамчу хун дар пӯстам ҷӯшон шуда.
Гесуямро аз навозиш сӯхта,
Гунаҳом аз ҳурми хоҳиш сӯхта,
Оҳ, эй бегона бо пироҳанам,
Ошнои сабзазорони танам.
Оҳ, эй рӯшантулӯъи беғуруб,
Офтоби сарзаминҳои ҷануб.
Оҳ, оҳ, эй аз саҳар шодобтар,
Аз баҳорон тозатар, серобтар,
Ишқ дигар нест ин, ин хирагист!
Чилчароғе дар сукуту тирагист!
Ишқ чун дар синаам бедор шуд,
Аз талаб по то сарам исор шуд.

Ин дигар ман нестам, ман нестам,
Ҳайф аз он умре, ки бо ман зистам!
Эй лабонам бӯсагоҳи бӯсаат,
Хира чашмонам ба роҳи бӯсаат.
Эй ташаннуҷҳои лаззат дар танам,
Эй хутути пайкарат пироҳанам.
Оҳ, мехоҳам, ки бишкофам зи ҳам
Шодиям як дам биёлояд ба ғам.
Оҳ, мехоҳам, ки бархезам зи ҷой,
Ҳамчу абре ашк резам, ҳой-ҳой!

Ин дили танги ману ин дуди уд?
Дар шабистон захмаҳои чангу рӯд?
Ин фазои холиву парвозҳо?
Ин шаби хомӯшу ин овозҳо?

Эй нигоҳат лой-лойи сеҳрбор,
Гоҳвори кӯдакони беқарор.
Эй нафасҳоят насими нимхоб,
Шуста аз ман ларзаҳои изтироб.

Хуфта дар лабханди фардоҳои ман,
Рафта то аъмоқи дунёҳои ман.

Эй маро бо шӯри шеър омехта,
Ин ҳама оташ ба шеърам рехта.
Чун таби ишқам чунин афрӯхтӣ,
Лоҷарам шеърам ба оташ сӯхтӣ.

## ПУРСИШ

Салом, моҳиҳо...
Салом, моҳиҳо...
Салом қирмизҳо, сабзҳо, тилоиҳо.
Ба ман бигӯед,
Оё дар он утоқи булӯр,
Ки мисли мардумаки чашми  мурдаҳо сард аст.
Ва мисли  охири шабҳои шаҳр баста ва хилват
Садои найи лабакиро шунидаед?
Ки аз диёри париҳои тарсу танҳоӣ,
Ба сӯйи эътимоди оҷари хобгоҳҳо,
Ва лой-лойи кӯкии соатҳо
Ва ҳастаҳои шишаи нур пеш меоянд,
Ва ҳамчунон ки пеш меоянд.
Ситораҳои аклиле аз осмон ба хок меафтанд.
Ва қалбҳои кӯчаки бозикӯш
Аз ҳиси гиря метарканд.

## ДЕВОРҲОИ МАРЗ

Акнун дубора дар шаби хомӯш
Қад мекашанд ҳамчу гиёҳон.
Деворҳои ҳоил,
Деворҳои марз,
То посдори мазрааи ишқи ман шаванд.

Акнун дубора ҳамҳамаҳои палиди шаҳр
Чун галлаи мушавваши моҳиҳо
Аз зулмати каронаи ман кӯч мекунанд.

Акнун дубора панҷараҳо худро
Дар лаззати тамоси атрҳои пароканда бозмеёбанд.
Акнун дарахтҳо ҳама дар боғи хуфта пӯст меандозанд.
Ва хок бо ҳазорон манфуз
Зарроти гиҷи моҳро ба дарун мекашад.

Акнун
Наздиктар биё,
Ва гӯш кун
Ба зарбаҳои музтариби ишқ,
Ки пахш мешавад
Чун том-томи табли сайёҳон
Дар ҳӯ-ҳӯи қабилаи андомҳои ман.

Ман ҳис мекунам,
Ман медонам,
Ки лаҳзаи намоз кадомин лаҳза аст?
Акнун ситораҳо ҳама ҳамхоба мешаванд.

Ман дар паноҳи шаб
Аз интиҳои ҳар чӣ насим аст, мевазам,
Ман дар паноҳи шаб
Девонавор фурӯ мерезам.
Бо гесувони сангинам дар дастҳои ту
Ва ҳадя мекунам ба ту гулҳои устувоии
Ин гармсери сабзи ҷавонро.

Бо ман биё,
Бо ман ба он ситора биё,
На он ситорае, ки ҳазорон ҳазор сол

Аз инҷимоди хок ва миқёсҳои пучи замин дур аст.
Ва ҳеч кас он ҷо аз равшанӣ наметарсад.

Ман дар ҷазираҳои шиновар ба рӯи об нафас мекашам.
Ман
Дар ҷустуҷӯи қитъае аз осмони паҳновар ҳастам,
Ки аз тарокуми андешаҳои паст тиҳӣ бошад.
Бо ман руҷӯъ кун,
Бо ман руҷӯъ кун,
Ба ибтидои ҷисм
Ба маркази муаттари як лаҳза
Ба лаҳзае, ки аз ту офарида шудам,
Бо ман руҷӯъ кун,
Ман нотамом мондаам аз ту.

Акнун кабӯтарон
Дар қалъаҳои пистонҳоям,
Парвоз мекунанд,
Акнун миёни пиллаи лабҳоям,
Парвонаҳои бӯса дар андешаи гурез фурӯ рафтаанд.
Акнун меҳроби ҷисми ман
Омодаи ибодати ишқ аст.

Бо ман руҷӯъ кун,
Ман нотавонам аз гуфтан
Зеро ки дӯстат медорам,
Зеро ки дӯстат медорам.
Ҳарфест, ки аз ҷаҳони беҳудагиҳо
Ва куҳнаҳо ва мукаррарҳо меояд.

Ба ман руҷӯъ кун,
Ман нотавон аз гуфтан.

Бигзор, дар паноҳи шаб аз моҳ бор бардорам,
Бигзор, пур шавам,

Аз қатраҳои кӯчаки борон,
Аз қалбҳои рушд накарда,
Аз ҳаҷми кӯдакони ба дунё наомада,
Бигзор, пур шавам.
Шояд ки ишқи ман
Гаҳвораи таваллуди Исои дигаре бошад.

## ҶУМЪА

Ҷумъае сокит,
Ҷумъае матрук.
Ҷумъае чун кӯчаҳои куҳна ғамангез.
Ҷумъае андешаҳои танбали бемор,
Ҷумъае хамёзаҳои мӯзии кашдор,
Ҷумъае беинтизор
Ҷумъае таслим.

Хонае холӣ,
Хонае дилгир,
Хонае дарбаста бар ҳуҷуми ҷавонӣ,
Хонае торику тасаввури хуршед,
Хонае танҳоию тафоилу тардид,
Хонае парда, китоб, ганҷа, тасовир.

Оҳ, чӣ орому пурғурур гузар дошт,
Зиндагии ман чу ҷӯйбори ғарибӣ,
Дар дили ин ҷумъаҳое сокити матрук,
Дар дили ин хонаҳои холии дилгир,
Оҳ, чӣ орому пурғурур гузар дошт...

## АРӮСАКИ КӮКӢ

Беш аз инҳо оҳ, оре,
Беш аз инҳо метавон хомӯш монд.

Метавон соати тӯлонӣ,
Бо нигоҳе чун нигоҳи мурдагон собит
Хира шуд дар дуди як сигор,
Хира шуд дар шакли як финҷон
Дар гуле беранг бар қолӣ,
Дар хате мавҳум бар девор.

Метавон бо панҷаҳои хушк
Пардаро як сӯ кашиду дид.
Дар миёни кӯча борони тунд меборад,
Кӯдаке бо бодбодакҳои рангинаш
Истода зери як тоқӣ.

Гории фарсудае майдони холиро,
Бо шитобе бар ҳаёҳу тарк мегӯяд.

Метавон бар ҷое боқӣ монд,
Дар канори парда, аммо кӯр, аммо кар.

Метавон фарёд зад
Бо садои козиб, сахт бегона:
Дӯст медорам.
Метавон дар бозувони чираи як мард,
Модаи зебову солим буд.

Бо тане чун суфраи чармин,
Бо ду пистони дурушту сахт,
Метавон дар бистари як маст, як девона, як велгард
Исмати як ишқро олуда кард.

Метавон бо зиракӣ таҳқир кард,
Ҳар муаммои шигифтеро
Метавон танҳо ба ҳалли ҷадвале пардохт.
Метавон танҳо ба кашфи посухе беҳуда дил хуш сохт,
Посухе беҳуда, оре, панҷ ё шаш ҳарф.

Метавон як умр зону зад,
Ё саре афканда дар пои зиреҳе сард,
Метавон дар гӯри маҳҷуле Худоро дид,
Метавон бо сиккаи ночиз имон ёфт,
Метавон дар ҳуҷраҳои масҷиде пӯсид,
Чун зиёратномахони пир.

Метавон чун сифр дар тафриқи ҷамъу зарб,
Ҳосиле пайваста яксон дошт,
Метавон чашми туро дар пилаи қаҳраш
Дукмаи беранги кафши куҳнае пиндошт,
Метавон чун об дар гудоли худ хушкид.

Метавон зебоии як лаҳзаро бо шарм
Мисли як акси сиёҳи мазҳаки фаврӣ,
Дар таҳи сандуқ махфӣ кард.
Метавон дар қоби холимондаи як рӯз
Нақши як маҳкум, ё мағлуб, ё маслубро овехт.
Метавон бо суратакҳо рахнаи деворро пӯшонд,
Метавон бо нақшҳои пучтар омехт.

Метавон ҳамчун арӯсакҳои кӯкӣ
Бо ду чашми шишаӣ дунёи худро дид.
Метавон дар ҷаъбаи моҳут,
Бо тане анбошта аз коҳ,
Солҳо дар лобалои тӯру пӯлак хуфт.
Метавон бо ҳар фишори ҳарзаи дасте,
Бесабаб фарёд карду гуфт:
Оҳ, ман бисёр хушбахтам.

## ТАНҲОИИ МОҲ

Дар тамоми тӯли торикӣ
Сирсиракҳо фарёд заданд:
Моҳ, эй моҳи бузург.

Дар тамоми тӯли торикӣ
Шохаҳо бо он дастони дароз,
Ки аз онҳо оҳе шаҳватнок,
Сӯи боло мерафт.

Ва насими таслим
Ба фаромини худоёни нашнохтаву links
Ва ҳазорон нафаси пинҳон дар зиндагии махфии хок,
Ва дар он доираи сайёри нуронӣ, шабтоб
Дағдаға дар сақфи чӯбин
Лайлӣ дар парда
Ғукҳо дар мурдоб
Ҳама бо ҳам, ҳама бо ҳам якрез
То сапедадам фарёд заданд:
Моҳ, эй моҳи бузург.

Дар тамоми тӯли торикӣ
Моҳ дар маҳтобе шуъла кашид.
Моҳ
Дил танҳо шаби худ буд
Дошт дар буғзи тилоии рангаш метаркид.

## МАЪШУҚИ МАН

Маъшуқи ман
Бо он тани бараҳнаи бешарм,
Бар соқҳои нерумандаш,
Чун марг истод.

Хатҳои беқарори муварриб
Андомҳои осии ӯро
Дар тарҳи устувораш
Дунбол мекунанд.

Маъшуқи ман
Гӯӣ зи наслҳои фаромӯшгашта аст.

Гӯӣ ки тоторе
Дар интиҳои чашмонаш,
Пайваста дар камини саворест,
Гӯӣ ки барбаре
Дар барқи пуртаровати дандонҳояш
Маҷзуби хуни гарми шикорест.

Маъшуқи ман
Ҳамчун табиат
Мафҳуми ногузири сареҳе дорад.
Ӯ бо шикасти ман
Қонуни содиқонаи қудратро
Таъйид мекунад.

Ӯ ваҳшиёна озод аст,
Монанди як ғаризаи солим
Дар умқи як ҷазираи номаскун.
Ӯ пок мекунад
Бо пораҳои хаймаи Маҷнун
Аз кафши худ ғубори хиёбонро.

Маъшуқи ман
Ҳамчун Худованде дар маъбади Непол
Гӯӣ аз ибтидои вуҷудаш
Бегона будаст.
Ӯ
Мардест аз қуруни гузашта
Ёдовари асолати зебоӣ.

Ӯ дар фазои худ
Чун бӯи кӯдаке.

Пайваста хотироти маъсумеро
Бедор мекунад,
Ва мисли як суруди хуши омиёна аст
Саршор аз хушунату эҳсос.

Ӯ бо хулус дӯст медорад
Зарроти зиндагиро,
Зарроти хокро.
Ғамҳои одамиро,
Ғамҳои покро.

Ӯ бо хулус дӯст медорад
Як кӯчабоғи деҳкадаро,
Як дарахтро,
Як зарфи бастаниро,
Як банд рахтро.

Маъшуқи ман
Инсони содаест,
Инсони содае, ки ман ӯро
Дар сарзамини шуми аҷоиб
Чун охирин нишонаи як мазҳаби шигифт
Дар лобалои буттаи пистонҳоям
Пинҳон намудаам.

## ДАР ХИЁБОНҲОИ САРДИ ШАБ

Ман пушаймон нестам,
Ман ба ин таслим меандешам, ин таслими дардолуд
Ман салиби сарнавиштамро
Бар фарози теппаҳои қатлгоҳи хеш бӯсидам.

Дар хиёбонҳои сарди шаб
Ҷуфтҳо пайваста бо тардид,
Якдигарро тарк мегӯянд.

Дар хиёбонҳои сарди шаб,
Ҷуз «Худо ҳофиз!», «Худо ҳофиз!» садое нест.

Ман пушаймон нестам,
Қалби ман гӯӣ дар он сӯи замон ҷорист,
Зиндагӣ қалби маро такрор хоҳад кард
Ва гули қосид, ки бар дарёчаҳои бод меронад,
Ӯ маро такрор хоҳад кард.

Оҳ, мебинӣ,
Ки чӣ гуна пӯсти ман медарад аз ҳам?
Ки чӣ гуна шир дар рагҳои обиранги пистонҳои сарди ман,
Моя мебандад?
Ки чӣ гуна хун
Равиши ғазруфияшро дар камаргоҳи сабури ман
Мекунад оғоз?

Ман ту ҳастам, ту
Ва касе, ки дӯст медорад
Ва касе, ки дар даруни худ
Ногаҳон пайванди гунге бозмеёбад
Бо ҳазорон чизи ғарибтабори номаълум
Ва тамом шаҳвати тундзамин ҳастам,
То тамоми даштҳоро борвар созад.

Гӯш кун,
Бо садоҳои дурдасти ман.

Дар меҳи сангини авроди саҳаргоҳӣ,
Ва маро дар сокити оинаҳо бингар,
Ки чӣ гуна боз бо таҳмондаҳои дастҳоям
Умқи торики тамоми хобҳоро ламс месозам.
Ва диламро холкӯбӣ мекунам чун тиккаҳои хунин
Бар саодатҳои маъсумонаи ҳастӣ.

Ман пушаймон нестам,
Ё ман, эй маҳбуби ман, аз як мани дигар,
Ки ту ӯро дар хиёбонҳои сарди шаб
Бо ҳамин чашмони ошиқбоз хоҳӣ ёфт.
Гуфтугӯ кун
Ва ба ёд овар маро дар бӯсаи андуҳгини ӯ
Бар хутути меҳрубони зери чашмонат.

## ДАР ҒУРУБИ АБАДӢ

- Рӯз, ё шаб?
- На, эй дӯст, ғурубе абадист.
Бо убури ду кабӯтар дар бод,
Чун ду тобути сапед.
Ва садоҳое аз дур, аз он дашти ғариб,
Бе суботу саргардон ҳамчун ҳаракати бод.

Сухане бояд гуфт,
Сухане бояд гуфт.
Дили ман мехоҳад бо зулмат ҷуфт шавад.
Сухане бояд гуфт,
Чӣ фаромӯшии сангине
Себе аз шоха фурӯ меафтад.
Донаҳои зарди тухми катон
Зери минқори қанориҳои ошиқи ман мешикананд.
Гули боқило аъсоби кабудашро дар сукри насим
Месупорад ба раҳо гаштан аз дилҳураи гунги дигаргуне
Ва дар ин ҷо дар ман, дар сари ман.

Оҳ...
Дар сари ман чизе нест ба ҷуз чархиши зарроти ғализи сурх ва нигоҳам
Мисли як ҳарфи дурӯғ
Шармгин асту фурӯ афтода.

- Ман ба як моҳ меандешам,
- Ман ба ҳарфе дар шеър,
- Ман ба як чашма меандешам,
- Ман ба ваҳме дар хок.
- Ман ба бӯи ғании гандумзор,
- Ман ба афсонаи нон,
- Ман ба маъсумияти бозиҳо
Ва ба он кӯчаи борику дароз,
Ки пур аз атри дарахтони ақоқӣ буд,
- Ман ба бедории талхе, ки пас аз бозӣ
Ва ба бухте пас аз кӯча
Ва ба холӣ тавилае, ки пас аз атри ақоқиҳо.

- Қаҳрамониҳо?
- Оҳ.
- Аспҳо пиранд.
- Ишқ?

- Танҳост ва аз панҷарае кӯтоҳ
Ба биёбонҳои бе Маҷнун менигарад.
Ба гузаргоҳе бо хотирае мағшуш
Аз хиромидани соқии нозук дар халхол.
- Орзуҳо?
- Худро мебозанд.
Дар ҳамоҳангии бераҳми ҳазорон дар.
- Баста?
- Оре, пайваста баста, баста.
- Хаста хоҳӣ шуд,
- Ман ба як хона меандешам.
Бо нафасҳои пучакҳояш рахитнок.
Бо чароғонаш равшан ҳамчун нинии чашм.
Бо шабонаш мутафаккир, танбал, беташвиш.
Ва ба навзоде бо лабханди номаҳдуд.
Мисли як доираи пай дар пай дар об,
Ва тане пурхун чун хӯшаи ангур.

- Ман ба овор меандешам
Ва ба торочи вазишҳои сиёҳ
Ва ба нуре машкук,
Ки шабонгоҳон дар панҷара мековад,
Ва ба гӯре кӯчак, кӯчак чун пайкари як навзод.

- Кор...кор?
- Оре, аммо дар он мизи бузург
Душмане махфӣ маскан дорад,
Ки туро меҷӯяд ором, ором.
Ҳамчунон, ки чӯбу дафтарро
Ва ҳазорон чизи беҳудаи дигарро.
Ва саранҷом ту дар финҷоне чой
Фурӯ хоҳӣ рафт.
Мисли қоиқ дар гирдоб
Ва дар аъмоқи уфуқ чизе ҷуз дуди ғализи сигор
Ва хутути номафҳум нахоҳӣ дид.

- Як ситора?
- Оре, садҳо, садҳо, аммо
Ҳама дар он сӯи шабҳои маҳсур.
- Як паранда?
- Оре, садҳо, садҳо, аммо
Ҳама дар хотираҳои дур.
Бо ғурури абас бол заданҳошон.
- Ман ба фарёде дар кӯча меандешам.
- Ман ба муште беозоре, ки дар девор
Гоҳ-гоҳе гузаре дорад.

- Сухане бояд гуфт,
Сухане бояд гуфт.
Дар саҳаргоҳон дар лаҳзаи ларзоне
Ки фазо ҳамчун эҳсоси булуғ
Ногаҳон бо чизе мубҳам меомезад.
Ман дилам мехоҳад,

Ки ба туғёне таслим шавам.
Ман дилам мехоҳад,
Ки бибoрам аз он абри бузург.
Ман дилам мехоҳад,
Ки бигӯям: На, на, на, на.

- Биравем.
- Сухане бояд гуфт.
- Ҷом, ё бистар, ё  танҳоӣ, ё хоб?
- Биравем...

## МУРДОБ

Шаб сиёҳӣ карду беморӣ гирифт,
Дидаро туғёни бедорӣ гирифт.
Дида аз дидан намемонад, дареғ,
Дида пӯшидан намедонад, дареғ.
Рафту дар ман марг зоре куҳна ёфт,
Ҳастиямро интизоре куҳна ёфт.
Он биёбон диду танҳоемро,
Моҳу хуршеди муқаввоемро.
Чун ҷанине пир бо заҳдон ба ҷанг,
Медарад девори заҳдонро ба чанг.
Зинда, аммо ҳасрати зодан дар ӯ,
Мурда, аммо майли ҷон додан дар ӯ.
Худписанд аз дарди худ нохостан,
Хуфта аз савдои барпо хостан.
Хандаам ғамнокии беҳудае,
Нангам аз дилпокии беҳудае.
Ғурбати сангинам аз дилдодагем,
Шӯри тунди марг дар ҳамхобагем.
Н-омада ҳаргиз фуруд аз боми хеш
Дар фарози шоҳиди эъдоми хеш.
Гармхоку хокаш, аммо бӯи нок,
Бод-бодакҳош дар афлоки пок.

Ношиноси нимаи пинҳонияш,
Шармгини чеҳраи инсонияш.
Кӯ ба кӯ дар ҷустуҷӯи ҷуфти хеш,
Медавад муътоди бӯи ҷуфти хеш.
Ҷӯядаш гаҳ-гоҳу нобовар аз ӯ,
Ҷуфташ, аммо сахт танҳотар аз ӯ.
Ҳарду дар биму ҳарос аз якдигар,
Талхкому носипос аз якдигар.
Ишқашон савдои маҳкумонае,
Васлашон руъёи машкуконае.
Оҳ, агар роҳе ба дарёем буд,
Аз фурӯ рафтан чӣ парвоем буд?
Гар ба мурдобе зи ҷарён монад об,
Аз сукуни хеш нуқсон ёбад об.
Ҷонаш иқлими табоҳиҳо шавад,
Жарфнояш гӯри моҳиҳо шавад.
Оҳувон, эй оҳувони даштҳо,
Гоҳ агар дар маъбари гулгаштҳо.
Ҷӯйборе ёфтед овозхон,
Рӯ ба истиғнои дарёҳо равон.
Ҷорӣ аз абрешими ҷарёни хеш,
Хуфта бар гардунаи туғёни хеш.
Ёли аспи бод дар чанголи ӯ,
Рӯҳи сурхи моҳ дар дунболи ӯ.
Рони сабзи соқаҳоро мекушуд,
Атри бикри буттаҳоро мерабуд.
Бар фарозаш дар нигоҳи ҳар ҳубоб,
Инъикоси бедареғи офтоб.
Хоби он бехобро ёд оваред,
Марги дар мурдобро ёд оваред.

## ОЯҲОИ ЗАМИНӢ

Он гоҳ
Хуршед сард шуд
Ва баркат аз заминҳо рафт.

Ва сабзаҳо ба саҳроҳо хушкиданд
Ва моҳиён ба дарёҳо хушкиданд.
Ва хок мурдагонашро
З-он пас ба худ напазируфт.

Шаб дар тамоми панҷараҳои паридаранг
Монанди як тасаввури машкук
Пайваста дар тарокуму туғён буд.
Ва роҳҳо тарокуми худро
Дар тирагӣ раҳо карданд.

Дигар касе ба ишқ наандешид,
Дигар касе ба фатҳ наандешид.
Ва ҳеч кас
Дигар ба ҳеч чиз наандешид.

Дар ғорҳои танҳоӣ
Беҳудагӣ ба дунё омад.
Хун бӯи бангу афюн медод.
Занҳои бордор
Навзодҳои бесар зоиданд.

Ва гоҳвораҳо аз шарм
Ба гӯрҳо паноҳ оварданд.

Чӣ рӯзгори талху сиёҳе,
Нон неруи шигифти рисолатро,
Мағлуб карда буд.
Пайғамбарони гуруснаю мафлук
Аз ваъдагоҳҳои Илоҳӣ гурехтанд.
Ва барраҳои гумшудаи Исо

Дигар садои ҳай-ҳайи чӯпонеро
Дар буҳти даштҳо нашниданд.

Дар дидаҳои ойинаҳо гӯӣ
Ҳаркоту рангҳову тасовир
Воруна мунъакис мегашт
Ва бар фарози сари далқакони паст
Ва чеҳраи вақеҳи фавоҳиш.

Як ҳолаи муқаддаси нуронӣ
Монанди чатри муштаъиле месӯхт.

Мурдобҳои алкул
Бо он бухориҳои гиси масмум
Анбӯҳи бетаҳарруки равшанфикронро
Ба жарфнои хеш кашиданд.
Ва мушҳои музӣ
Авроқи зарнигори кутубро
Дар ганҷаҳои куҳна ҷавиданд.

Хуршед мурда буд,
Хуршед мурда буд ва фардо
Дар зеҳни кӯдакон
Мафҳуми гунги гумшудае дошт.

Онҳо ғаробати ин лаҳзаи куҳнаро
Дар машқҳои худ
Бо лаккаи дурушти сиёҳӣ
Тасвир менамуданд.

Мардум,
Гурӯҳи соқити мардум,
Дилмурдаву такидаву мабҳут
Дар зери бори шуми ҷасадҳошон
Аз ғурбате ба ғурбати дигар мерафтанд.

Ва майли дардноки ҷиноят
Дар дастҳояшон мутаваррум мешуд.

Гоҳе ҷаракқае, ҷаракқаи ночизе
Ин иҷтимоъи сокити беҷонро
Якбора аз дарун муталошӣ мекард.

Онҳо ба ҳам ҳуҷум меоварданд,
Мардон гулӯи ҳамдигарро бо корд медариданд.
Ва дар миёни бистаре аз хун
Бо духтарони ноболиғ ҳамхоба мешуданд.

Онҳо ғариқи ваҳшати худ буданд
Ва ҳиси тарсноки гунаҳгорӣ
Арвоҳи кӯру кавданашонро
Мафлуҷ карда буд.

Пайваста дар маросими эъдом,
Вақте танобдор
Чашмони пурташаннуҷи маҳкумеро
Аз коса басо фишор ба берун мерехт.
Онҳо ба худ фурӯ мерафтанд
Ва аз тасаввури шаҳватноке
Аъсоби пиру хастаашонро тир мекашид.

Аммо ҳамеша дар ҳавошии майдонҳо
Ин ҷониёни кӯчакро медидӣ,
Ки истодаанд
Ва хира гаштаанд
Ба резиши мудовими фаввораҳои об.

Шояд ҳанӯз ҳам
Дар пушти чашмҳои лаҳшуда дар умқи
инҷимод,
Як чизи нимзиндаи мағшуш

Бар ҷой монда буд,
Ки дар талошии берамақаш мехост
Имон биёварад ба покии обҳо.

Шояд, вале чӣ холии бепоёне
Хуршед мурда буд
Ва ҳеч кас намедонист,
Ки номи он кабӯтари ғамгин,
К-аз қалбҳо гурехта имон аст.

Оҳ, эй садои зиндонӣ,
Оё шукуҳи яъси ту ҳаргиз
Аз ҳеч сӯйи ин шаби манфур
Нақбе ба сӯи нур нахоҳад зад?
Оҳ, эй садои зиндонӣ,
Эй охирин садои садоҳо.

## ҲАДЯ

Ман аз ниҳояти шаб ҳарф мезанам,
Ман аз ниҳояти торикӣ.
Ва аз ниҳояти шаб ҳарф мезанам,
Агар ба хонаи ман омадӣ, барои ман, эй
меҳрубон, чароғ биёр.
Ва як дарича,  ки аз он
Ба издиҳоми кӯчаи хушбахт бингарам.

## ДИДОР ДАР ШАБ

Ва чеҳрае шукуфт,
Аз он сӯи дарича бо ман гуфт:
Ҳақ бо касест, ки мебинад,
Ман мисли ҳиси гумшудагӣ ваҳшатоварам,
Аммо Худои ман,
Оё чӣ гуна мешавад аз ман тарсид?

Ман,
Ман, ки ҳеч гоҳ
Ҷуз бодбодаки сабук ва велгард
Бар пушти бомҳои меҳолуди осмон
Чизе набудаам.
Ва ишқу майлу нафрату дардамро
Дар ғурбати шабонаи қабристон
Муше ба номи марг ҷавидааст.

Ва чеҳраи шигифт
Бо он хутути нозуки дунболадори суст,
Ки бод тарҳи ҷорешонро
Лаҳза ба лаҳза маҳву дигаргун мекард.
Ва гесувони нарму дарозаш,
Ки ҷунбиши ниҳонии шаб мерабудашон
Ва бар тамоми паҳнаи шаб мекушудашон
Ҳамчун гиёҳҳои таҳи дарё
Дар он сӯи дарича равон буд.
Ва дод зад:
Бовар кунед,
Ман зинда нестам!

Ман аз варои ӯ тарокуми торикиро
Ва меваҳои нуқраии коҷро ҳанӯз медидам,
Оҳ, вале ӯ...

Ӯ бар тамоми ин ҳама мелағзид
Ва қалби бениҳояти ӯ авҷ мегирифт.
Гӯӣ, ки ҳисси сабзи дарахтон буд
Ва чашмҳояш то абадият идома дошт.

Ҳақ бо шумост,
Ман ҳеч гоҳ пас аз маргам
Ҷуръат накардаам, ки дар ойина бингарам.

Ва он қадар мурдаам,
Ки ҳеч чиз марги маро дигар собит намекунад.

Оҳ,
Оё садои занҷираеро,
Ки дар паноҳи шаб ба сӯи моҳ мегурехт,
Аз интиҳои боғ шунидаед?

Ман фикр мекунам, ки тамоми ситораҳо
Ба осмони гумшудае кӯч кардаанд.
Ва шаҳр шаҳри чӣ сокит буд.
Ман дар саросари тӯли масири худ
Ҷуз бо гурӯҳе аз муҷассамаҳои паридаранг
Ва чанд рафтагар,
Ки бӯи хокрӯба ва тутун медоданд
Ва гӯштиёни хастаи хоболуд
Бо ҳеч чиз рӯ ба рӯ нашудам.

Афсӯс,
Ман мурдаам.

Ва шаб ҳанӯз ҳам
Гӯӣ идомаи ҳамон шаби беҳуда аст.

Хомӯш шуд
Ва паҳнаи васеъи ду чашмашро
Эҳсоси гиря талху кадар кард.

Оё шумо, ки субрататонро
Дар сояи ниқоби ғамангези зиндагӣ
Махфӣ намудаед,
Гоҳе ба ин ҳақиқати яъсовар
Андеша мекунед,
Ки зиндаҳои имрӯзӣ
Чизе ба ҷуз тафолаи як зинда нестанд?

Гӯӣ ки кӯдаке
Дар аввалин табассуми худ пир гаштааст.

Ва қалби ин катибаи махдуш,
Ки дар хутути аслии он даст бурдаанд,
Ба эътибори санге худ дигар
Эҳсоси эътимод нахоҳад кард.

Шояд, эътиёд ба будан
Ва масрафи мудоми масканҳо
Амёли поку сода ва инсониро
Ба вартаи завол кашондааст.
Шояд ки рӯҳро
Ба инзивои як ҷазираи номаскун
Табъид кардаанд.
Шояд ки ман садои занҷирро хоб дидаам.

Пас ин пиёдагон, ки сабурона
Бар найзаҳои чӯбии худ такя додаанд,
Он бодпосаворонанд?
Ва ин хамидагони лоғари афюнӣ
Он орифони поки баландандеш?
Пас рост аст, рост, ки инсон
Дигар дар интизори зуҳуре нест.
Ва духтарони ошиқ
Бо сӯзани дарози барударидӯзӣ
Чашмони зудбовари худро даридаанд?

Акнун танини ҷеғи калоғон
Дар умқи хобҳои саҳаргоҳӣ
Эҳсос мешавад,
Ойинаҳо ба ҳуш меоянд.

Ва шаклҳои манфур ва танҳо
Худро бар аввалин кашолаи бедорӣ

Ва ба ҳуҷуми махфии кобусҳои шум
Таслим мекунанд.

Афсӯс
Ман бо тамоми хотираҳоям
Аз хун, ки ҷуз ҳамосаи хунин намесуруд
Ва аз ғурури ғуруре, ки ҳеч гоҳ
Худро чунин ҳақир намезист,
Дар интиҳои фурсати худ истодаам.
Ва гӯш мекунам: На садое.
Ва хира мешавам: На зи як барг ҷунбише.
Ва номи нафаси он ҳама покӣ буд.
Дигар ғубори мақбараҳоро ҳам
Барҳам намезанад.

Ларзид
Ва бурд ва сӯи хеш фурӯ рехт
Ва дастҳои мултамасаш аз шикофҳо
Монанди оҳҳои тавиле ба сӯйи ман пеш
омаданд.

Сард аст
Ва бодҳо хутути маро қатъ мекунанд.
Оё дар ин диёр касе ҳаст, ки ҳанӯз
Аз ошно шудан
Бо чеҳраи фаношудаи хеш
Ваҳшат надошта бошад?

Оё замони он нарасидааст,
Ки ин дарича боз шавад боз, боз, боз,
Ки осмон биборад?

Ва мард бар ҷанозаи мурдаи хеш зорикунон
намоз гузорад.

Шояд паранда буд, ки нолид,
Ё бод дар миёни дарахтон,
Ё ман, ки дар баробари бунбасти қалби худ
Чун мавҷе аз таассуфу шарму дард боло
меомадам.
Ва аз миёни панҷара медидам,
Ки он ду даст, он сарзаниши талх
Боз ҳамчунон дароз ба сӯи ду дасти ман.
Дар рӯшноии сапеда дами козиб таҳлил
мераванд.
Ва як садо, ки уфуқи сард
Садо зад:
Худо ҳофиз!

## ВАҲМИ САБЗ

Тамоми рӯз дар ойина гиря мекардам.
Баҳор панҷараамро
Ба ваҳми сабзи дарахтон супурда буд.
Танам ба пиллаи танҳоиям намегунҷид.
Ва бӯи тоҷи коғазиям
Фазои он қаламрави беофтобро олуда карда буд.

Наметавонистам, дигар наметавонистам.
Садои кӯча, садои парандаҳо,
Садои гум шудани тӯпҳои моҳутӣ
Ва ҳоюҳӯи гурезони кӯдакон
Ва рақси бодкунакҳо,
Ки чун ҳубобҳои кафи собун
Дар интиҳои соқае аз нах суъуд
Мекарданд
Ва бод бод, ки гӯӣ
Дар умқи гудтарин лаҳзаҳои тираи ҳамхобагӣ нафас
мезад.
Ҳисори қалъаи хомӯши эътимоди маро

Фишор медоданд
Ва аз шикофҳои куҳна диламро ба ном мехонданд.

Тамоми рӯз нигоҳи ман
Ба чашмҳои зиндагиям хира гашта буд.

Ба он ду чашми музтариби тарсон,
Ки аз нигоҳи собити ман мегурехтанд
Ва чун дурӯғгӯён
Ба инзивои бехатар пилкҳо паноҳ меоварданд.

Кадом қалъа, кадом авҷ?
Магар тамоми ин роҳҳои печопеч
Дар он даҳони сарди маканда
Ба нуқтаи талоқию поён намерасанд?
Ба ман чӣ додед, эй вожаҳои содафиреб
Ва эй риёзати андомҳо ва хоҳишҳо?
Агар гуле ба гесуи худ мезадам,
Аз ин тақаллуб, аз ин тоҷи коғазин,
Ки бар фарози шарм бӯ гирифтааст,
Фиребандатар набуд?

Чӣ гуна рӯҳи биёбон маро гирифт
Ва саҳар моҳ аз аймони гала дурам кард?
Чӣ гуна нотамомии қалбам бузург шуд
Ва ҳеч нимае ин нимаро тамом накард?
Чӣ гуна истодам ва дидам
Замин ба зери ду поям зи такягоҳ тиҳӣ мешуд
Ва гармии тани ҷуфтам
Ба интизори тани пучам раҳ намебурд.

Кадом қалъа, кадом авҷ?
Маро паноҳ диҳед, эй чароғҳои мушавваш,
Эй хонаҳои равшани шаккок,
Ки ҷомаҳои шуста дар оғӯш,

Дудҳои муаттар
Бар бомҳои офтобетон тоб мехӯранд.

Маро паноҳ диҳед, эй занони содаи комил.

Ки аз вароИ пӯсти сарангуштҳои нозукатон
Масири ҷунбиши кайфовари ҷанинеро дунбол мекунад
Ва дар шикофи гиребонатон ҳамеша ҳаво ба бӯи шири
тоза меомезад.

Кадом қалъа, кадом авҷ?
Маро паноҳ диҳед, эй учоқҳои пуроташ,
- Эй наълҳои хушбахтӣ –
Ва эй суруди зарфҳои мисин дар сиёҳкории матбах
Ва эй тараннуми дигари чархҳои хайётӣ
Ва эй ҷидоли рӯзу шаби фаршҳо ва ҷорӯбҳо.
Маро паноҳ диҳед, эй тамоми ишқҳои ҳарисе,
Ки майли дардноки бақои тасарруфатонро
Ба оби ҷоду
Ва қатраҳои хуни тоза меороед.

Тамоми рӯз, тамоми рӯз,
Раҳо шуда, раҳо шуда, чун лошае бар об
Ба сӯи саҳмноктарин сахра пеш мерафтам,
Ба сӯи жарфтарин ғорҳои дарёӣ
Ва гӯштхортарин моҳиён
Ва муҳраҳои нозуки пуштам,
Аз ҳиси марг тир кашидаанд.
Наметавонистам, дигар наметавонистам,
Садои поям аз инкори роҳ бармехост
Ва яъсам аз сабурии рӯҳам васеътар шуда буд.
Ва он баҳор ва он ваҳми сабзранг,
Ки бар дарёча гузар дошт, бо дилам мегуфт:
Нигоҳ кун,

Ту ҳеч гоҳ пеш нарафтӣ,
Фурӯ рафтӣ.

## ҶУФТ

Шаб меояд
Ва пас аз шаб торикӣ
Пас  аз торикӣ
Чашмҳо,
Дастҳо
Ва нафасҳову нафасҳову нафасҳо
Ва садои об,
Ки фурӯ мерезад қатра, қатра, қатра.
Аз шир
Баъди ду
Нуқтаи сурх
Аз ду сигори равшан
Тик-токи соат
Ва ду қалб
Ва ду танҳоӣ.

## ФАТҲИ БОҒ

Он калоғе, ки парид
Аз фарози сари мо
Ва фурӯ рафт дар андешаи ошуфтаи абре велгард
Ва садояш ҳамчун найзаи кӯтоҳе паҳнои уфуқро
паймуд,
Хабари моро бо худ хоҳад бурд ба шаҳр.

Ҳама медонанд,
Ҳама медонанд,
Ки ману ту аз он равзанаи сарди абус
Боғро дидем.

Ва аз он шохаи бозигари дур аз даст
Себро чидем.

Ҳама метарсанд.
Ҳама метарсанд, аммо ману ту
Ба чароғу обу ойина пайвастем
Ва натарсидем

Сухан аз пайванди сусти ду ном
Ва ҳамоғушӣ дар авроқи куҳнаи як дафтар нест,
Сухан аз гесуйи хушбахти ман аст.
Бо шақоиқҳои сухтаи бӯсаи ту
Ва самимияти танҳомон дар тарророрӣ
Ва дурахшидани урёнемон
Мисли фалси моҳиҳо дар об
Сухан аз зиндагии нуқрае овозист,
Ки саҳаргоҳон фаввораи кучак мехонд.

Мо дар он ҷангали сабзи сайёл
Шабе аз харгӯшони ваҳшӣ
Ва дар он дарёи музтариби хунсард
Аз садафҳои пур аз марворид
Ва дар он кӯҳи ғарибе фотеҳ
Аз уқобони ҷавон пурсидем,
Ки чӣ бояд кард?

Ҳама медонанд,
Ҳама медонанд,
Мо ба хоби сарду сокити симурғон раҳ ёфтаем,
Мо ҳақиқатро дар боғча пайдо кардем.
Дар нигоҳи шармогини гуле гумном
Ва бақоро дар як лаҳзаи номаҳдуд,
Ки ду хуршед ба ҳам хира шуданд.

Сухан аз пич-пичи тарсоне дар зулмат нест,
Сухан аз рӯз асту панҷараҳои боз
Ва ҳавои тоза
Ва учоқе, ки дар он беҳуда месӯзад.
Ва замине, ки зи киште дигар борвар аст.
Ва таваллуду такомулу ғурур
Сухан аз дастони ошиқи мост,
Ки пуле аз пайғоми атру нуру насим
Бар фарози шабҳо сохтаанд.

Ба чаманзор биё,
Ба чаманзори бузург.
Ва садоям кун аз пушти нафасҳои гули абрешим
Ҳамчунон оҳу, ки ҷуфташро.

Пардаҳо аз буғзи пинҳонӣ саршоранд
Ва кабӯтарҳои маъсум
Аз баландиҳои бурҷи сапеди худ
Ба замин менигаранд

## ГУЛИ СУРХ

Гули сурх,
Гули сурх,
Гули сурх,
Ӯ маро бурда ба боғи гули сурх.
Ва ба гесуҳои музтарибам дар торикӣ гули сурхе зад
ва саранҷом
Рӯйи барги гули сурхе бо ман хобид.
Эй дарахтони бетаҷрибаи ёс, эй панҷараҳои кӯр,
Зери қалбаму дар аъмоқи камаргоҳам акнун
Гули сурхе дорад мерӯяд,
Гули сурх
Сурх.
Мисли як парчами дар

Растохез
Оҳ, ман обастан ҳастам, обастан, обастан.

## БА АЛӢ ГУФТ МОДАРАШ РӮЗЕ

Алӣ кӯчика,
Алӣ бунагир,
Нисфи шаб аз хоб парид,
Чашмошу ҳай молид бо дас
Се-чорто хамёза кашид.
По шуд нишас.

Чӣ дида буд?
Чӣ дида буд?
Хоб я моҳӣ дида буд
Ба моҳӣ ангор, ки я гапа дузорӣ,
Ангор, ки ба тоқаи ҳарир,
Бо ҳошияи манҷуқи корӣ,
Ангор, ки рӯбарги гули лоли аббосӣ,
Хомадӯзеш карда будан
Қоим мушакбозӣ мекардан туи чашмош
Дуто нигини гирди софи алмосӣ
Ҳамчи явош,
Ҳамчи явош.
Худшу рӯи об дароз мекард,
Ки бодбизани фарангиёш
Сурати обу ноз мекард.

Бӯйи танаш бӯи китобчаҳои нав,
Бӯйи я сафар гандау паҳлӯш я ду
Бӯйи шабои иду ошпазхуна ва назарипазун,
Шумурдани ситораҳо туи рахти хоб рӯи пуштбун
Рехтани боруну рӯи оҷарфарши ҳаёт
Бӯйи қуттиёи оби набот,
Бӯйи лавошак, бӯйи шакалут.

Ангор туи об гавҳари шабчароғ мерафт,
Ангор, ки духтари кӯчикя шопурбюни туи я качӯоваи булӯр
Ба сайри боғу роғ мерафт,
Давру вараш гулрезун,
Болои сараш нурборун.
Шояд ки аз тоифаи чину парӣ буд моҳия.
Шояд ки аз ун моҳиёи дадрӣ буд моҳия,
Шояд ки ба хаёли тунди сарсарӣ буд моҳия,
Ҳар чӣ, ки буд,
Ҳар чӣ, ки буд.
Алӣ кӯчика
Маҳви тамошош шуда буд,
Волаву шайдош шуда буд.
Ҳамчӣ ки дас бурд ба ун
Ранги равун
Нури чавун,
Нуқранишун
Дас бизана,
Барқ заду борун заду об сиё шуд,
Шиками замин зери тани моҳӣ во шуд.
Да сагало дур шудану дуд шудан,
Шамсои нур сӯхтану нобуд шудан.
Бозмас ҳар шаб рӯи сари Алӣ кӯчика
Дасмоли осмун пур аз гулобе,
На чашмае, на моҳие, на хобе.

Бод туи бодгиро нафас-нафас мезад,
Зулфои беду мекашид.
Аз рӯи лингои дарози Гул-оғо
Чодар намози кударешу пас мезад.

Рӯбанди рахт
Пираҳани зерову арақгиро
Дас мекашидан ба тани ҳамдига ва ҳолӣ ба ҳолӣ

мешудан.
Ангор, ки аз фикрои бад
Ҳай пуру холӣ мешудан.

Сирсиракҳо
Созору кӯк карда будан ва соз мезадан
Ҳамчуки бод ором мешуд.
Қурбоққаҳо аз таҳи боғча зеи овоз мезадан.
Шаб мас ҳар шаб буду чун шаби пеш ва шабҳои дига,
Аму Алӣ
Туи нахи я дунёи дига.

Алӣ кӯчика
Саҳар шуда буд.
Нуқраи нобаш рӯ мехос,
Моҳии хобаш рӯ мехос
Роҳи об буду қур-қури об
Алӣ кӯчика ва ҳавзи пуроб.

Алӣ кӯчика,
Алӣ кӯчика
Накуна ту ҷоти вул нахӯрӣ.
Ҳарфои нана Қамархонум
Ёдат бира гӯл бихӯрӣ.
Ту хоб ага моҳӣ дидӣ хайр боша,
Хоб куҷо, ҳавзи пур аз об куҷо?
Коре накунӣ, ки исми ту,
Туи китобо бинависан.

Сиё кунан тилисмату
Об мас хоб нес, ки одам
Аз ин сараш фурӯ бира
Аз ун сараш берун биёд.
Туи чор роҳаш
Садои сути сутаки посбун биёд.

Шукри Худо, пот рӯи замин маҳкама
Кӯру качал несӣ, Алӣ, саломатӣ, чӣ чет кама?
Метунӣ бирӣ Шобдулазим,
Мошин дудӣ савор бишӣ,
Қад бикашӣ, хол бикӯбӣ, ҷоҳил поманор бишӣ.
Ҳайфи одам ин ҳама чизои қашангу набина,
Алокуланг савор наша,
Шаҳри Фарангу набина,
Фасли ҳоло фасли гӯҷаву себу хиёру бастанис
Чун рӯзи дига ту такя сина занес.
Эй Алӣ, эй Алӣ девуна,
Тахтаи фанарӣ беҳтара, ё тахтаи мурдашӯри хуна.

Гирам, ту ҳам худту ба оби шӯр задӣ,
Рафтию  он кӯли хунумоба тӯр задӣ.
Моҳӣ чӣ? Моҳӣ, ки имун намеша, нун намеша,
Ун я ваҷаб пӯсти танаш восафотии танбун намеша.
Дас, ки ба моҳӣ бизанӣ,
Аз сар то пот бӯ мегира,
Бӯт туи димоғо мепеча,
Дунё азат рӯ мегира,
Бигир ба хоб,
Бигир ба хоб,
Ки кори ботил накунӣ,
Бо фикрои садто я ғоз
Ҳалли масоил накунӣ.
Сар ту бизор рӯи нозболиш, бизор ба ҳам биёд чашат,
Қочи зину маҳкам чанг бизан, ки аспи савори
пешкашат.

Ҳавсалаи оби дига дошт сар мерафт,
Худшу мерехт ту пошӯра дар мерафт.
Инкор мехос туи торикӣ,
Дод бикаша оҳойи закӣ.
Ин ҳарфо ҳарфои ун касоем, ки огаҳ

Я бор туи умрашон заду я хоб дидан,
Хоби пиёзу туршиву дӯғу чилукабоб дидан.
Моҳӣ чӣ кор ба кори я хикшиками тағор дора
Моҳӣ, ки саҳла, сагашам
Аз ин тағоро ор дора.
Моҳӣ туи об мечарха ва ситора дасчин мекна.
Унух ба хоби ҳар кӣ рафт,
Хобшу аз ситора сангин мекна.
Мебарташ, мебарташ,
Аз туи ин дунёи дилмурдаи чордевориё.
Нақ нақ наҳси соато, хастагиё, бекориё,
Дунёи оши риштаву вароҷию шулухтагӣ
Дарди қулунҷу дарди пур хӯрдану дарди хастагӣ.

Дунёи бишкан задану лавсу бозӣ,
Арӯсу домодбозиву номусбозӣ.
Дунёи ҳай хиёбонору элкигаз кардан
Аз арабӣ хондани я лачак ба сар ҳаз кардан
Дунёи субҳи саҳро
Туи тӯпхуна
Тамошои дор задан
Нисфи шабо
Рӯи қиссаи Оқо Болохон зор задан.
Дунёе, ки ҳар вақт Худош
Туи кӯчаҳош по мезора
Ба даса Хола Хонбоҷӣ аз я даса Хола Хонбоҷӣ аз ақиби сараш,
Я даса қаторакаш аз ҷилӯш меёд,
Дунёе, ки ҳар ҷо мерӣ,
Садои родиюш меёд.
Мебарташ, мебарташ аз туи ин ҳамбунат гарму касофат ва мараз.
Ба обёи поку софи осмун мебарташ.
Ба содагии Каҳкашун мебарташ.

Об аз сари я шопарак гузашта буд ва дошт ҳоло фурӯш медод,
Алӣ кӯчика,
Нишаста буд канори ҳавз
Ҳарфои обу гӯш медод,
Ангор, ки аз ун таҳ-таҳо
Аз пушти гулкории нуро я касе садош мезад,
Оҳ мекашид,
Даси араққкардаву сардаш рӯ явош ба пош мезад,
Ангор мегуфт:
Як, ду, се напаридӣ, ҳа, ҳа, ҳа.
Ман  туи ин торикиёи таҳи обам ба Худо,
Ҳарфаму бовар кун, Алӣ,
Моҳии хобам, ба Худо.

Додам тамоми сарсаро рӯи обу ҷорӯ бикунан
Пардаҳои марворирӯ
Ин рӯ ва ун рӯ бикунан.
Ба навкарои бовафом супурдам,
Каҷоваи булӯрмум овардам.
Се-чорто манзил, ки аз ин ҷо дур бишем,
Ба сабзазоре ҳамешасабзи дарё мерасем.
Ба галлаҳо каф, ки чупӯн надодан
Ба долонуи нур, ки поюн надодан
Ба қасрои садаф, ки дарбун надодан
Ёдат бошад аз сари роҳ
Ҳаф - ҳашто дуна марворӣ
Ҷамъ кунӣ, ки баъд боҳушун ту бикорӣ
Я қул ду қул бозӣ кунем.
Эй Алӣ, ман бачаи дарём, нафасам пока, Алӣ,
Дарё ҳамун ҷос, ки ҳамун ҷо, охир хока Алӣ.
Ҳар кӣ, ки дарёру ба умраш надида,
Аз зиндагеш чӣ фаҳмида?

Хаста шудам, ҳолам ба ҳам хӯрда аз ин бӯи лаҷан
Ин қада  по ба по накун, ки дутоӣ,
То хархара фурӯ барем туи лаҷан
Бер биё, вагарна эй Алӣ кӯчика
Маҷбур мешум баҳат бигум на ту, на ман.

Оби яҳу боло умад ва ҳулфе карду ту кашид,
Ангор, ки об ҷуфташу ҷусту туи худаш фурӯ кашид,
Доираҳои нуқраӣ,
Туи худшун.
Чархидану чархидану хаста шудан
Мавҷо кашола кардану аз сари нав
Ба занҷирае таҳи ҳавз баста шудан
Қул, қул, қул, толоп, толоп,
Қул, қул, қул, толоп, толоп.

Чарх мезадан рӯи тарҳи об,
Туи торикӣ чун ту ҳубоб.

- Алӣ куҷос?
- Туи боғча.
- Чӣ мечина?
- Олуча.
Олучаи боғи боло,
Ҷуръат дорӣ?
Бисмиллоҳ.

## ПАРАНДА ФАҚАТ ЯК ПАРАНДА БУД

Паранда гуфт: Чӣ бӯе, чӣ офтобе, оҳ!
Баҳор омадааст.
Ва ман ба ҷустуҷӯи ҷуфти хеш хоҳам рафт.
Паранда аз лаби айвон парид, мисли паёме париду рафт.
Паранда кӯчак буд,

Паранда фикр намекард,
Паранда рӯзнома намехонд,
Паранда қарз надошт,
Паранда одамҳоро намешинохт.
Паранда рӯи ҳаво
Ва бар фарози чароғҳои хатар
Дар иртифои бехабарӣ мепарид,
Ва лаҳзаҳои обиро
Девонавор таҷриба мекард.
Паранда, оҳ, фақат як паранда буд.

## ЭЙ МАРЗИ ПУРГАВҲАР

Фотеҳ шудам,
Худро ба сабт расондам,
Худро ба номе дар як шиноснома
Музайян кардам.
Ва ҳастиям ба як шумора мушаххас шуд.
Пас, зинда бод 678 содраҳ аз бахши 5 сокини Теҳрон.

Дигар хаёлам аз ҳама сӯ роҳат аст,
Оғӯши меҳрубони моми Ватан
Пистонаки савобиқи пурифтихори торихӣ,
Лолоии тамаддуну фарҳанг
Ва ҷақуҷақи қонун...
Оҳ,
Дигар хаёлам аз ҳама сӯ роҳат аст.

Аз фарти шодмонӣ
Рафтам канори панҷара боиштиёқ
Шашсаду ҳафтоду ҳашт бор ҳаворо, ки аз ғубори паҳн
Ва бӯи хокрӯба ва идрор мунқабиз шуда буд,
Даруни сина фурӯ додам.
Ва зери шашсаду ҳафтоду ҳашт
Қабзи бадаҳкорӣ

Ва рӯи шашсаду ҳафтоду ҳашт
Тақозои кор навиштам: Фурӯғи Фаррухзод.

Дар сарзамини шеъру гулу булбул,
Муҳаббатест зистан, он ҳам
Вақте ки воқеияти мавҷуд будани ту
Пас аз солҳои сол пазируфта мешавад.

Ҷое, ки ман бо аввалин нигоҳи расмиям аз лои парда
Шашсаду ҳафтоду ҳашт шоирро мебинам,
Ки ҳуққабозҳо ҳама дар ҳайати ғариби гадоён
Дар лои хокрӯба ба дунболи вазну қофия мегарданд.

Ва аз садои аввалин қадами расмиям
Якбора аз миёни лаҷанзорҳои тира
Шашсаду ҳафтоду ҳашт  булбули мармуз,
Ки аз сари тафнан
Худро ба шакли шашсаду ҳафтоду ҳашт калоғи пир даровардаанд,
Бо танбалӣ ба сӯи ҳошияи рӯз мепаранд.

Ва аввалин нафас задани расмиям
Оғушта мешавад ба бӯи шашсаду ҳафтоду ҳашт шоха гули сурх –Маҳсули корхонаҷоти азими палоску.

Муҳаббатест зистан, оре
Дар зодгоҳи Шайх Абӯдалқаки камончакаши фаврӣ
Ва шайхи эй дил, эй дили танбактабори танбӯрӣ,
Шаҳри ситорагарони гаронвазнисоқу босину пушти чилду ҳунар
Гаҳвораи муаллифони фалсафае: Эй бобо, ба ман чӣ, велаш кун.
Маҳди мусобиқоти олампики ҳуш, оҳ.
Ҷое, ки даст ва ҳар дастгоҳ нақле тасвиру савт мезанӣ, аз он

Буқи нубуғи нобиғае тозасол меояд
Ва баргузидагони фикри миллат,
Вақте ки дар клоси акобир ҳузур меёбанд,
Ҳар як ба рӯи сина шашсаду ҳафтоду ҳашт
Соат новазар радиф кардаву медонанд,
Ки нотавонӣ аз хавоси тиҳикисса будан аст, на нодонӣ.

Фотеҳ шудам, бале фотеҳ шудам,
Акнун ба тамошои ин фатҳ
Дар пои ойина боифтихор шашсаду ҳафтоду ҳашт
шамъи нася меафрӯзам.
Ва мепарам ба рӯи тоқча, то бо иҷоза чанд каломе
Дар бораи фавоиди қонуни ҳаёт ба арзи ҳузуратон
бирасонам.
Ва аввалин куланги сохтмони рафеи зиндагиамро
Ҳамроҳ бо танини каф задани пуршӯр бар фарқ, фарқи
хеш бикӯбам.

Ман зиндаам, бале, монанди Зиндарӯд, ки як рӯз зинда
буд.
Ва аз тамоми он чӣ ки дар инҳисори мардум зинда аст,
баҳра хоҳам бурд.
Ман метавонам аз фардо
Дар кӯчаҳои шаҳр, ки саршор аз мавоҳиби миллист
Ва дар миёнаи сояҳои сабукбори тирҳои телегроф
Гардишкунон қадам бардорам
Ва бо ғурур шашсаду ҳафтоду ҳашт бор ба девори
мустароҳҳои умумӣ бинависам,
Хат навиштам, ки хар кунад ханда.

Ман метавонам аз фардо
Ҳамчун ватанпарасти ғаюре
Саҳме аз идеоли азиме, ки иҷтимоъ ҳар чоршанбе баъд
аз зуҳр онро

Бо иштиёқу дилхура дунбол мекунад
Дар қалбу мағзи хеш доштa бошам.
Саҳме аз он ҳазор ҳаваспарвари ҳазорриёлӣ,
Ки метавон ба масрафи яхчолу мебалу парда расондаш.
Ё он ки дар азои шашсаду ҳафтоду ҳашт рои табиӣ
Онро шабе ба шашсаду ҳафтоду ҳашт марди Ватан бахшид.

Ман метавонам аз фардо
Дар пастуи мағозаи хочик
Баъд аз фурӯ кашидани чандин нафас зи чанд грамм ҷинси дасти аввали холис ва сарфи чанд бодия пепсикулои нохолис
Ва пахши чанд ё ҳаққу, ё ҳу ва вағ-вағу ҳу-ҳу.

Расман ба маҷмаи фузалои факур ва фазлаҳои фозили равшанфикр ва пайравони мактаби  дох-дох торох-торох бипайвандам
Ва тарҳи аввалини румони бузургамро,
Ки дар ҳаволии як ҳазору
шашсаду ҳафтоду ҳашти шамсии табрезӣ
Расман ба зери дастгоҳи тиҳидаст
Бар ҳарду пушти  шашсаду ҳафтоду ҳашт покит
Ушнӯи асили вежа бирезам.

Ман метавонам аз фардо
Бо эътимоди комил
Худро барои шашсаду ҳафтоду ҳашт давра ба як дастгоҳи мусанади махмалпӯш
Дар малси таҷамуъу таъмини отия,
Ё маҷлиси сипос ва сано меҳмон кунам.
Зеро ки ман тамоми мундариҷоти маҷаллаи ҳунару донишу тамаллуқу курунашро мехонам
Ва шеваи дуруст навиштанро медонам.

Ман дар миёни тӯдаи созандае қадам ба арсаи ҳастӣ ниҳодаам,
Ки неруи азими илмеш ӯро то остони сохтани абрҳои маснуӣ ва кашфи нурҳои неун пеш бурдааст.
Албатта, дар марокизи таҳқиқию таҷорубии пешхони чӯҷакабобиҳо.

Ман дар миёни тӯдаи созандае қадам ба арсаи ҳастӣ ниҳодаам,
Ки гарчи нон надорад, аммо ба ҷои он медон диди бозуи васеъе дорад,
Ки марзҳои феълии ҷуғрофиаш аз ҷониби шамол ба майдони пуртаровату сабзи тир ва аз ҷануб ба майдони бостонии эъдом.
Ва дар манотиқи пуриздиҳом ба майдони тӯпхона расидааст.

Ва дар паноҳи осмони дурахшони амну амнияташ
Аз субҳ то ғуруб шашсаду ҳафтоду ҳашт қавӣ, қавиҳайкали гачӣ ба иттифоқи шашсаду ҳафтоду ҳашт фаришта,
- Он ҳам фариштае аз хоку гил сиришта
- Ба таблиғи тарҳҳои сукуну сукут машғуланд.

Фотеҳ шудам, бале фотеҳ шудам
Пас, зинда бод 678 содраҳ аз бахши 5 сокини Теҳрон,
Ки дар паноҳи пушткору ирода
Ба ончунон мақоми рафеъе расидааст, ки дар чорчӯби панҷарае дар иртифои шашсаду ҳафтоду ҳашт метри сатҳи замин қарор гирифтааст.

Ӯ ифтихори инро дорад, ки метавонад аз ҳамон дарича – на аз роҳи палкон – худро девонавор ба домани меҳрубон моми Ватан сарнагун кунад.

Ва охири васияташ ин аст, ки дар азои шашсаду ҳафтоду ҳашт сика ҳазрати Устод Иброҳими Саҳбо марсияе ба қофияи кашк дар расои ҳаёташ рақам занад.

## БА ОФТОБ САЛОМИ ДУБОРА ХОҲАМ ДОД

Ба офтоб саломи дубора хоҳам дод,
Ба ҷӯйбор, ки дар ман ҷорӣ буд.
Ба абрҳо, ки фикрҳои тавилам буданд,
Ба рушди дардноки сапедорҳои боғ, ки бо ман
Аз фаслҳои хушк гузар мекарданд.
Ба дастаҳои калоғон,
Ки атрҳои мазрааҳои шабонаро
Барои ман ба ҳадя меоварданд.

Ба модарам, ки дар ойина зиндагӣ мекард
Ва шакли пири ман буд.
Ва ба замин, ки шаҳвати такрори ман
Даруни матҳабашро
Аз тухмаҳои сабз меанбошт,
Саломе дубора хоҳам дод.

Меоям, меоям, меоям,
Бо гесуям: Идомаи бӯҳои зери хок,
Бо чашмҳом: Таҷрибаҳои ғализи торикӣ.
Бо буттаҳо, ки чидаам аз буттаҳои он сӯи девор,
Меоям, меоям, меоям.
Ва ман дар остона бо онҳо, ки дӯст медоранд
Ва духтаре, ки ҳанӯз он ҷо,
Дар остонаи пури ишқ истода,
Саломе дубора хоҳам дод.

## МАН АЗ ТУ МЕМУРДАМ

Ман аз ту мемурдам,
Аммо ту зиндагонии ман будӣ.

Ту бо ман мерафтӣ,
Ту дар ман мехондӣ,
Вақте ки ман хиёбонҳоро
Бе ҳеч мақсаде мепаймудам.
Ту бо ман мерафтӣ,
Ту дар ман мехондӣ.

Ту аз миёни норванҳо гунҷишкҳои ошиқро,
Ба субҳи панҷара даъват мекардӣ.
Вақте ки шаб мукаррар мешуд,
Вақте ки шаб тамом намешуд,
Ту аз миёни норванҳо гунҷишкҳои ошиқро,
Ба субҳи панҷара даъват мекардӣ.

Ту ба чароғҳоят меомадӣ ба кӯчаи мо,
Ту ба чароғҳоят меомадӣ,
Вақте ки бачаҳо мерафтанд,
Ва хӯшаҳои ақоқӣ мехобиданд,
Ва ман дар ойина танҳо мемондам,
Ту ба чароғҳоят меомадӣ.

Ту дастҳоятро мебахшидӣ,
Ту чашмҳоятро мебахшидӣ

Ту меҳрубониятро мебахшидӣ,
Вақте ки ман гурусна будам,
Ту зиндагониятро мебахшидӣ,
Ту мисли нур сахӣ будӣ.

Ту лолаҳоро мечидӣ,
Ва гесувонамро мепӯшондӣ,

Вақте ки гесувони ман аз урёнӣ меларзиданд,
Ту лолаҳоро мечидӣ.

Ва гунаҳоятро мечаспондӣ
Ба изтироби пистонҳоям.
Вақте ки ман дигар
Чизе надоштам бигӯям,
Ва гунаҳоятро мечаспондӣ
Ба изтироби пистонҳоям.

Ва гӯш медодӣ
Ба хуни ман, ки нолакунон мерафт
Ва ишқи ман, ки гирякунон мемурд.

Ту гӯш медодӣ,
Аммо маро намедидӣ.

## ТАВАЛЛУДЕ ДИГАР

Ҳамаи ҳастии ман ояи торикист,
Ки туро дар худ такроркунон
Ба саҳаргоҳи шукуфтанҳо ва растанҳо
Абадӣ хоҳад бурд.
Ман дар ин оя туро оҳ кашидам, оҳ
Ман дар ин оя туро
Ба дарахту обу оташ пайванд задаме.

Зиндагӣ шояд
Як хиёбони дароз аст, ки ҳар рӯз зане
Бо занбиле аз он мегузарад
Зиндагӣ шояд ресмонест, ки марде бо он худро зи шоха меовезад,
Зиндагӣ шояд тифлест, ки аз мадраса бармегардад.

Зиндагӣ шояд афрӯхтани сигоре бошад, дар фосилаи рахутноки ду ҳамоғӯше,
Ё нигоҳи гиҷи раҳгузаре бошад, ки кулоҳ аз сар мебардорад.
Ва ба як раҳгузари дигар бо лабханде бемаънӣ мегӯяд:
Субҳ ба хайр!

Зиндагӣ шояд он лаҳзаи масдудест, ки нигоҳи ман дар нинии чашмони ту худро вайрон месозад.
Ва дар ин ҳисест,
Ки ман онро бо идроки моҳ ва бо дарёфти зулмат хоҳам омехт.

Дар утоқе, ки ба андозаи як танҳоист,
Дили ман,
Ки ба андозаи як ишқ аст.
Ба баҳонаҳои содаи хушбахтии худ менигарад,
Ба заволи зебои гулҳо дар гулдон,
Ба ниҳоле, ки ту дар боғчаи хонаамон коштаӣ
Ва  ба овози қанориҳо,
Ки ба андозаи як панҷара мехонанд.

Оҳ...
Саҳми ман ин аст,
Саҳми ман ин аст,
Саҳми ман,
Осмонест, ки овехтани пардаҳои онро аз ман мегирад,
Саҳми ман поин рафтан аз як паллаи матрук аст,
Ва ба чизе дар пӯсидагӣ ва ғурбат восил гаштан.

Саҳми ман гардиши ҳузнолуде дар боғи хотираҳост,
Ва дар андуҳи садои ҷон додан, ки ба ман мегӯяд:
Дастҳоятро
Дӯст медорам.

Дастҳоямро дар боғча мекорам,
Сабз хоҳам шуд, медонам, медонам, медонам.
Ва парастуҳо дар гудии ангуштони ҷавҳариям
Тухм хоҳанд гузошт.

Гӯшворе ба ду гӯшам меовезам,
Аз ду гелоси сурхи ҳамзод
Ва ба нохунҳоям барги гули кавкаб мечаспонам.

Кӯчае ҳаст, ки дар он ҷо
Писароне, ки ба ман ошиқ буданд, ҳанӯз
Бо ҳамон мӯҳои дарҳаму гарданҳои борику поҳои
лоғар
Ба табассумҳои маъсуми духтараке
Меандешанд, ки як шаб ӯро
Бод бо худ бурд.

Кӯчае ҳаст, ки қалби ман онро
Аз маҳаллаи кӯдакиям луздидааст.

Сафар ба ҳаҷме дар хати замон
Ва ба ҳаҷме хати хушки замонро
Обастан кардан
Ҳаҷме аз тасвири огоҳ,
Ки зи меҳмонии як ойина бармегардад.

Ва бад-ин сон аст,
Касе мемирад
Ва касе мемонад.

Ҳеч сайёде дар ҷӯи ҳақире, ки ба гудоле мерезад,
марвориде сайд нахоҳад кард.

Ман
Парии кӯчаки ғамгинеро

Мешиносам, ки дар уқёнусе маскан дорад
Ва дилашро  дар найлабаки чӯбин
Менавозад ором, ором.
Пири кӯчаки ғамгине,
Ки шаб аз як бӯса мемирад
Ва саҳаргоҳ аз як бӯса ба дунё хоҳад омад.

# ДАФТАРИ ПАНҶУМ:
# ИМОН БИЁВАРЕМ
# БА ОҒОЗИ ФАСЛИ САРД

## ИМОН БИЁВАРЕМ БА ОҒОЗИ ФАСЛИ САРД

Ва ин манам,
Зане танҳо,
Дар остонаи фасле сард,
Дар ибтидои  дарки ҳастиолудаи замин
Ва яъси содаву ғамноки осмон
Ва нотавонии ин дастони симонӣ.

Замон гузашт,
Ва соат чаҳор бор навохт,
Чаҳор бор навохт.
Имрӯз рӯзи аввали даймоҳ аст,
Ман рози фаслҳоро медонам
Ва ҳарфи лаҳзаҳоро мефаҳмам,
Наҷотдиҳанда дар гӯр хуфтааст.
Ва хок хоки пазиранда
Ишоратест ба оромиш.
Замон гузашту соат чаҳор бор навохт.
Дар кӯча бод меояд,
Дар кӯча бод меояд.
Ва ман ба ҷуфтгирии гулҳо меандешам.
Ба ғунчаҳои бо соқҳои лоғари камхун,
Ва ин замони хастаи маслул
Ва марде аз канори дарахтони хис мегузарад.
Марде, ки риштаҳои обии рагҳояш
Монанди морҳои мурда аз ду сӯи гулӯгоҳаш
Боло хазидаанд.
Ва дар шақиқаҳои мунқалибаш он ҳиҷои хунинро
Такрор мекунанд.
- Салом!
- Салом!
Ва ман ба ҷуфтгирии гулҳо меандешам.

Дар остона фасле сард,
Дар маҳфили азои ойинаҳо,
Дар иҷтимоъи сӯгвори таҷрибаҳои паридаранг
Ва ин ғуруби борваршуда аз дониши сукут,
Чӣ гуна мешавад ба он касе, ки меравад ин сон?
Сабур,
Сангин,
Саргардон.
Фармони ист дод.
Чӣ гуна мешавад ба мард гуфт, ки ӯ зинда нест,
Ӯ ҳеч вақт зинда набудааст.

Дар кӯча бод меояд
Калоғҳои мунфариди инзиво
Дар боғҳои пири касолат мечарханд
Ва нардбом
Чӣ иртифоъи ҳақире дорад?

Онҳо тамоми содалавҳии як қалбро
Бо худ ба қасри қиссаҳо бурданд.
Ва акнун дигар,
Дигар чӣ гуна як нафар ба рақс бархоҳад хост
Ва гесувони кӯдакиашро
Дар обҳои ҷорӣ хоҳад рехт.
Ва себро, ки саранҷом чидааст ва бӯидааст,
Дар зери по лагад хоҳад кард?

Эй ёр, эй бегонатарин ёр,
Чӣ абрҳои сиёҳе дар интизори рӯзи меҳмонии хуршеданд.
Ангор дар масире аз таҷассуми парвоз буд, ки як рӯз он парандаҳо намоён шуданд.
Ангор аз хутути сабзи тахайюл буданд.
Он баргҳои тоза, ки дар шаҳвати насим нафас мезаданд

Ангор
Он шуълаҳои пок, ки дар зеҳни поки панҷараҳо месӯхт,
Чизе ба ҷуз таҷассуми маъсуме аз чароғ набуд.
Дар кӯча бод меояд,
Ин ибтидои вайронист.
Он рӯз ҳам, ки дастҳои ту вайрон шуданд, бод меомад.
Ситораҳои азиз,
Ситораҳои муқаввоии азиз,
Вақте дар осмон дурӯғ вазидан мегирад
Дигар чӣ гуна мешавад ба showраҳои расулони саршикаста паноҳ овард?
Мо мисли мурдаҳои ҳазорон ҳазорсола бо ҳам мерасем ва он гоҳ
Хуршед бар табоҳии аҷсоди мо қазоват хоҳад кард.
Ман сардам аст,
Ман сардам аст ва ангор ҳеч вақт гарм нахоҳам шуд.
Эй ёр, эй ягонатарин ёр, он шароб магар чандсола буд?
Нигоҳ кун, ки дар ин ҷо
Замон чӣ вазне дорад?
Ва моҳиён чӣ гуна гӯштҳои маро меҷаванд?
Чаро маро ҳамеша дар таҳи дарё нигоҳ медорӣ?
Ман сардам аст ва аз гӯшвораҳои садаф безорам.
Ман сардам аст ва медонам, ки аз тамоми авҳоми сурх як шақоиқи ваҳшӣ
Ҷуз чанд қатра хун
Чизе ба ҷо нахоҳад монд.
Хututро раҳо хоҳам кард.
Ва ҳамчунин шумориши аъдодро раҳо хоҳам кард.
Ва аз миёни шаклҳои ҳандасии маҳдуд
Ба паҳнаҳои ҳисси вусъат паноҳ хоҳам бурд.
Ман урёнам, урёнам, урёнам,
Мисли сукутҳои миёни каломҳои муҳаббат урёнам,

Ва захмҳои ман ҳама аз ишқ аст,
Аз ишқ, ишқ, ишқ.
Ман ин ҷазираи саргардонро
Аз инқилоби укёнус
Ва инфиҷори кӯҳ гузар додаам.
Ва тикка-тикка шудан рози он вуҷуди муттаҳидӣ буд,
Ки аз ҳақиртарин зарраҳояш офтоб ба дунё омад.
Салом, эй шаби маъсум,
Салом, эй шабе, ки чашмҳои гургҳои биёбонро
Ба ҳафраҳои устухонии имону эътимод бадал мекунӣ.
Ва дар канори ҷӯйборҳо арвоҳи бедҳо
Арвоҳи меҳрубони табарҳоро мебӯянд.
Ман аз ҷаҳони бетафовутии фикрҳову ҳарфҳову садоҳо меоям.
Ва ин ҷаҳон ба лонаҳои морон монанд аст.
Ва ин ҷаҳон  пур аз садои ҳаркати мардумест,
Ки ҳамчунон, ки туро мебӯсанд,
Дар зеҳни худ таноби дори туро мебофанд.

Салом, эй шаби маъсум!
Миёни панҷараву дидан ҳамеша фосилаест.
Чаро нигоҳ накардам?
Монанди он замоне, ки марде аз канори дарахтони хис гузар мекард...
Чаро нигоҳ накардам?
Ангор модарам гириста буд он шаб,
Он шаб, ки ман ба дард расидаму нутфа шакл гирифт.
Он шаб, ки ман арӯси хӯшаҳои ақоқӣ шудам,
Он шаб, ки Исфаҳон пур аз танини кошии обӣ буд.
Ва он касе, ки нимаи ман буд, ба даруни нутфаи ман бозгашта буд.
Ва ман дар ойина медидамаш,
Ки мисли ойина покиза буду равшан буд.

Ва ногаҳон садоям кард
Ва ман арӯси хӯшаҳои ақоқӣ шудам.
Ангор модарам гириста буд он шаб.
Чӣ рӯшноии беҳудае дар ин даричаи масдуд сар кашид,
Чаро нигоҳ накардам?
Тамоми лаҳзаҳои саодат медонистанд,
Ки дастҳои ту вайрон хоҳад шуд
Ва ман нигоҳ накардам.
То он замон, ки панҷараи соат кушуда шуд ва он қанории ғамгин чаҳор бор навохт,
Чаҳор бор навохт.
Ва ман ба он зани кӯчак бархӯрдам,
Ки чашмонаш мисли лонаҳои холии симурғон буданд,
Ва дар тахрики ронҳояш мерафт.
Гӯӣ бакорати пуршукӯҳи маро
Бо худ ба сӯи бистари шаб мебурд.

Оё дубора гесувонамро
Дар боди шона хоҳам зад?
Оё дубора боғчаҳоро бунафша хоҳам кошт?
Ва шамъдонҳоро
Дар осмони пушти панҷара хоҳам гузошт?
Оё дубора рӯйи левонҳо хоҳам рақсид?
Оё дубора занги дар маро ба сӯи интизори садо хоҳад бурд?
Ба модарам гуфтам: Дигар тамом шуд.
Гуфтам: Ҳамеша, пеш аз он ки фикр кунӣ, иттифоқ меафтад.
Бояд барои рӯзнома таслияте бифиристем.

Инсони пӯк,
Инсони пӯки пур аз эътимод,
Нигоҳ кун, ки дандонҳояш

Чӣ гуна вақти ҷавидан суруд мехонанд?
Ва чашмҳояш
Чӣ гуна вақти хира шудан медаранд?
Ва ӯ чӣ гуна аз канори дарахтони хис мегузарад?
Сабур,
Сангин,
Саргардон.

Дар соати чаҳор,
Дар лаҳзае, ки риштаҳои обии рагҳояш
Монанди морҳои мурда аз ду сӯи гулӯгоҳаш
Боло хазидаанд
Ва дар шақиқаҳои мунқалибаш он ҳиҷои хунинро
Такрор мекард:
- Салом!
- Салом!
Оё ту
Ҳаргиз он чаҳор лолаи обиро
Бӯидаӣ?...

Замон гузашт,
Замон гузашту шаб рӯйи шохаҳои лухти ақоқӣ афтод.
Шаб пушти шишаҳои панҷара сур мехӯрд
Ва бо забони сардаш
Таҳмондаҳои рӯзи рафтаро ба дарун мекашид.
Ман аз куҷо меоям?
Ман аз куҷо меоям?
Ки инчунин ба бӯи шаб оғуштаам.
Ҳанӯз хоки мазораш тоза аст.
Мазори он ду дасти сабзи ҷавонро мегӯям...

Чӣ меҳрубон будӣ, эй ёр, эй ягонатарин ёр,
Чӣ меҳрубон будӣ вақте дурӯғ мегуфтӣ,
Чӣ меҳрубоне будӣ, вақте ки пилкҳои ойинаҳоро

мебастӣ.
Ва чилчароғҳоро
Аз соқҳои симӣ мечидӣ.
Ва дар сиёҳии золим маро ба сӯи чарогоҳи ишқ мебурдӣ.
То он бухори гич, ки дунболаи ҳариқи аташ буд, бар чамани хоб менишаст.

Ва он ситораҳои муқаввоӣ
Ба гирди лоятанҳоӣ мечархиданд.
Чаро каломро ба садо гуфтанд?
Чаро нигоҳро ба хонаи дидор меҳмон карданд?
Чаро навозишро
Ба ҳуҷби гесувони бокирагӣ бурданд?
Нигоҳ кун, ки дар ин ҷо
Чӣ гуна ҷони он касе, ки бо калом сухан гуфт
Ва бо нигоҳ навохт
Ва бо навозиш аз рамидан орамид
Ба тирҳои таваҳҳум
Маслуб гаштааст.
Ба ҷои панҷ шохаи ангуштҳои ту,
Ки мисли панҷ ҳарфи ҳақиқат буданд,
Чӣ гуна рӯйи гунаи ӯ мондааст?
Сукут чист, чист, чист, эй ягонатарин ёр?
Сукут чист ба ҷуз ҳарфҳои ногуфта?
Ман аз гуфтан мемонам, аммо забони гунҷишкон
Забони зиндагии ҷумлаҳои ҷории ҷашни табиат аст.
Забони гунҷишкон, яъне: Баҳор, барг, баҳор,
Забони гунҷишкон, яъне: Насим, атр, насим,
Забони гунҷишкон дар корхона мемирад.
Ин кист? Ин касе ки рӯйи ҷодаи абадият
Ба сӯи лаҳзаи тавҳид меравад.
Ва соати ҳамешагешро
Бо мантиқи риёзии тафриқҳо ва тафриқаҳо кӯк мекунад.

Ин кист? Ин касе, ки бонги хурӯсонро
Оғози қалби рӯз намедонад,
Оғози бӯи ноштой медонад.
Ин кист? Ин касе, ки тоҷи ишқ ба сар дорад
Ва дар миёни ҷомаҳои арӯсии пӯсида аст.
Пас офтоб саранҷом
Дар як замони воҳид
Бар ҳар ду қутби ноумед натобид.
Ту аз танини кошии обӣ тиҳӣ шудӣ.
Ва ман чунон пурам, ки рӯйи садоям намоз мехонанд...
Ҷанозаҳои хушбахт,
Ҷанозаҳои малӯл,
Ҷанозаҳои сокити мутафаккир,
Ҷанозаҳои хушбархӯрд, хушпӯш, хушхӯрок,
Дар истгоҳҳои вақтҳои муайян
Ва дар заминаи машкуки нурҳои муваққат
Ва шаҳвати хариди меваҳои фосиди беҳудагӣ...
Оҳ!
Чӣ мардумоне дар чорроҳаҳо нигарони ҳаводисанд
Ва ин садои савтҳои таваққуф
Дар лаҳзае ки бояд, бояд, бояд,
Марде ба зери чархҳои замон лаҳ шавад,
Марде сангсаре, ки аз канори дарахтони хис мегузарад...
Ман аз куҷо меоям?
Ба модарам гуфтам: Дигар тамом шуд.
Гуфтам: Ҳамеша  пеш аз он ки фикр кунӣ, иттифоқ меафтад,
Бояд барои рӯзнома таслияте бифиристем.

Салом, эй ғаробати танҳоӣ,
Утоқро ба ту таслим мекунам.
Чаро, ки абрҳои тира ҳамеша
Пайғамбарони ояҳои тозататҳиранд
Ва дар шаҳодати як шамъ

Рози мунзавиест, ки онро
Он охарину он кашидатарин шуълаи хуб медонад.
Имон биёварем,
Имон биёварем ба оғози фасли сард,
Имон биёварем ба вайронаҳои боғҳои тахайюл,
Ба досҳои вожгуни иддае бекор
Ва донаҳои зиндонӣ.
Нигоҳ кун, ки чӣ барфе меборад...
Шояд ҳақиқат он ду дасти ҷавон буд, ду дасти ҷавон,
Ки зери бориши якрези барф мадфун шуд,
Ва соли дигар, вақте баҳор
Бо осмони пушти панҷара ҳамхоба мешавад
Ва дар танаш фаварон мекунанд
Фавворaҳои сабзи соқаҳои сабукбор.
Шукуфа хоҳад дод, эй ёр, эй бегонатарин ёр!
Имон биёварем ба оғози фасли сард...

## БАЪД АЗ ТУ

Эй ҳафтсолагӣ,
Эй лаҳзаи шигифти азимат,
Баъд аз ту ҳарчи рафт, дар анбӯҳе аз ҷунуну ҷаҳолат рафт;
Баъд аз ту панҷара, ки робитае буд сахт зиндаву равшан
Миёни мову паранда,
Миёни мову насим,
Шикаст,
Шикаст,
Шикаст;
Баъд аз ту он арӯсаки хокӣ,
Ки ҳеч чиз намегуфт, ҳеч чиз ба ҷуз «об, об, об»,
Дар об ғарқ шуд.
Баъд аз ту мо садои занҷираҳоро куштем

Ва ба садои занг, ки аз рӯи ҳарфҳои алифбо бармехост
Ва ба садои савти корхонаҳои аслиҳасозӣ дил бастем.
Баъд аз ту, ки ҷои бозиямон зери миз буд,
Аз зери мизҳо
Ба пушти мизҳо
Ва аз пушти мизҳо
Ба рӯи мизҳо расидем
Ва рӯи мизҳо бозӣ кардем
Ва бохтем, ранги туро бохтем, эй ҳафтсолагӣ.
Баъд аз ту мо ба ҳам хиёнат кардем,
Баъд аз ту мо тамоми ёдгориҳоро
Бо тиккаҳои сурб ва бо қатраҳои мунфаҷиршудаи хун
Аз гиҷгоҳҳои гачгирифтаи деворҳои кӯча зудудем.
Баъд аз ту мо ба майдонҳо рафтем
Ва дод кашидем:
«Зинда бод!
Мурда бод!»
Ва дар ҳаёҳуи майдон барои сиккаҳои кӯчаки овозхон,
Ки зиракона ба дидори шаҳр омада буданд, даст задем.
Баъд аз ту мо, ки қотили якдигар будем,
Барои ишқ қазоват кардем
Ва ҳамчунон ки қалбҳомон
Дар ҷайбҳоямон нигарон буданд,
Барои саҳми ишқ қазоват кардем.
Баъд аз ту мо ба қабристонҳо рӯ овардем
Ва марг зери чодари модарбузург нафас мекашид;
Ва марг он дарахти тановар буд,
Ки зиндаҳои ин сӯи оғоз
Ба шохаҳои малӯлаш дахил мебастанд,

Ва мурдаҳои он сӯи поён
Ба решаҳои фусфурияш чанг мезаданд.
Ва марг рӯи он зиреҳи муқаддас нишаста буд,
Ки дар чаҳор зовияаш ногаҳон чаҳор лолаи обӣ
Равшан шуданд.

Садои бод меояд,
Садои бод меояд, эй ҳафтсолагӣ.

Бархостаму об нӯшидам
Ва ногаҳон ба хотир овардам,
Ки киштзорҳои ҷавони ту аз ҳуҷуми малаххо чӣ
гуна тарсиданд?
Чӣ қадр бояд пардохт?
Чӣ қадр бояд
Барои рушди ин мукаъъаби симонӣ пардохт?

Мо ҳар чиро, ки бояд
Аз даст дода бошем, аз даст додаем;
Мо бе чироғ ба роҳ афтодем
Ва моҳ, моҳи модаи меҳрубон  ҳамеша дар он
ҷо буд:
Дар хотироти кӯдаконаи як пуштбоми коҳгилӣ
Ва бар фарози киштзорҳои ҷавоне,
ки аз ҳуҷуми малаххо метарсиданд.

Чӣ қадр бояд пардохт?..

## ПАНҶАРА

Як панҷара барои дидан,
Як панҷара барои шунидан.
Як панҷара, ки мисли ҳалқаи чоҳе,
Дар интиҳои худ ба қалби замин мерасид.
Ва боз мешавад ба сӯи вусъати ин меҳрубонии

мукаррари обиранг.
Як панҷара,  ки дастҳои кӯчаки танҳоиро
Аз бахшиши  шабонаи атри ситораҳои карим
Саршор мекунад
Ва мешавад аз он ҷо
Хуршедро ба ғурбати гулҳои шамъдонӣ меҳмон кард.
Як панҷара барои ман кофист.

Ман аз диёри арӯсакҳо меоям,
Аз зери сояҳои дарахтони коғазӣ.
Дар боғ як китоби мусаввар
Аз фаслҳои хушки таҷрибаҳои ақими дӯстӣ ва ишқ,
Дар кӯчаҳои хокии маъсумият,
Аз солҳои рушди ҳуруфи паридаранги Алифбо,
Дар пушти мизҳои мадрасаҳои маслул,
Аз лаҳзаҳое, ки бачаҳо тавонистанд
Бар рӯйи тахта ҳарфи сангро бинависанд
Ва сорҳои саросема аз дарахти куҳансол пар заданд...

Ман аз миёни решаҳои гиёҳони гӯштхор меоям
Ва мағзи ман ҳанӯз
Лабрез аз садои ваҳшати парвонаест, ки ӯро
Дар дафтаре ба санҷоқе
Маслуб карда буданд.

Вақте ки эътимоди ман аз ресмони сусти адолат овезон буд
Ва дар тамоми шаҳр
Қалби чароғҳои маро тика-тика мекарданд,
Вақте ки чашмҳои кӯдаконаи ишқи маро
Бо дастмоли тираи қонун мебастанд
Ва аз шақиқаҳои музтариби орзуи ман

Фавворaҳои хун ба берун мепошид.
Вақте ки зиндагии ман дигар
Чизе набуд, ҳеч чиз, ҷуз тик-токи соати деворӣ,
Дарёфтам бояд, бояд, бояд,
Девонавор дӯст бидорам.

Як панҷара барои ман кофист.
Як панҷара ба лаҳзаи огоҳиву нигоҳу сукут.
Акнун ниҳоли гарду
Он қадар қад кашида, ки деворро барои
баргҳои ҷавонаш
Маънӣ кунад.
Аз ойина бипурс
Номи наҷотдиҳандаатро.
Оё замин, ки зери пои ту меларзад,
Танҳотар аз ту нест?
Пайғамбарон рисолати вайрониро
Бо худ ба қарни мо овардаанд.
Ин инфиҷорҳои паёпай
Ва абрҳои масмум
Оё танини ояҳои муқаддас ҳастанд?
Эй дӯст, эй бародар, эй ҳамхун,
Вақте ба моҳ расидӣ,
Торихи қатли оми гулҳоро бинавис.

Ҳамеша харобҳо
Аз иртифоъи содалавҳии худ парт мешаванду
мемиранд.
Ман шаб дари чаҳор париро мебӯям,
Ки рӯйи гӯри мафоҳими куҳна рӯидааст.
Оё зане, ки дар кафани интизору исмати худ хок
шуд, ҷавонии ман буд?
Оё дубора ман аз паллаҳои кунҷковии худ боло
хоҳам рафт,
То ба Худои хуб, ки дар пушти боми хона

қадам мезанад, салом бигӯям?
Ҳис мекунам, ки вақт гузаштааст.
Ҳис мекунам, ки лаҳзаи саҳми ман аз баргҳои
торих аст.
Ҳис мекунам, ки мизи фосилаҳои козибест дар
миёни гесувони ман
Ва дастҳои ин ғарибаи ғамгин.
Ҳарфе ба ман бизан,
Оё касе, ки меҳрубонии як ҷисми зиндаро ба ту
мебахшад,
Ҷуз дарки ҳисси зинда будан аз ту чӣ мехоҳад?

Ҳарфе ба ман бизан,
Ман дар паноҳи панҷараам,
Бо офтоб робита дорам.

## ДИЛАМ БАРОИ БОҒЧА МЕСӮЗАД

Касе ба фикри гулҳо нест,
Касе ба фикри моҳиҳо нест,
Касе намехоҳад
Бовар кунад, ки боғча дорад мемирад,
Ки қалби боғча дар зери офтоб варам кардааст,
Ки зеҳни боғча дорад ором-ором
Аз хотироти сабз тиҳӣ мешавад;
Ва ҳисси боғча, ангор,
Чизе муҷаррад аст, ки дар инзивои боғча
пӯсидааст.

Ҳаёти хонаи мо танҳост.
Ҳаёти хонаи мо
Дар интизори бориши як абри ношинос
Хамёза мекашад.
Ва ҳавзи хонаи мо холист.
Ситораҳои кӯчаки бетаҷриба,

Аз иртифоъи дарахтон ба хок меафтанд
Ва аз миёни панҷараҳои паридаранги хонаи
моҳиҳо,
Шабҳо садои сурфа меояд.

Ҳаёти хонаи мо танҳост.
Падар мегӯяд:
«Аз ман гузаштаст,
Аз ман гузаштаст.
Ман бори худро бурдам
Ва кори худро кардам.»
Ва дар утоқаш аз субҳ то ғуруб
Ё «Шоҳнома» мехонад,
Ё «Носих-ут-таворих».
Падар ба модар мегӯяд:
«Лаънат ба ҳар чӣ моҳӣ ва ҳар чӣ мурғ:
Вақте ки ман бимирам, дигар
Чӣ фарқ мекунад, ки боғча бошад
Ё боғча набошад.
Барои ман ҳуқуқи тақоъид кофист».

Модар тамоми зиндагияш
Саҷҷодаест густурда
Дар остони ваҳшати дӯзах.
Модар ҳамеша дар таҳи ҳар чизе
Дунболи ҷои пои маъсияте мегардад
Ва фикр мекунад, ки боғчаро куфри як гиёҳ
Олуда кардааст.
Модар гуноҳкори табиист,
Ва фавт мекунад ба тамоми гулҳо
Ва фавт мекунад ба тамоми моҳиҳо
Ва фавт мекунад ба худаш.
Модар дар интизори зуҳур аст
Ва бахшише, ки нозил хоҳад шуд.

Бародарам ба боғча мегӯяд «қабристон».
Бародарам ба иғтишоши алафҳо механдад
Ва аз ҷанозаи моҳиҳо,
Ки зери пӯсти бемори об
Ба зарраҳои фосид табдил мешаванд,
Шумора бармедорад.
Бародарам ба фалсафа муътод аст,
Бародарам шифои боғчаро
Дар инҳидоми боғча медонад.
Ӯ маст мекунад
Ва мушт мезанад ба дару девор
Ва саъй мекунад, ки бигӯяд,
Бисёр дардманду хаставу маъюс аст.
Ӯ ноумедияшро ҳам
Мисли шиносномаву тақвиму дастмолу
фандаку худкораш
Ҳамроҳи худ ба кӯчаву бозор мебарад;
Ва ноумедияш
Он қадр кӯчак аст, ки ҳар шаб
Дар издиҳоми майкада гум мешавад...

Ва хоҳарам, ки дӯсти гулҳо буд
Ва ҳарфҳои содаи қалбашро
Вақте ки модар ӯро мезад,
Ба ҷамъи меҳрбону сокити онҳо мебурд
Ва гоҳ-гоҳ хонаводаи моҳиҳоро
Ба офтобу ширинӣ меҳмон мекард...
Ӯ хонааш дар он сӯи шаҳр аст.
Ӯ дар миёни хонаи маснуъияш
Бо моҳиёни қирмизи маснуъияш
Ва дар паноҳи ишқи ҳамсари маснуъияш
Ва зери шохаҳои дарахтони себи маснуъияш
Овозҳои маснуъӣ мехонад
Ва бачаҳои табиӣ месозад.
Ӯ,
Ҳар вақт ки ба дидани мо меояд

Ва гӯшаҳои доманаш аз фақри боғча олуда
мешавад,
Ҳаммоми удукулун мегирад.
Ӯ,
Ҳар вақте ки ба дидани мо меояд,
Обистан аст.

Ҳаёти хонаи мо танҳост,
Ҳаёти хонаи мо танҳост.
Тамоми рӯз
Аз пушти дар садои тикка-тикка шудан меояд
Ва мунфаҷир шудан.
Ҳамсояҳои мо ҳама дар хоки боғчаҳошон ба
ҷои гул
Хумпораву мусалсал мекоранд,
Ҳамсояҳои мо ҳама бар рӯи ҳавзҳои кошияшон
Сарпӯш мегузоранд;
Ва ҳавзҳои кошӣ
Бе он, ки худ бихоҳанд,
Анборҳои махфии борутанд.
Ва баччаҳои кӯчаи мо кифҳои мадрасаашонро
Аз бумбҳои кӯчак
Пур кардаанд.
Ҳаёти хонаи мо гиҷ аст.
Ман аз замоне,
Ки қалби худро гум кардааст, метарсам.
Ман аз тасаввури беҳудагии ин ҳама даст
Ва аз таҷассуми бегонагии ин ҳама сурат
метарсам.
Ман мисли донишомӯзе,
Ки дарси ҳандасаашро
Девонавор дӯст медорад, танҳо ҳастам.
Ва фикр мекунам, ки боғчаро мешавад ба
бемористон бурд.

Ман фикр мекунам...
Ман фикр мекунам...
Ман фикр мекунам...
Ва қалби боғча дар зери офтоб варам кардааст
Ва зеҳни боғча дорад ором-ором
Аз хотироти сабз тиҳӣ мешавад.

## КАСЕ, КИ МИСЛИ ҲЕЧ КАС НЕСТ

Ман хоб дидаам, ки касе меояд.
Ман хоби як ситораи қирмиз дидаам.
Ва пилки чашмам мепарад
Ва кафшҳоям ҳай ҷуфт мешаванд.
Ва кӯр шавам,
Агар дурӯғ бигӯям.
Ман хоби он ситораи қирмизро,
Вақте ки хоб набудам, дидаам.
Касе меояд,
Касе меояд.
Касе дигар,
Касе беҳтар.
Касе, ки мисли ҳеч кас нест,
Мисли падар нест, мисли инсе нест.
Мисли Яҳё нест, мисли модар нест.
Ва мисли он касест, ки бояд бошад.
Ва қадаш аз дарахтҳои хонаи меъмор ҳам
баландтар аст,
Ва сураташ
Аз сурати имоми замон ҳам равшантар.
Ва аз бародари Саид Ҷавод ҳам,
Ки рафтааст.
Ва рахти посбонӣ пӯшидааст, наметарсад.
Ва аз худи Саид Ҷавод ҳам, ки тамоми утоқҳои
манзили мо моли ӯст, наметарсад.
Ва исмаш ончунон, ки модар

Дар аввали намоз ва охири намоз садояш мекунад,
Ё Қозиюлқуззот,
Ё Ҳоҷатулҳоҷот аст.
Ва метавонад
Тамоми ҳарфҳои сахти китоби клоси савумро
Бо чашмҳои баста бихонад.
Бе он ки кам биёварад аз рӯйи бист милюн
бардорад.
Ва метавонад аз мағозаи Саид Ҷавод ҳар чӣ қадар,
ки лозим дорад, ҷинс насия бигирад.
Ва метавонад коре кунад, ки ломпи Аллоҳ,
Ки сабз бувад, мисли субҳи саҳар, сабз бувад,
Дубора рӯйи осмони масҷиди мифтоҳиён
Равшан шавад.
Оҳ...
Чӣ қадар равшанӣ хуб аст,
Чӣ қадар равшанӣ хуб аст.
Ва ман чӣ қадар дилам мехоҳад,
Ки Яҳё
Як чорчарха дошта бошад
Ва як чароғи занбӯрӣ.
Ва ман чӣ қадар дилам мехоҳад,
Ки рӯйи чорчархаи Яҳё миёни ҳиндувонаҳову
харбузаҳо бинишинам.
Ва даври майдони Муҳаммадия бичархам.
Оҳ...
Чӣ қадар даври майдон чархидан хуб аст,
Чӣ қадар рӯйи пушти бом хобидан хуб аст,
Чӣ қадар боғи миллӣ рафтан хуб аст,
Чӣ қадар мазаи пепсӣ хуб аст,
Чӣ қадар синамои Фардин хуб аст.
Ва ман чӣ қадар аз ҳамаи чизҳои хуб хушам меояд.
Ва ман чӣ қадар дилам мехоҳад,
Ки геси духтари Саид Ҷаводро бикушам.
Чаро ман ин ҳама кӯчак ҳастам,
Ки дар хиёбонҳо гум мешавам?

Чаро падар, ки ин ҳама кӯчак нест
Ва дар хиёбонҳо ҳам гум намешавад?
Коре намекунад, ки он касе, ки ба хоби ман омадааст,
Рӯзи омаданашро ҷилӯ биандозад.
Ва мардуми маҳаллаи кушторгоҳ,
Ки боғи боғчаҳошон ҳам хунист
Ва оби ҳавзҳошон ҳам хунист
Ва тахти кафшҳошон ҳам хунист,
Чаро коре намекунанд?
Чаро коре намекунанд?
Чӣ қадар офтоби зимистон танбал аст?
Ман паллаҳои пушти бомро ҷорӯ кардаам
Ва шишаҳои панҷараҳоро ҳам шустаам,
Чаро падар фақат бояд дар хоб хоб бинад?

Ман паллаҳои пушти бомро ҷорӯ кардаам
Ва шишаҳои панҷараҳоро ҳам шустаам.

Касе меояд,
Касе меояд.
Касе, ки дар дилаш бо мост, дар нафасаш бо мост, дар садояш бо мост.
Касе, ки омаданашро
Намешавад гирифт.
Ва дастбанд заду ба зиндон андохт.
Касе, ки зери дарахтони куҳнаи Яҳё бача кардааст.
Ва рӯз ба рӯз бузург мешавад, бузургтар мешавад.
Касе, ки аз борон, аз садои шар-шари борон, аз миёни яху печи гулҳои атласӣ,
Касе аз осмони тӯпхона дар шаби оташбозӣ меояд.

Ва суфраро меандозад,
Ва нонро қисмат мекунад
Ва пепсиро қисмат мекунад

Ва боғи миллиро қисмат мекунад
Ва шарбати сиёҳи сурфаро қисмат мекунад
Ва нумраи маризхонаро қисмат мекунад
Ва чакмаҳои лостикиро қисмат мекунад
Ва синамои Фардинро қисмат мекунад
Дарахтҳои Саид Ҷаводро қисмат мекунад
Ва ҳар чиро, ки бод карда бошад, қисмат мекунад
Ва саҳми моро ҳам медиҳад,
Ман хоб дидаам...

## ТАНҲО САДОСТ, КИ МЕМОНАД

Чаро таваққуф кунам, чаро?
Парандаҳо ба ҷустуҷӯи ҷониби обӣ рафтаанд.
Уфуқ амудӣ аст,
Уфуқ амудӣ асту ҳаракат фавворавор,
Ва дар ҳудуди биниш
Сайёраҳои нуронӣ мечарханд,
Замин дар иртифоъ ба такрор мерасад
Ва чоҳҳои ҳавоӣ
Ба нақбҳои робита табдил мешаванд
Ва рӯз вусъатест,
Ки дар мухайялаи танги кирми рӯзнома намегунҷад.
Чаро таваққуф кунам?

Роҳ аз миёни мӯйрагҳои ҳаёт мегузарад.
Кайфийяти муҳити киштии зеҳдони моҳ
Силулҳои фосидро хоҳад кушт
Ва дар фазои шимиёии баъд аз тулӯъ
Танҳо садост
Садо, ки ҷазби зарраҳои замон хоҳад шуд.

Чаро таваққуф кунам?
Чӣ метавонад бошад мурдоб?
Чӣ метавонад бошад ҷуз ҷои тухмрезии ҳашароти

фасод?
Афкори сардхонаро ҷанозаҳои бодкарда рақам мезананд.
Номард дар сиёҳӣ
Фукдони мардияшро пинҳон кардааст;
Ва сусак ... Оҳ!
Вақте ки сусак сухан мегӯяд,
Чиро таваққуф кунам?
Ҳамкории ҳуруфи сурбӣ беҳуда аст.
Ҳамкории ҳуруфи сурбӣ
Андешаи ҳақирро наҷот нахоҳад дод.
Ман аз сулолаи дарахтонам,
Танаффуси ҳавои монда малулам мекунад.
Парандае, ки мурда буд, ба ман панд дод, ки парвозро ба хотир биспорам.
Ниҳояти тамомии неруҳо пайвастан аст, пайвастан,
Ба асли равшани хуршед
Ва рехтан ба шуури нур.
Табиӣ аст,
Ки осиёбҳои бодӣ мепӯсанд.
Чиро таваққуф кунам?

Ман хӯшаҳои нораси гандумро
Ба зери пистон мегирам
Ва шир медиҳам.

Садо, садо, танҳо садо,
Садои хоҳиши шаффофи об ба ҷорӣ шудан,
Садои резиши нури ситора бар ҷидори модагии хок,
Садои инъиқоди нутфаи маънӣ
Ва басти зеҳни муштараки ишқ
Садо, садо, садо, танҳо садост, ки мемонад.

Дар сарзамини қадкӯтоҳон
Меъёрҳои санҷиш

Ҳамеша бар мадори сифр сафар кардаанд.
Чаро таваққуф кунам?
Ман аз аносири чаҳоргона итоат мекунам,
Ва кори тадвини низомномаи қалбам
Кори ҳукумати маҳаллии кӯрон нест!
Маро ба зӯзаи дарози таваҳҳуш
Дар узви ҷинсии ҳайвон чӣ кор?
Маро ба ҳаракати ҳақири кирм дар халоъи гӯште чӣ кор?
Маро табори хунии гулҳо ба зистан мутааҳҳид кардааст,
Табори хунии гулҳо, медонед?

## ПАРАНДА МУРДАНИСТ

Дилам гирифтааст,
Дилам гирифтааст.
Ба айвон меравам ва ангуштонамро
Бар пӯсти кашидаи шаб мекашам.
Чароғҳои робита торикацд,
Чароғҳои робита торикацд.
Касе маро ба офтоб
Муаррифӣ нахоҳад кард,
Касе маро ба меҳмонии гунҷишкҳо нахоҳад бурд.

Парвозро ба хотир биспор,
Паранда мурданист.

## ФУРӮҒ ВА ШЕЪР

Нимо барои ман оғозе буд. Медонед, Нимо шоире буд, ки ман дар шеъраш барои аввалин бор як фазои фикрӣ дидам. Дидам, ки бо як одам тараф ҳастам, на як мушти эҳсосоти сатҳӣ ва ҳадафҳои мубтазали рӯзона... Содагии ӯ маро шигифтзада мекард. Ба хусус, вақте ки дар пушти ин содагии ногаҳонӣ, бо тамоми печидагиҳо ва пурсишҳои торики зиндагӣ бархурд мекардам... Дар содагии ӯ содагии худамро кашф кардам...

* * *

Шеър чизест, ки омили зарофат ва зебоӣ яке аз аҷзои он аст. Шеър «одам»-ест, ки дар шеър ҷараён дорад, на фақат зебоӣ ва зарофати он одам... Шоир будан, яъне инсон будан. Баъзеҳоро мешиносам, ки рафтори рӯзонаашон ҳеч рабте ба шеърашон надорад. Яъне, фақат вақте шеър мегӯянд, шоир ҳастанд. Баъд тамом мешавад. Думартаба мешаванд, як одами ҳарис, золим, тунукфикр, бадбахт, ҳасуд, фақир...

* * *

Ман аз он одамҳое нестам, ки вақте мебинам, сари як одам ба санг мехӯрад ва мешиканад дигар натиҷа бигирам, ки набояд ба тарафи санг рафт. Ман то сари худам нашиканад, таъсири сангро намефаҳмам. Мехоҳам бигӯям, ки ҳатто баъди хондани ашъори Нимо ҳам ман шеърҳои бад хеле зиёд гуфтаам...

* * *

Медонед, ман одами содае ҳастам. Ба хусус, вақте ки мехоҳам ҳарф бизанам. Ниёз ба ин масъаларо бештар

ҳис мекунам. Ман ҳеч вақт авзони арӯзиро нахондаам. Онҳоро, дар шеърҳое, ки мехондам, пайдо кардам. Бинобар ин барои ман ҳакам набуданд. Роҳҳое буданд, ки дигарон рафта буданд. Яке аз хушбахтиҳои ман ин аст, ки на зиёд худамро дар адабиёти классикии худамон ғарқ кардаам ва на хеле зиёд маҷзуби адабиёти фарангӣ шудаам... Барои ман калимоти хеле муҳим ҳастанд, ҳар калимае рӯҳияи хоси худашро дорад... Ман вақте мехоҳам шеър бигӯям, дигар наметавонам ба худам хиёнат кунам... Ман ҷумларо бо содатарин шакле, ки дар мағзам сохта мешавад, ба рӯйи коғаз меоварам ва вазн мисли нахест, ки аз миёни ин калимот рад шуда, бе он ки дида шавад. Фақат онҳоро ҳифз мекунад ва намегузорад бияфтанд... Ба назари ман ҳоло дигар давраи мафоҳим ба хотири эҳтиром гузоштан ба вазн гузаштааст... Бояд воқеитарину қобили ластарин калимотро интихоб кард. Ҳатто агар шоирона бошад. Бояд қолибро дар ин калимот рехт. На калимотро дар қолиб...

* * *

Айби кории ман ин аст, ки ҳанӯз ҳамаи он чиро, ки мехоҳам бигӯям, наметавонам бигӯям...

* * *

Ман танбал ҳастам. Хеле танбал ҳастам. Ҳамеша аз ҷанбаҳои мусбати вуҷуди худам қарор мекунам ва худамро месупорам ба дасти ҷанбаҳои манфии он. Ба ҳар ҳол, ин ҳолатҳо наметавонанд дар шеъри шоир бетаъсир бошанд...

* * *

Хушбахтӣ барои ман либоси хуб ва ё ғизои хуб нест. Ман вақте хушбахтам, ки рӯҳам розист ва шеър рӯҳи маро розӣ мекунад. Дар ҳоле ки ҳамаи ин чизҳои зебоеро, ки мардум ба хотираш ҳадс мезананд ба ман бидиҳанд ва қудрати шеър гуфтанро аз ман бигиранд, ман худамро хоҳам кушт.

* * *

Ин масъаларо, ки то кучоҳо муваффақ ҳастам, намедонам. Намехоҳам бидонам. Чун бояд бигзарам. Шеър чараён дорад. Наметавонад дар як қоби зебо боқӣ бимонад. Фикри муваффақ будан одамро фиреб медиҳад. Мағрур ва рокид мекунад. Ман мехоҳам зиндагӣ кунаму чизҳои тоза ёд бигирам. Аммо масъалаи дуюмро, яъне дар кучоҳо ғайримуваффақ буданро медонам...

* * *

Ман дар шеъри худам чизеро чустучӯ намекунам, балки дар шеъри худам тоза худамро пайдо мекунам. Медонед, баъзе шеърҳо мисли дарҳои бозе ҳастанд, ки на ин тарафашон чизе ҳасту на он тарафашон. Бояд гуфт: Ҳайфи коғаз...

* * *

Ман шеърамро аз рӯйи хондани китобҳо ёд нагирифтаам, вагарна ҳоло қасида месохтам. Ҳамин тавре роҳ афтодам, мисли бачае, ки дар як чангал гум мешавад. Ба ҳама чо рафтаму дар ҳама чиз хира шудам ва ҳама чиз чалбам кард. То оқибат ба як чашмае расидаму худамро дар он чашма пайдо кардам. Худам,

ки иборат бошад аз худам ва тамоми таҷрибаҳои ҷангал.

* * *

Ман ҳамон қадар ба шеър эҳтиром мегузорам, ки як одами мазҳабӣ ба мазҳабаш...

* * *

Фикр мекунам, ки касе, ки кори ҳунарӣ мекунад, бояд аввал худашро бисозаду комил кунад. Баъд аз худаш берун биёяд ва ба худаш мисли як воҳид аз ҳастию вуҷуд нигоҳ кунад. То битавонад ба тамоми дарёфтҳо, фикрҳо ва ҳисҳояш як ҳолати умумият бибахшад...

## ЧАНД ШЕЪР ВА ЯК ДОСТОНИ КӮТОҲИ ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД АЗ МАЪХАЗҲОИ ДИГАР

### БА СӮИ МО БИЁ!

*Сурудае аз филми мустанади «Хона сиёҳ аст»-и*
**ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД**

Дар ҳовия кист, ки туро ҳамд мегӯяд, эй Худованд?
Дар ҳовия кист?
Номи туро, эй Мутаол, хоҳам сароид,
Номи туро бо уду дутор хоҳам сароид,
Зеро ки ба шакле муҳиб ва аҷиб сохта шудаам,
Устухонҳоям аз ту пинҳон набуд.
Вақте ки дар ниҳон ба вуҷуд меомадам
Ва дар асфалзамин нақшбандӣ мегаштам,
Дар дафтари ту ҳамагӣ аъзои ман навишта шуда,
Ва чашмони ту, эй Мутаол, чунин маро дидааст,
Чашмони ту чунин маро дидааст.

Гуфтам:
Кош маро болҳо мисли кабӯтар мебуд,
То парвоз карда роҳате меёфтам,
Ҳар оина ба ҷойи дур мерафтам.
Ва дар саҳро маъво мегузидам,
Мешитофтам ба паноҳгоҳе аз боди тунд ва тӯфони шадид,
Зеро ки дар замин машаққату шарорат дидаам.

Дунё ба батолат обастан шудаву зулмро зойидааст,
Аз рӯҳи ту ба куҷо бигурезам ва аз ҳузури ту ба куҷо биравам?!
Агар болҳои боди саҳарро бигираму дар ақсои дарё сокин шавам,

Дар он ҷо низ сангинии дасти ту бар ман аст.
Маро бодаи саргардонӣ нӯшондаӣ,
Чӣ муҳиб аст корҳои ту?!
Чӣ муҳиб аст корҳои ту?!

Ҳангоме ки хомӯш будам,
Ҷонам пӯсида мешуд аз наърае, ки тамоми рӯз мезадам.

Ба ёд овар, ки зиндагии ман бод аст,
Монанди мурғи сақои саҳро ва буми харобаҳо
гардидаам
Ва чун гунҷишк бар пушти бом мунфарид нишастаам.
Мисли об рехта шудаам ва мисли ононе, ки аз қадим
мурдаанд
Ва бар мижгонам сояи мавт аст,
Бар мижгонам сояи мавт аст.

Маро тарк кун,
Маро тарк кун,
Зеро рӯзҳоям нафасе аст,
Маро тарк кун, пеш аз он ки ба ҷайе равам, ки аз он
баргаштан нест,
Ба сарзамини торикии ғализ.
Оҳ, эй Худованд, ҷони фохтаи худро ба ҷонвари ваҳшӣ
масупор!
Ба ёд овар, ки зиндагии ман бод аст
Ва айёми батолатро насиби ман кардаӣ,
Ва дар гирдогирдам овози шодмонӣ ва садои осиёб ва
рӯшноии чароғ нобуд шудааст.

Хушо, ба ҳоли даравгароне, ки акнун киштҳоро ҷамъ
мекунанд ва дастҳои эшон
Сунбулаҳоро мечинанд.

Биёед, ба овози касе, ки дар биёбони бероҳа мехонад, гӯш диҳед,
Овози касе, ки оҳ мекашад ва дастҳои худро дароз карда мегӯяд:
«Вой бар ман!»
Зеро ки ҷони ман ба сабаби ҷароҳатам дар ман беҳӯш шудааст.

Ва ту, эй фаромӯшшудаи рӯзҳо,
Ки хештанро ба қирмиз малбас месозӣ
Ва ба зеварҳои зар меороӣ,
Ва чашмони худро ба сурма оро медиҳӣ,
Ба ёд овар, ки худро абас зебоие додаӣ.
Ба сабаби овозе дар биёбони бероҳ
Ва ёронат, ки туро хор шумурдаанд.

Вой бар мо, зеро ки рӯз рӯ ба завол ниҳодаасту сояҳои аср дароз мешаванд
Ва ҳастии мо чун қафасе, ки пур аз парандагон бошад,
Аз нолаҳои асорат лабрез аст.
Ва дар миёни мо касе нест, ки бидонад, ки то ба кай хоҳад буд?
Мавсими ҳисод гузашту тобистон тамом шуд
Ва мо наҷот наёфтем.
Монанди фохта барои инсоф менолему нест,
Интизори нур мекашему инак зулмат аст
Ва ту, эй наҳри саршор, ки нафас меҳри туро меронад,
Ба сӯйи мо, биё!
Ба сӯйи мо, биё!

## АЗ КИТОБИ НОМАҲОИ ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД

### БОЗГАШТ

(Тақдим ба ҳамсарам)

Он номае, ки додию з-он шикваҳои талх,
То нимашаб ба ёди ту чашмам нахуфтааст.
Эй мояи умеди ман... Эй такягоҳи дур,
Ҳаргиз маранҷ аз он чӣ ба шеърам нуҳуфтааст.

Шояд набуда қудрати онам, ки дар сукут
Эҳсоси қалби кӯчаки худро ниҳон кунам.
Бигзор, то таронаи ман розгӯ шавад,
Бигзор, он чиро, ки нуҳуфтам аён кунам.

То бар гузашта менигарам ишқи хешро,
Чун офтоби гумшуда меоварам ба ёд.
Менолам аз диле, ки ба хун ғарқа гаштааст:
«Ин шаҳр... Ғайри ранҷиши ёрам ба ман чӣ дод?»

Ин дардро чӣ сон ба дили худ ниҳон кунам?
Он дам ки қалбам аз ту ба сахтӣ рамидааст.
Он шеърҳо, ки рӯҳи туро ранҷ медиҳад,
Фарёдҳои як дили меҳнаткашидааст.

Гуфтам қафас!... Вале чӣ бигӯям, ки пеш аз ин
Огоҳӣ аз дурӯии мардум маро набуд.
Дардо, ки ин ҷаҳони фиребои пур зи роз,
Бо ҷилваву ҷилои худ охир маро рабуд.

Акнун манам, ки хаста зи доми фиребу макр,
Бори дигар ба кунҷи қафас рӯ намудаам.
Бикшой дар, ки дар ҳама даврони умри худ,
Ҷуз пушти милаҳои қафас хуш набудаам.

Пойи маро дубора ба занҷирҳо бибанд,
То фитнаву фиреб зи поям наяфканад.
То дасти пур зи қудрати амёли ранг-ранг,
Банди дигар дубора ба поям наяфканад.

## ҶАВОБИ ЗЕБОИ ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД БА ШЕЪРИ «СЕБ»-И ҲАМИД МУСАДДИҚ

Ман ба ту хандидам, чунки медонистам, ту ба чӣ
дилҳура аз боғчаи ҳамсоя себро duздидӣ!
Падарам аз паи ту тунд давид.

Ва намедонистӣ, ки боғбони боғчаи ҳамсоя падари
пири ман аст!!

Ман ба ту хандидам, то ки бо хандаи худ посухи ишқи
туро холисона бидиҳам, буғзи чашмони ту, лек ларза
андохт ба дастони ману себи дандонзада аз дасти ман
афтод ба хок!

Дили ман гуфт: Бирав!
Чун намехост ба хотир бисупорад гиряи талхи туро...

Ва ман рафтаму ҳанӯз солҳо ҳаст, ки дар зеҳни ман
ором, ором...
Ҳайрату буғзи нигоҳи ту такроркунон медиҳад озорам.

Ва ман андешакунон ғарқи ин пиндорам, ки чӣ мешуд
агар боғчаи хонаи мо себ надошт...

## НАСРИ ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД

Ин шоираи ширинсухан дар баробари шеър аз худ шаш достони кӯтоҳе ба мерос гузоштааст. Ин достонҳо: «Андуҳи фардо», «Шикаст», «Интиҳо», «Дӯсти кӯчаки ман», «Бетафовут» ва «Кобус» ном доранд. Мо чун намунаи насри Фурӯғ дар зер достони кӯтоҳи «Бетафовут»-ро меорем.

## БЕТАФОВУТ

Вақте дари утоқро боз кардам, ӯ он ҷо канори бухорӣ рӯйи сандалии роҳатиаш нишаста буд. Ва дар сукуту оромише, ки ӯро дар назари ман бузург ҷилва медод.

Ба рӯям нигаристу он вақт мисли ин ки садои ба ҳам хӯрдани панҷараҳо ногаҳон ӯро аз хоби руъёбору ширине бедор карда бошад.

Оҳиста гуфт:

- Аҷаб!... Шумо ҳастед. Бифармоед... Хоҳиш мекунам, бифармоед...

Бо андуҳ пеш рафтам, қадамҳоям маро мекашиданд, интизор надоштам, ки баъд аз як ҳафта дурӣ ва қаҳр ин қадар бетафовут маро истиқбол кунанд. Фикр мекардам бо ҳамаи кӯшише, ки ӯ барои пинҳон кардани эҳсосоташ мекунад боз ман хоҳам тавонист баъд аз як ҳафта дар аввалин дидор борқаи заифе аз шодию хушбахтӣ онеро дар чашмони ӯ бедор кунам ва бо ин ҳама тарсидам ба чашмонаш нигоҳ кунам. Тарсидам дар чашмони ӯ бо санге рӯ ба рӯ шавам, ки бар рӯйи он ҳеҷ нишоне аз он чӣ, ки ман ҷустуҷӯ мекардам нақш нашуда бошад. Пеши худ фикр кардам:

Ман набояд мисли ҳамеша таслими ӯ бошам, ман мехоҳам ҳарфҳоямро бизанам ва ӯ бояд гӯш бидиҳад. Ӯ

бояд ҷавоб бидиҳад, ман ӯро маҷбур мекунам. Ва дар таъқиби ин фикр боитминон ва андаке хушунат дар муқобилаш истодам:

- Медонӣ, ки барои чӣ омадаам?!

Мисли бачаҳо хандид. Шояд ба ман ва шояд барои ин ки дар муқобили ҳарфҳои ман аксуламали хурдкунандае нишон дода бошад. Он вақт, дар ҳоле ки бо як даст сандалии рӯ ба рӯро нишон медод ва бо дасти дигараш китоби қутуреро, ки ба рӯйи зонувонаш кушуда буд мебаст ва гуфт:

- Албатта, ки медонам, албатта, ҳоло аввал беҳтар аст каме бинишинед ва худатонро гарм кунед. Ин ҷо, наздики бухорӣ.

Вақте рӯи нимкат нишастам, фикр кардам, ки чаро ӯ мекӯшад то бо такрор калимаи «Шумо» байни ману худаш деворе бикашад. Оҳ, баъд аз як сол, баъд аз як сол, ман ҳанӯз барои ӯ « Шумо» будам. Баъд аз гузаштани рӯзҳо ва соате, ки дар он ҳол «ману ӯ» дигар вуҷуд надоштаем, баъд аз лаҳазоти пайванд, баъд аз лаҳазоти яке будан ва яке шудан.

Он вақт аз худам пурсидам:

- Чӣ мехоҳӣ бигӯӣ?

Бо ин тартиб ва бо садои баланд, бе он ки худам таваҷҷуҳе дошта бошам такрор кардам:

- Бо ин тартиб.

Ва садои ӯро шунидам:

- Ҳоло метавонем шуруъ кунем.

Сарамро баланд кардам. Дар он лаҳза омода будам, то чу дарёи девонае дар муқобили ӯ туғён кунам ва ба рӯяш биёям. Панҷаҳоямро кушудам, дар лабонам ларзише падид омад, дар ҷои худ андаке ба ҷилу хазидам, мехостам фарёд бизанам:

Ки чӣ? Чаро ба ман роҳ намедиҳӣ? Чаро мисли деворе дар муқобилам истодаӣ? Ё роҳам бидеҳ, ё роҳамро боз кун, яке аз ин дуто. Ҳеч вақте намегӯӣ, ки аз ман чӣ мехоҳӣ? Ҳеч вақт надонистам, ки барои ту чӣ

ҳастам? Бигӯ, фақат як калима, он вақт ман хушбахт хоҳам шуд, ҳатто агар калимаи талхе бошад.

Шояд аввалин калимаҳо ҳам аз миёни лабонам берун омаданд, аммо буғз гулӯямро фишурд ва нигоҳи ӯ, нигоҳи ӯ, ки монанди қаҳқаҳаи мурдагон аз сармои ваҳшатангез ва тамасхуролуде лабрез буд, даҳонамро даҳонамро баст ва пилкҳоямро ба зер андохт. Хиҷлатзада дарунамро нигоҳ кардам ва оҳиста зери лаб гуфтам:

- Оҳ, девона, девона!

Нигоҳам аз рӯи ангуштони ларзонам ба поин хазид ва ба рӯи гулҳои рангоранги фарши қолӣ, нӯги кафшҳои ӯ, зонувони лоғараш, ки тарҳи он аз пушти шалвор ба хубӣ ҳувайдо буд, афтод ва болотар дасташ, ки беранг ва борик буд ва дастаи айнакро бо ҳаяҷон мефушурд, синааш, ки зиндагӣ дар пушти он гӯӣ бо лабханд хомӯш «зиндагӣ»-ро менигарист ва чонаи маҳкаму лабҳои ларзонаш ва намедонам чаро беҳуда орзу кардам, ки биравам, ба ҷои дуре биравам ва ҳама чизро фаромӯш кунам.

Ӯ аз ҷояш баланд шуд ва дар ҳоле, ки бо қадамҳои кашидааш ба сӯи ман меомад, гуфт:

- Ва билохира ҳеч чиз маълум нашуд!

Сарамро бо беэътиноии навмедона такон додам: «Чӣ чизро бигӯям, чӣ чизро?»

Ба назарам расид, ки он чӣ маро ранҷ медиҳад аз ӯ ҷудост, чизест дар худи ман ва часпида ба дунёи торики ман ва афзудам:

- Қазия хеле яктарафӣ аст, на, ман иштибоҳ мекунам, ман бояд биравам ва ба танҳоӣ фикр кунам.

Он вақт ӯ дастҳояшро гузошт рӯи шонаҳои ман ва рӯи суратам хам шуд. Нафасаш доғ буд. Гунаҳои лоғар ва пешонии баландашро ба гунаҳо ва пешонии ман молид ва дар ҳамаи ин аҳвол ман бӯи танашро бо аташ танаффус мекардам ва дунёи ман дар миёни он

бозувони мутмаин ва дар умқи он чашмҳои хокистарӣ ва сард ранг мегирифт.

Агар як каме аз худамон берун биёем, шояд битавонем атрофамон ва дигаронро ҳам бибинем.

«Азизи ман калимоти хеле зебо ва дар айни ҳол хайли ту холӣ ҳастанд. Мефаҳмӣ, чӣ мехоҳам бигӯям, беҳтар нест, ки қазоватамонро нисбат ба ашхос хориҷ аз дунёи масхара калимот танзим кунем?

Оҳ, ӯ пайваста бо ин фвлсафаҳо маро гумроҳ мекард. Андешидам, чӣ мехоҳад ба ман бигӯяд? Оё дӯстам дорӣ?

Ин аввалин идрокам аз гуфтаҳои ӯ буд. Бе он ки ба мақсуди ҳақиқии ӯ таваҷҷуҳ дошта бошам, ҳеч вақт роҷеъ ба гуфтаҳои ӯ амиқона фикр намекардам. Аз ин кор метарсидам ва пайваста дар ҳамаи ҳаракот ва гуфтаҳои ӯ ба дунболи як эътироф мегаштам, эътирофе, ки ба он эҳтиёҷ доштам, мехостам роҳат бишавам ва ӯ зиракона бо ман бозӣ мекард. Бо ҳаяҷон дастҳоямро ба даври гарданаш ҳалқа кардам.

- Дӯстам дорӣ, на? Дӯстам дорӣ?

Ва дар он ҳол дилам мехост, ки аз фарти шодӣ гиря кунам, аммо ӯ худашро бо андаке таъсир ва ҳолати рамидае аз миёни бозувони ман берун кашид, ба сӯи дигари утоқ рафт ва дар муқобили ганҷаи китобҳо истод. «Ҳамааш ҳисоб мекунӣ, ҳамааш ба худат фикр мекунӣ». Ва он вақт бо ҳаяҷон ба тарафи ман баргашт.

- Биё инсон бишавем, бузург бишавем, дӯст доштан ва дӯстдошта шуданро ба вуҷуд биёварем.

Оҳ, дунёи ӯ барои ман қобили ламс набуд. Дунёи ӯ барои ман ҷасмият надошт. Медонистам, ки чӣ мехоҳад ва чӣ мегӯяд. Медонистам, ки фақат механдад, фақат механдад, фақат механдад ба ҳама чиз ва ҳама кас, ҳатто ба худаш. Аммо ман наметавонистам, мисли ӯ бошам, мехостам фарёд бизанам:

- Дастамро бигир ва бо худат бибар ба ҳар куҷо, ки мехоҳӣ, шояд як рӯз битавонам бо ту ба он ҷо бирасам.

Аммо эҳсос кардам, ки қадамҳоям дар сустӣ ва рукуди ваҳшатноке фурӯ рафтаанд, ҳис кардам, ки қадамҳоям маро ёрӣ намекунанд. Ман ҳанӯз дар торҳои абрешими зиндагӣ асир будам, мисли садҳо ва ҳазорҳо инсони дигар, ба он авҷ расидан, ба он ворастагӣ ва бениёзӣ расидан...

Оҳ, шояд ҳамаи солҳои умрам кофӣ набуданд ва ман беҳуда талош мекардам, беҳуда талош мекардам, то ӯро ба сатҳи замин, ба он ҷое, ки худам зиндагӣ мекардам, бозгардонам. Аз муқобили ганҷаи китобҳояш баргашт ва канори ман истод. Мисли шайтоне торик ва васвасаангез буд.

«Гуфтӣ ин охирин бор аст, ки ба дидани ман меоӣ, на?»

Қалбам ларзид. Намехостам ӯ ба ҳамин осонӣ ин дурӣ ва гусастанро қабул кунад, дилам мехост дастамро бигирад ва маро ба худаш бифишорад ва дар садояш андуҳе бошад ва бигӯяд:

- Ту ин корро ба хотири ман нахоҳӣ кард.

Аммо ӯ хомӯш буд. Суратамро ба тарафи торикӣ баргардондам ва навмедона гуфтам:

- Ин тавр тасмим гирифта будам ва ҳоло чӣ тавр?

Бештар ба тарафам хам шуд. Оҳ, ӯ наздики ман буд, зиндагии ман буд ва ман дигар чӣ мехостам? Ҳоло, ҳоло..., оҳ, намедонам!

Шояд ӯ ҳаминро мехост, ҳамин тазалзул ва тардидро ва ман ӯро кашф намекардам. Ин хеле дарднок буд. Он вақт ӯ боитминон бархост:

- Шомро бо ҳам мехӯрем.

Ман соатамро нигоҳ кардам. Ҳаштуним буд ва андешидам:

- Набояд таслим бишавам, набояд мағлуб бишавам.

Ва дар ҳамон ҳол гуӣ ӯ бо нигоҳаш ба ман мегуфт:

- Духтари кучулӯи аҳмақ, фатҳ ва шикаст чӣ маънӣ дорад... Оё дӯст доштан барои ту кофӣ нест? Албатта шом мехӯрем, аммо баъд...

Ва ӯ бо хунсардӣ гуфт:

- Баъд ҳар тавр, ки дилат мехоҳад, рафтор кун. Ман ин ҷо намемонам.

Ва фақат ин ҳарфро задам, то ӯ бигӯяд:

- Бимон!

Ва лоақал як бор аз ман бо калима, калимае, ки дар гӯши ман садо мекунад, чизе хоста бошад.

Аммо ӯ хандид, хандааш ранҷам медод, чун медонистам, ки ҳама чизро дар ман мехонад. «Албатта, агар бихоҳӣ меравӣ». Ман, бе он ки худам бихоҳам, илтисос мекардам,  бо ҷумалоте, ки ҳеч мафҳуми дигаре ҷуз тазаруъ надошт ва ӯ... Ӯ маро хурд ва мағлуб мекард, бе он ки лаҳзае аз он авҷи бениёзӣ поён омада бошад.

Оҳиста гуфтам:

- На, агар ту бихоҳӣ, мемонам... ва дар ғайри ин сурат...

Нигоҳашро бо диққат ба чашмони ман дӯхт, мисли ин ки мехост бигӯяд:

- Бозӣ макун, ман дасти туро хондаам.

Ва бо лаҳни киноялуде гуфт:

- Ман одат накардаам амр кунам. Ба хусус дар муқобили хонуме... Ту медонӣ, ки дар ин маврид худат бояд тасмим бигирӣ.

Мизи кӯчакашро ҷилу кашид:

- Шароби хубе ҳам дар хона дорем.

Ман медонистам, ки таслимам ва талоше накардам. Ҳеч чиз нагуфтам. Метарсидам, ки то марҳилаи зани ҳисобгире таназзул кунам.

Дар муқобили ман пушти миз нишаст ва дар ҳоле ки ҷомро пур мекард, ба шӯхӣ гуфт:

- Онҳое, ки бо забонашон ба одам фаҳш медиҳанд, бо қалбашон одамро навозиш мекунанд.

Ва бо лабханди пурмаъное ба сурати ман нигоҳ кард. Шаб торику сангин буд ва оташ дар бухорӣ бо замзамаи мулоиме шуъла мекашид. Хаста ва ноумед

сарамро баланд кардам ва атрофро нигаристам. Ҳамааш китоб, китоб, китоб, ҳамаи деворҳо аз қафасаҳои китоб пӯшида шуда буд ва ӯ дар миёни ин ҳама китоб зиндагӣ мекард.

Ва ногаҳон ҳис кардам, ки ӯ бароям сангин ва ғайри қобили дарк аст. Наметавонам таҳаммулаш кунам. Ҳис кардам, ки аз ӯ дурам. Он вақт сарамро дар миёни ду даст гирифтам ва талхӣ гиристам.

- Оҳ, Худои ман, пас ман чӣ бояд бикунам?

Ва ӯ бо хунсардӣ гуфт:

- Дӯсти кӯчаки ман, нӯшиданиатро бихӯр, он вақт меравем дар он утоқ дароз мекашем ва ман барои ту қисса мегӯям.

Сарамро баланд кардам. Чизе дар чашмҳояш месӯхт. Ҳис кардам, ки пилкҳоям доғу сангин мешаванд. Руъёе рӯи пайкҳоям истода буд. Шаб дар зулмат нафас мекашид, аммо ба назарам расид, ки аз пушти шишаҳои панҷара офтоб ба даруни утоқ нуфуз мекунад...

## МУНДАРИЧА

**ДАФТАРИ АВВАЛ: «АСИР»**
**1.** Шаб ва ҳавас
**2.** Шуълаи рамида
**3.** Рамида
**4.** Хотирот
**5.** Руъё
**6.** Ҳарҷоӣ
**7.** Асир
**8.** Бӯса
**9.** Ноошно
**10.** Ёде аз гузашта
**11.** Поиз
**12.** Видоъ
**13.** Афсонаи талх
**14.** Гурез аз дард
**15.** Интиқом
**16.** Деви шаб
**17.** Исён
**18.** Шароб ва хун
**19.** Дидори талх
**20.** Гумгашта
**21.** Аз ёд рафта
**22.** Ношинос
**23.** Чашм ба роҳ
**24.** Ойинаи шикаста
**25.** Даъват
**26.** Хаста
**27.** Бозгашт
**28.** Нақши пинҳон
**29.** Бемор
**30.** Меҳмон
**31.** Рози ман
**32.** Духтар ва баҳор

**33.** Хонаи матрук
**34.** Як шаб
**35.** Дар баробари худо
**36.** Эй ситораҳо
**37.** Ҳалқа
**38.** Андуҳ
**39.** Сабри санг
**40.** Аз дӯст доштан
**41.** Хоб
**42.** Садое дар шаб
**43.** Бо кадом даст
**44.** Дарёӣ

**ДАФТАРИ ДУВВУМ: ДЕВОР**

**1.** Гуноҳ
**2.** Руъё
**3.** Нағмаи дард
**4.** Гумшуда
**5.** Андуҳпараст
**6.** Қурбонӣ
**7.** Орзу
**8.** Обтанӣ
**9.** Сапедаи ишқ
**10.** Бар гӯри лайлӣ
**11.** Эътироф
**12.** Ёди як рӯз
**13.** Мавҷ
**14.** Шавқ
**15.** Андуҳи танҳоӣ
**16.** Қиссае дар шаб
**17.** Шикасти ниёз
**18.** Шукуфаи андуҳ
**19.** Посух
**20.** Девор
**21.** Ситеза

**22.** Қаҳр
**23.** Ташна
**24.** Тарс
**25.** Дунёи  сояҳо

## ДАФТАРИ САВВУМ: ИСЁН

**1.** Исён (бандагӣ)
**2.** Исён (худоӣ)
**3.** Исёни Худо
**4.** Шеъре барои ту
**5.** Пуч
**6.** Дайр
**7.** Садо
**8.** Булӯри руъё
**9.** Зулмат
**10.** Гираҳ
**11.** Бозгашт
**12.** Аз роҳи дур
**13.** Раҳгузар
**14.** Суруди зебоӣ
**15.** Ҷунун
**16.** Баъдҳо
**17.** Зиндагӣ
**18.** Зевари зан

## ДАФТАРИ ЧАҲОРУМ: ТАВАЛЛУДИ ДИГАР

**1.** Он рӯзҳо
**2.** Гузарон
**3.** Офтоб мешавад
**4.** Рӯи хок
**5.** Шеъри сафар
**6.** Бод моро хоҳад бурд
**7.** Ғазал
**8.** Дар обҳои сабзи тобистон

**9.** Миёни торикӣ
**10.** Бар ӯ бибахшояд
**11.** Дарёфт
**12.** Васл
**13.** Ошиқона
**14.** Пурсиш
**15.** Деворҳои марз
**16.** Ҷумъа
**17.** Арӯсаки кӯкӣ
**18.** Танҳоии моҳ
**19.** Маъшуқи ман
**20.** Дар хиёбонҳои сарди шаб
**21.** Дар ғуруби абадӣ
**22.** Мурдоб
**23.** Ояҳои заминӣ
**24.** Ҳадя
**25.** Дидор дар шаб
**26.** Ваҳми сабз
**27.** Ҷуфт
**28.** Фатҳи боғ
**29.** Гули сурх
**30.** Ба Алӣ гуфт модараш рӯзе
**31.** Паранда фақат як паранда буд
**32.** Эй марзи пургавҳар
**33.** Ба офтоб саломи дубора хоҳам дод
**34.** Ман аз ту мемурдам
**35.** Таваллуде дигар

## ДАФТАРИ ПАНҶУМ: ИМОН БИЁВАРЕМ БА ОҒОЗИ ФАСЛИ САРД,

**1.** Имон биёварем ба оғози фасли сард
**2.** Баъд аз ту
**3.** Панҷара
**4.** Дилам барои боғча месӯзад
**5.** Касе, ки мисли ҳеч кас нест

**6.** Танҳо садост, ки мемонад
**7.** Паранда мурданист

**ФУРӮҒ ВА ШЕЪР**
Ба сӯи мо биё!
Бозгашт
Ҷавоби зебои Фурӯғи Фаррухзод ба шеъри «Себ»-и Ҳамид Мусаддиқ
**НАСРИ ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД**
Бетафовут

# ФУРӮҒИ ФАРРУХЗОД

## КУЛЛИЁТИ АШЪОР

Баргардони матн: **Исмоили ЗАРИФӢ**
Муҳаррир: **Равшани ҲАМРОҲ**
Мусаҳҳеҳ: **Миҷгонаи АЮБЗОДА**

**Ба матбаа супурда шуд. Ба чоп имзо шуд.**
**Андозаи 84Х108 $^{1}/_{32}$. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ.**
**Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ . Ҷузъи нашрию ҳисобӣ .**
**Адади нашр 200. Супориши № . Нархи шартномавӣ.**